А. М. Муратова, К. Ҷ. Артиқов

# МУСИҚӢ

Синфи 6

Дастури методӣ барои омӯзгорон

Бишкек – 2018

УДК 372.8
ББК 74.266.7
М 91

Муратова А. М., Артиқов К. Ҷ.

М 91 **Мусиқӣ:** Синфи 6: Дастури методӣ барои омӯзгорон – Б.: Билим-компютер, 2018. – 80 с.

ISBN 978-9967-31-801-4

Дастури методӣ дар асоси меъёри фаннӣ ва барномаи таълимии «Мусиқӣ», ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст.

Қисми асосии дастур барои омӯзгоронро дарсҳо ташкил медиҳанд. Аз рӯи фанни «Мусиқӣ» барои синфи 6 ҳамчун тавсияи методӣ талаботи асосие, ки барои омодагиии толибилмон зарур мебошанд ва ҳамчунин маслиҳатҳои методӣ дода шудаанд. Илова бар он пас аз ҳар як чоряки таълимӣ тестҳо пешниҳод шудаанд.

**М 4306011800 – 18**

**УДК 372.8**
**ББК 74.266.7**

ISBN 978-9967-31-801-4

© Муратова А., Ортиқов К., 2018
© Вазорати маориф ва илми ҶҚ , 2018

# МУҚАДДИМА

Дастури методӣ барои омӯзгорони фанни «Мусиқӣ» барои синфи 6 аз рӯи барномае, ки дар асоси стандарти фаннӣ тартиб гардидааст, навишта шудааст.

Мавзуъи солона «Образи мусиқӣ» ном дорад. Дар чоряки 1-ум ва 2-юм мо барои толибилмон мафҳумҳои «композитор» ва «мусиқии композиторӣ»-ро шарҳ, образи бадеиро тавассути ошноӣ бо асарҳои классикии бастакорони қирғиз ва роҳи эҷодии иҷрокунандагон нишон медиҳем.

«Драматургияи мусиқӣ». Дар чоряки саввум толибилмон дар бораи драматургияи мусиқӣ маълумоти умумӣ ба даст хоҳанд овард. Толибилмон тавассути ошноӣ бо ҳаёт, эҷодиёт ва асарҳои навозандагони машҳури халқи қирғиз мавзуъи чоряки саввумро аз худ хоҳанд кард.

Дар чоряки 4-ум мавзуъи «Драматургияи мусиқӣ» идома ёфта, шогирдон дар бораи чӣ будани оркестр маълумот ҳосил карда, бо оркестри созҳои миллии қирғизии ба номи К. Оразов, дирижёрони он, мусиқии хорӣ, хормейстерҳо ва дирижёрҳои машҳур, мусиқии эстрадӣ ва компютерӣ ошно хоҳанд шуд. Дар асоси ин мавзуъҳо толибилмон беҳтарин намунаҳои мусиқии ҳирфавии қирғизро гӯш карда, тавассути суруду омӯзиш маълумоти мусиқӣ ба даст меоваранд. Асарҳои мусиқавие, ки барои дарсҳои барнома интихоб шудаанд, аз нигоҳи ғоявию бадеӣ пурарзиш ва намунавӣ ба шумор меараванд. Онҳо шуури маърифатии толибилмонро парваришу тарбия дода, саҳми бебаҳое дар ташаккули фарҳанги мусиқии онҳо мегузорад. Барои бедории фаъолияти эчодӣ, қобилият, истеъдоди онҳо имкониятҳо боз мекунад. Муҳим аз ҳама, дарки ҷаҳонии толибилмонро рушд мебахшад.

Ҳадафи асосии ҷараёни таълими фанни «Мусиқӣ» -ин такмили дониши толибилмон, тарбия, ташаккули лаёқат, малакаҳо ва завқи зебопарастии онҳо, бедор кардани майлу рағбат ба мусиқӣ, рушди фаъолияти мустақилона, тафаккур, тамоюли эҷодӣ ва ҳамчунин баргузории дарсҳои мусиқӣ дар робита ба дигар фанҳо мебошад.

Аз ин рӯ, барои шогирдон зарур аст, то дар дарсҳои мусиқӣ вақтро оқилона истифода баранд. Онҳо тавассути шунидани мусиқӣ, бозиҳои мусиқавӣ ва суруд бояд бо мусиқии бастакорон, оҳангсозон шинос гарданд. Шогирдҳо тавассути иттилои мукаммалу ҳамаҷониба дар бораи вижагиҳо ва сабки иҷро маълумот ба даст биёваранд. Дар дастури таълимию методӣ дарсҳо бо истифода бурдан аз шаклҳу методҳои гуногуну рангоранг пешниҳод шудаанд. Ин дарсҳои таҳияшуда дар шакли намунаҳо нишон дода шудаанд.

Дар дастури методӣ, ки барои омӯзгорон пешбинӣ шудааст, дар охири ҳар як чоряк тестҳо аз саводи мусиқӣ ва маълумоти назариявӣ дода шудаанд. Дар дастури таълимӣ барои синфи 6 маводҳои асосию калидӣ барои азхудкунӣ аз якчанд қисм иборат мебошад: асоси назариявӣ, омӯзонидан, пурсишҳо, супоришҳо, саводи мусиқӣ, рубрикаи «Таваҷҷуҳ кун!», асар барои сурудан ва шунидан.

*Муваффақиятҳо ёрат, омӯзгор!*

**Робитаи дарсҳои мусиқӣ бо фанҳои зерин:**

- бо адабиёт («Манас», «Семетей», «Замини модарон» -и Ч. Айтматов, матни сурудҳои оқинҳо ва ғайра);
- бо эҷодиёти тасвирию бадеӣ – портрет, пейзаж, тасвирнигора – фазо, навои мусиқӣ, декоратсияи опера ва балет ва ғайра;
- бо таърих – таърихи тавлиди асарҳо, ҳодисаҳои таърихие, ки дар онҳо инъикос шудаанд;
- бо забоншиносӣ – тавассути хондан, таҳлил ва нақли матн тарбият намудани фарҳанги нутқ, ташаккули фарҳанги хат;
- бо Ватаншиносӣ ва ё табиатшиносӣ- асаре, ки ба халқиаш, сарзаминаш бахшида шудааст, тасвире, ки давраҳои гуногун ва ҳодисаҳои табииро инъикос мекунад.

**Талаботи асосӣ, ки дар таҳияи соли таълимӣ аз рӯи фанни «Мусиқӣ» барои синфи 6 пешниҳод гардидааст:**

Аз рӯи барномаи таълимии синфи 6 толибилмон бояд мафҳумҳои зеринро донанд, дарк ва фарқ кунанд:

- мусиқӣ ҳамчун яке аз навъҳои ҳунар (санъат):
- дарки мусиқӣ чун бахши ҷудоинопазири фарҳанги маънавӣ;
- жанрҳои асосии мусиқии ҳирфавӣ (касбӣ) ва халқӣ (мардумӣ);
- шаклҳои асосии мусиқӣ;
-Вижагиҳои муҳими фаъолияти композиторон (бастакорон) ва оҳангсозон (мелодистҳо);
- навъҳои оркестрҳо ва созҳо;
- фарқ байни дирижёри оркестр ва дирижёри хор;
- бо эҳсос ва образнок дарк кардани асари мусиқавӣ;
- пас аз шунидани маводи омӯхташуда, толибилм бояд донад, ки ин кадом асари мусиқӣ ва ё порчае аз он аст.
- бо ҳамовозии созҳои мусиқӣ ва ё бе истифода аз онҳо иҷро кардани таронае, ки дар дарсҳои гузашта омӯзонида шудааст;
- дар асоси донишҳои ба дастовардашуда муқоиса кардан ва шарҳ додани лаҳзаҳои асосӣ ва умумии асари мусиқавӣ;
- фарқ карда тавонистани лаҳни созҳо ва навъи хорҳо;
- аз нигоҳи худ таҳлил карда тавонистан, ифроз доштани фикри худ дар бораи асари шунидашуда;
- мустақилона ғанӣ гардонидани донишҳои мусиқӣ: ба таври иловагӣ мутолиа кардани адабиёти мусиқавӣ, иштирок кардан дар ҳар гуна консертҳо, тамошо кардани спектаклҳои мусиқавӣ, ҳунарнамоиҳои телевизионӣ;
- тавассути маводи мусиқавӣ фаро гирифтани роҳҳо ва шеваҳои яккахонӣ ва хорсароӣ;
- истифода бурда тавонистани воситаҳои мусиқӣ дар мусиқӣ;
- тавассути донишҳо, лаёқату малакаҳои ба даст овардашуда ширкат варзидан дар чорабиниҳои гуногун, ки ба эҷодиёти мусиқавӣ бахшида шудаанд.

---

[1] Барнома аз рӯи фанни «Мусиқӣ» барои синфҳои 5–7-и муассисаҳои таълимии ҳамагонӣ. Мураттибон: Ж.С. Дуйшеналиев – ходими калони илмии Академияи маорифи Қирғизистон, мусиқишинос; М. Касей – дотсенти Консерваторияи Миллии Қирғизистон ба номи К. Молдобасанов.

## Тавсияҳо барои омӯзгорон

Матнҳое, ки дар китоби дарсии «Мусиқӣ»-и синфи 6 мавҷуд ҳастанд, маълумоте мебошанд, ки ба толибилмон доир ба мавзуъ тасаввуроти умумӣ медиҳанд. Омӯзгори мусиқӣ ба толибилмон роҳеро нишон медиҳад, ки тавассути он метавон матнро хонда, сари он андеша карда, дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти ягон нафар намояндаи фарҳанги мусиқавӣ маълумоти амиқтар ба даст оваранд.

Зарур аст, то барои ба даст овардани маълумоти иловагӣ супоришҳо дода шавад. Ҳамчунин ба шогирдон тавсия дода шаванд, ки онҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ, сабтҳои аудиоиёӣ ва видеоиро гӯш ё тамошо кунанд. Пурсишҳо ва супоришҳои додашуда барои рушди тафаккури толибилмон мусоидат мекунанд. Агар шеваҳои фаъоли омӯзиш истифода шуда, лаҳзаҳои муаммобарангез эҷод шаванд, метавон ба бедор шудани майлу кӯшиши шогирдон дар роҳи иҷрои талаботе, ки дар назди ҷуфтҳо, гуруҳҳо ва ё ҳар як толибилм гузошта шудаанд, ноил шуд.

Рубрикаи «Таваҷҷуҳ кун!» ва фарҳангномаи( луғати) мусиқӣ дар пеши ҳар як толибилм талаботро оид ба ба даст овардани дониш мегузорад. Зеро ки лаҳзаҳои асосии ҳар як мавзуъ дар таври кӯтоҳ ва маҳз аз рӯи ин аломатҳо дода шудаанд. Илова бар он, дар рубрикаи мазкур бояд таваҷҷуҳи толибилмон ба моҳияти асарҳо, ки дар китоби дарсӣ нишон дода шудаанд, равона гардад. Зеро ки ҳадафи асосии дарсҳои мусиқӣ -ин на танҳо шинос намудани толибилмон бо ҳаёт ва эҷодиёти муаллифон, балки дарк кардани моҳияти асарҳо ва ҳифз намудани онҳо дар хотираашон мебошад.

Ҳангоми азхудкунии маводҳои китоби дарсӣ оид ба суруд, омӯзгор дар навбати аввал шогирдонро таври муфассал бо қоидаҳои сурудхонӣ, шеваҳои яккахонӣ ва хорсароӣ ошно месозад.

Тавассути омӯзонидани роҳу шеваҳои сурудхонӣ дар хор, дар назди толибилмон вазифаи аз лаҳну овоз берун набаромада суруд хондан дар ансамбл, дарки дуруст ва дақиқ иҷро кардани ишораҳои дирижёр, гузошта мешавад.

Ғайр аз он, омӯзгори мусиқӣ ба тағйири овози (мутатсияи) кӯдакон эътибор дода, ба онҳо бояд бифаҳмонад, ки набояд баланд фарёд зананд ва ҳалқаҳои овозиро таранг созанд. Дарси «Мусиқӣ» дар ҷадвали дарсии субҳгоҳӣ набояд дар дарсҳои якум ва дуввум гузошта шаванд. Зеро ки дар ин вақт то ҳанӯз ҳалқаҳои овозии кӯдакон пурра кушода нашуда ва баъди хоб эҳёю барқарор нашудаанд.

Ҳангоми ёд додани сурудҳо, марҳила ба марҳила аз худ кардани он тавсия дода мешавад. Бо баробари рушди сурудхонӣ, ҳангоми омода кардани овози хонанда ба суруд, бояд барои ба вуҷуд овардани навъҳои гуногуни малакаҳои вокалӣ (сарояндагӣ) саъй кард.

Иҷроиши дуруст созмондодашуда имконият медиҳад, то ҳадафи дарс амалӣ гардад, фаъолияти эчодӣ ва қобилияти толибилмон ташаккул ёбад, лаёқат ва малакаҳо рушд кунанд, майлу рағбат ба мусиқӣ бедор гардад.

Ҳадафи асосии дарсҳои мусиқӣ ва муҳимтарин чиз ҳангоми шунидани мусиқӣ -ин дарки бошууронаи асари мусиқӣ, тавассути мусиқӣ фарқ карда тавонистани ғаму шодӣ, неку бад, ошкор ва муайян кардани образҳои мусиқавӣ ва драматургияи мусиқавӣ, ки дар асар ҷой дорад, ба шумор меравад.

Барои он ки сатҳи рушди фарҳанги шунавоии шогирдон муайян карда шавад, онҳо бояд асарҳои шаклашон ва жанрашон гуногуни мусиқиро гӯш карда, онҳоро таҳлил намоянд.

Пас аз намоиши мусиқӣ бояд ба шогирдон имконият фароҳам оварда шавад, то онҳо андешаҳои худро бигӯянд ва байни ҳамдигар онро қазоват бикунанд. Бад-ин тартиб, шароит барои тафаккури онҳо, барои рушди сифатҳои пажуҳишгарӣ (муҳаққиқии) онҳо фароҳам хоҳад омад. Шунидани мусиқӣ бояд дар тамоми раванди дарсҳои мусиқӣ мавҷуд бошад. Таври мисол, ҳам барои сурудхонӣ ва ҳам ҳаракатҳои мусиқавии ритмӣ, ҳам барои навохтани созҳои мусиқӣ дар навбати аввал бояд мусиқӣ шунида шавад. Ҳамзамон, шунидани мусиқӣ фаъолияти мустақилона ба шумор меравад. Мусиқӣ бо такя бар воситаҳои бадеии ифода (сохтори парда, аломатҳои динамикӣ, суръат, ритм, вазн, лаҳн, садо, савту оҳанг, иҷроиши созӣ ва яккахонӣ) таъсири худро мегузорад.

Шогирдон бояд дорои маълумоти васеъ доир ба ин воситаҳои бадеӣ дошта бошанд. Зеро онҳо шароитро барои дарки амиқи асари бадеӣ фароҳам месозанд.

Маълумоти мухтасар дар бораи методикаҳое, ки ҳангоми коркарду таҳияи дарсҳо истифода мешаванд. Ҳангоми баргузории дарсҳои мусиқӣ ҳамчунин интихоби маҷмуъи методҳои гуногуни умумии илмӣ ва педагогӣ зарур аст.

Дар байни онҳо: методи бадеии дарки ахлоқию эстетикии мусиқӣ, методи эҳсосию драматикӣ, методи интонатсиявию услуби дарки мусиқӣ, контексти (муҳтавои) бадеӣ, методи тартиб додани композитсия, методи робитаи мутақобилаи байнифаннӣ, методи таълими проблемавӣ, методи муқоисавӣ.

Ба низом даровардани ин методҳо ва истифодаи дурусти онҳо натиҷаҳои фаъолияти таълимиро дучанд меафзоянд.

Муваффақияти таълим ва амалӣ намудани ҳадафҳои он, на танҳо аз мазмуну муҳтавои маводи пешниҳодшаванда, балки аз методи интихобшуда вобаста аст. Методҳои таълим хеле зиёд ҳастанд. Аз онҳо мо метавонем се қисматҳои бузургро интихоб намоем:

1. Методи амалигардонӣ тавассути ташкили фаъолияти бошууронаи толибилмон;

2. Методи ҳавасмандкунӣ тавассути мотиватсияи( майлу рағбат) фаъолияти бошууронаи шогирдон;

3. Методи баҳодиҳии натиҷаҳо тавассути санҷиши фаъолияти бошууронаи толибилмон.

Дар раванди созмондиҳии таълим ин се қисм бояд меҳвари асосӣ ҳангоми истифодабарии методҳои дигар гардад. Методҳои анъанавии маъмулӣ барои муайян кардани меъёрҳои қонунҳои аз ҳама асосии раванди таълим равона шудаанд. Навъи методҳо: суҳбат, фаҳмонидан, мушоҳида кардан, таҳқиқ, аёният, кори амалӣ, қисса кардан. Дар таълими фанни «Мусиқӣ» ҷойи асосиро методи қисса (ҳикоя) кардан ишғол менамояд. Ҳангоми истифодаи методи мазкур омӯзгор пайдарҳамии мантиқиро риоя намуда, вазифадор аст, то мавзуъи дарсро таври дастрас шарҳ диҳад. Нутқи муллим бояд ба ҳама шогирдон фаҳмою шунаво бошад, талаффуз бояд дуруст ба роҳ монда шавад. Бо дарназардошти хусусияти синнусолии шогирдон бояд калимаҳо ва ҷумлаҳои сохташон гуногун истифода шаванд.

Ҳангоми тасвир намудани портрети эҷодӣ набояд бештар дар бораи тарҷумаи ҳоли одам суҳбат кард, балки ба самтҳои асосии эҷодиёти ӯ таваҷҷуҳ намуд. Омӯзгор бо суханрониҳои пурмуҳтавои хеш метавонад он шароитеро эҷод кунад, ки шогирдон бо хоҳиши бузург, бо эҳсос шоҳкори мусиқиро дарк бикунад. Ҳамон тавре педагоги бузург В. А. Сухомлинский гуфта буд: Бояд тори аз ҳама борикро дар руҳи инсонӣ- инсонгариро ҷӯр кард». Вале дар ин метод мавқеи омӯзгор фаъол буда, мавқеи шогирдон мунфаъил, яъне суст аст. Аз ин рӯ, он методе самарабахш хоҳад буд, ки агар методи қиссаю ҳикоят кардан бо дигар методҳо тавъаму якҷоя карда шавад.

**Дар дарсҳои мусиқӣ методи аёнӣ ба ду навъ тақсим мешавад:**

1. Методи аёнию шунавоӣ 2. Методи аёнию биноӣ.

**Методи аёнию шунавоӣ** методи аз ҳама асосӣ дар тарбияи мусиқӣ маҳсуб мешавад, зеро ки шунидани мусиқӣ –ин меҳвари тамоми фаъолияти мусиқавӣ аст. Муҳтавои методи мазкур аз шунидани офаридаи мусиқӣ тавассути воситаҳои техникӣ ва ё иҷроиши омӯзгор иборат аст. Агар омӯзгор худаш асарро месарояд, бояд тавре онро иҷро бикунад, ки шавқи толибилмонро бедор кунад ва шароите барои дарки эҳсосӣ дар сатҳи олии бадеӣ фароҳам оварад.

**Ин бар он марбут аст, ки мусиқӣ** -ин забони эҳсос аст ва аз тариқи он завқи мусиқии толибилмон ташаккул меёбад. Методи аёниву биноӣ методи ёридиҳанда дар тарбияи мусиқавӣ ба шумор меравад. Портретҳо, расмҳо, тасвирҳое (созҳо), ки дар дарс истифода мешаванд, шароите барои амиқан фаро гирифтани дарс аз ҷониби толибилмон муҳайё месозанд.

**Методи амалӣ** -ин яке аз методҳои асосӣ дар тарбияи мусиқӣ ба шумор меравад. Дар дарсҳои мусиқӣ ба шогирдон зарур аст, то омӯзгор шеваҳои гуногуни сароиданро нишон дода, худаш асарро дар созҳои мусиқӣ иҷро кунад, таври аён нишон диҳад, ки созро чӣ тавр дар даст нигаҳ бояд дошт, чӣ тавр ҳаракатҳои мусиқавӣ- ритмиро иҷро бояд кард. Сароиданро ёд дода, омӯзгор бо ёрии методҳои амалӣ нишон медиҳад, ки чӣ тавр дуруст нафас бояд кашид, овозҳоро шинохт, чӣ тавр диксияро, интонатсияро (оҳангро), суръатро, воситаҳои техникиро истифода бояд бурд. Тавассути методи суҳбат мо метавонем ҷаҳони ботинии толибилмонро, андешаҳои эҳсосотии онҳоро, хотираашонро, саъю кӯшишашонро бифаҳмем. Саволи додашуда ва ё мавзуъи суҳбат бояд дақиқ ва рӯшан матраҳ гардад. Бо ин метод метавон ба он ноил шуд, ки толибилмон посуххҳои якдигарашонро такмил ва саҳеҳ бикунанд. Лиҳозо, ба мурури замон дар коркарду таҳияи дарасҳо ғайр аз методҳои анъанавӣ, ҳамчунин методҳои фаъоли таълим истифода бояд шаванд. Методҳои фаъоли таълим-ин низоми (системаи) методҳоест, ки фаъолнокӣ ва рангорангии фаъолияти тафаккурӣ ва амалии шогирдонро дар ҷараёни азхудкунии маводи таълимӣ таъмин мекунанд. Ин равандест, ки толибилмонро ба азхудкунии мустақилона, ташаббускорона ва эҷодии маводи таълимӣ шавқманд месозад. Методҳои фаъоли таълим фаъолияти идрокии толибилмонро тақвият бахшида, ба баланд шудани он мусоидат мекунад.

Навъҳои методҳои фаъоли таълим: таълими проблемавӣ, таълим тавассути фаъолият, кори ҷуфтӣ ва гуруҳӣ, кори инфиродӣ, бозии ҳадафмандона, бозиҳои эҷодкорона, драматизатсия, театрализатсия, ротатсия (табодулаи

ҳамдигарии корҳо), мизи мудаввар, ҳуҷуми зеҳнӣ, мубоҳиса, мозаика, галерея, муколама. Ҳангоми истифодабарии методҳои фаъол, шогирдон андеша карда, ҳаллу фасл кардани бисёр проблемаҳоро( мушкилотро) ёд мегиранд: чӣ тавр бояд муносибатҳоро байни ҳамдигар ба роҳ монд, чӣ тар дар байни ҷамъият кор кард, чӣ тавр рақобат намуд. Онҳо ба мушкилоти замон рӯ ба рӯ шуда, байни ҳамдигар қарор мегиранд, мустақилона ҷавоб пайдо мекунанд ва қарорҳои оқилона қабул менамоянд.

Дар натиҷа, онҳо дар дарки олам, дар такмили донишҳои худ ба дастовардҳои баланд ноил мешаванд.

Кластер–ин ташкилотчии( созмондиҳандаи) графикӣ буда, ба омӯзгор ва шогирдон барои озодона баён кардан ва ёддошт намудани идея дар асоси мавзуъи омӯхташуда, кӯмак мерасонад.







**Синквейн** – ин кори эҷодӣ буда, дорои шакли кӯтоҳи шеърие мебошад, ки аз панҷ мисраъи бевазн иборат аст.

**Синквейн** – ин шеъри одӣ набуда, шеърест, ки аз рӯи қоидаҳои зерин иншо шудааст:

Мисраъи аввал як адад исмест, ки мавзуъи асосии синквейнро ифода мекунад.

Мисраи дуввум ду сифатест, ки маънои асосиро ифода мекунад.

Мисраи саввум се феълест, ки амалу фаъолиятро дар чаҳорчӯбаи мавзуъ ифода мекунад.

Мисраи чаҳорум – ибораест, ки дорои маънии мушаххас мебошад.

Мисраи панҷум – хулоса дар шакли исм( ассосиатсия бо калимаи аввал).

Мисол: Оркестр.
Симфонӣ, нафасӣ.
Иҷро мекунад, менавозад, садо медиҳад.
Дар он чаҳор гуруҳи созҳо мавҷуданд.
Коллективи мусиқавӣ!

Хангоми истифодабарӣ аз ин метод омӯзгор бояд ба шогирдон шарҳи дақиқу саҳеҳ дода, шароитро барои ҳар як шогирд барои кори мустақилона фароҳам оварад. Ҳар як шогирд имкониятҳои эҷодии хешро бояд ба намоиш гузорад.

Дар коркард ва таҳияи дарсҳо ҳамчунин тоблуи «Медонистам», «Мехоҳам бидонам» истифода шудааст.

«Медонистам». Ин тоблу ҳангоми баррасии нукоти муҳими мавзуъ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дарс метавонад истифода шавад. Ин метод барои ҳар як шогирд имкони худро санҷидан, такмилу илова кардан ва идрокро фароҳам месозад.

| fМедонистам | Мехоҳам бидонам | Донистам |
|---|---|---|
| | | |

*Эзоҳ*: Методҳои пешниҳодшуда мутобиқ ба андешаҳои муаллифон дода шудаанд. Дар дарсҳо метавонанд дигар методҳое низ истифода шаванд, ки махсус бо хоҳиши омӯзгор интихоб гардидаанд. Бо дарназардошти норасоии омӯзгорони мусиқӣ дар ҷумҳурӣ, коркарду таҳияи ҳама дарсҳо пешниҳод шудаанд.

**Истифодаи таксономияи Блум дар дарси «Мусиқӣ»**

Соли 1950 мутахассиси амрикоӣ оид ба равоншиносии когнитивӣ Бенжамин Блум системаеро ихтироъ кард, ки гуногунрангии қобилияти шогирдонро ҳангоми ба даст овардани маълумот нишон медод. Блум шаш навъи «таксономия» -ро оид ба азхудкунии донишҳое, ки фарогири соҳаи идрок, бахшҳои арзишӣ ва психофизиологӣ мебошанд, муайян кард.

**Таксономия** (қатор, пайдарҳамӣ ва қонун) – классификатсия ва систематизатсияи принципҳои ёдгирӣ ва татбиқи амалӣ мебошад.

| Таксономия (сатҳи ҳадафҳои маърифат | Қисса (амале, ки дастоварди шогирдро дар ин сатҳ нишон медиҳад) | Пурсишҳо барои баҳогузорӣ |
|---|---|---|
| **Дониш** (ҳифз кардан ва нақли маълумот) | Шогирд ба ёд мегирад ва метавонад маълумот, мафҳуми асосиро нақл кунад. | 1. Сарояндагони операсароро ном баред.<br>2. Дар бораи операи «Айчурек» нақл кунед.<br>3. «Образи мусиқавӣ» чист?<br>4. Таҳти ибораи «мусиқии композиторӣ» чиро мефаҳмем?<br>5. Консерватория кай таъсис дода шуд |
| **Дарк кардан** (қобилияти донистани материал, кори баъдӣ тавсия мешавад) | Қобилияти шогирд дар мавриди истифодаи донишҳои нав дар асоси таҷриба дар ҳолатҳои ноошно. | 1. Дар сурудхонӣ истифода бурдани методҳои яккахонӣ.<br>2. Навохтани созҳо.<br>3. Сухан кардан дар бораи маълумоти гирифташуда.<br>4. Имкон дорад . . .<br>5. Дар натиҷа… |
| **Таҳлил** (қобилияти тақсим кардани мавод ба қисмҳо ва таҳлил кардани сохтори онҳо) | Шогирд қобилияти тақсим кардани куллро ба ҷуз ва муайян кардани тафовут ва шабоҳати онҳоро дорад | 1. Хор тақсим мешавад ба …<br>2. Муқоиса …<br>3. Сабаб… |

| | | |
|---|---|---|
| **Синтез** (муайян кардани ҳодисаҳои умумии мавод, муттаҳид кардани қисмҳои онҳо | Толибилм метавонад дар бораи асосҳои тасмими гирифтааш ва ё дар бораи роҳҳои ин амал қисса кунад, метавонад дар ин бора эссе, ҳикоя нависад, нақшаи фаъолият тартиб диҳад. | 1. Шабоҳатро пайдо кардан.<br>2. Чӣ тавр мо метавонем тағйир диҳем…?<br>3. Ба низом даровар…<br>4. Таҳқиқ кун… |
| **Баҳогузорӣ** (арзаёбӣ) (қобилияти баҳогузорӣ намудани аҳамияти мавод) | Толибилм метавонад таҷрибаи нав, ғояҳо хулоса, нишондиҳандиҳандаҳои ибтидоиро баҳогузорӣ карда, аҳамияти онҳоро мушаххас кунад. | 1. Тафаккурро баҳогузорӣ кун…<br>2. Арзишро тафсир кун…<br>3. Сатҳро муайян кун…<br>4. Оё мувофиқат мекунад…<br>5. Метавонӣ баҳои нисбатан мукаммалтар бидиҳӣ?<br>6. Натиҷагирӣ кун … |

## Чоряки I. ОБРАЗИ МУСИҚАВӢ

Нақшаи тақвимӣ (8 соат)

| № | № Намуди дарс | Мавзуъи дарс | Репертуари мусиқавӣ | Супориши хонагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | Дарси азхудкунии донишҳо ва малакаҳои нав | Композитор К. Молдобасанов ва композитор Носир Давлесов | 1. Ёдгирӣ: «Мусиқӣ», мусиқии А. Машаев, матни А. Усмонов.<br>2. Шунидан: порчае аз балет-орторияи «Замини модарон».<br>3. Шунидан: порча аз балети П. И. Чайковский «Кули қувон»<br>4. Шунидан: суруди Зиёда аз операи мазҳакавии «Эҳтиёт, арӯс»-и Н. Давлесов. | 1. Азёд кардан: матни суруди «Мусиқӣ».<br>2. Шунидан (агар имкон бошаддидан): порча аз балет-ораторияи «Замини модарон».<br>3. Хондан: маълумот дар бораи композиторҳо.<br>4. Аз рӯи саводи мусиқавӣ ба маълумот таваҷҷуҳ намудан.<br>5. Азёд кардан: номи балетҳои қирғизӣ.<br>6. Видеои операи «Эҳтиёт, арӯс»-ро тамошо кардан.<br>7. Навиштан: эссе-иншо «Мусиқӣ дар ҳаёти ман». |
| 2 | Дарси омехта | Эҷодиёти иҷрокунандагӣ. Операсаро хонум Сайра Кийизбоева. Саводи мусиқавӣ: Реприза | 1. Шунидан: арияи Айчурек аз операи В. Власов, А. Малдибаев, В. Фере «Айчурек» дар иҷрои С.Кийизбоева.<br>2. Такрор: «Мусиқӣ», мусиқии А. Машаев, матни А. Усмонов.<br>3. Азёд: «Руҳи қирғизӣ», мусиқии К. Ортиқов, шеъри Г. Иманқулова | 1. Хондан: маълумот дар бораи эҷодиёти С. Кийизбоева.<br>2. Диққат додан, хондани маълумот дар бораи операи «Айчурек».<br>3. Азёд кардан: «Руҳи қирғизӣ», мусиқии К.Артиқов.<br>4. Ба ёд овардан: луғати мусиқавии синфи 5.<br>5. Аз рӯи саводи мусиқавӣ диққат додан ба қисми омӯхташуда.<br>6. Тамошо кардан: аз Интернет операи «Айчурек»-ро тамошо кардан. Муайян намудани образҳои мусиқавӣ. |
| 3 | Дарси омехта | Операсарои бузург Болот Минжилқиев. Саводи мусиқӣ: Аломати лига. | 1. Шунидан: арияи Семетея аз операи «Айчурек» дар иҷрои Б. Минжилкиев.<br>2. Шунидан: увертюраи операи В. Власов А. Малдибоев. В. Фере «Айчурек».<br>3. Шунидан: романс «Дурахш, дурахш, ситораи ман» дар иҷрои Б. Минжилкиев, шеъри В. Чуевский, мусиқии П. Булахов | 1. Хондан: дар бораи Б. Минжилкиев.<br>2. Дар ёд доштан: тақсими овозҳо.<br>3. Хондан, тамошо кардан: аз Интернет гирифтани маълумот дар бораи Б.Минжилкиев.<br>4. Такрори сурудҳо |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4 | Дарси илова кардан ва хулосакунии донишҳо | Операсароён Кайиргул Сартбаева ва Токтоналӣ Сейталиев | 1. Шунидан: арияи ЧиоЧио-Сан дар иҷроиши К.Сартбаева дар операи Дж. Пуччини «Чио-Чио-Сан».<br>2. «Алла», мусиқии К. Молдобасанов дар иҷрои К. Сартбаева<br>3. Тамрин: «Ҷавонони Қирғизистон», мусиқии А.Малдибоев.<br>4. Шунидан: арияи Токтогул аз операи М. Абдраев ва А. Малдибоев «Токтогул» дар иҷрои Т. Сейталиев.<br>5. Шунидан: лейтмотиви операи «Манас».<br>6. «Гул», мусиқӣ, шеъри А. Огамбаев дар иҷрои Т.  Сейталиев (иловагӣ). | 1. Хондан: маълумот дар бораи операсароён К. Сартбаева ва Т.Сейталиев.<br>2. Шунидан: «Алла», мусиқии К. Молдобасанов.<br>3. Тамрин: «Ҷавонони Қирғизистон», мусиқии А.Малдибоев.<br>4. Тамошо кардан: аз тариқи Интернет тамошо кардани яке аз операҳо бо иштироки К. Сартбаева.<br>5. Сароидан: «Ҷавонони Қирғизистон», диққат додан ба нотаҳои (адвори) нуқтадори ҳаштум ва шонздаҳум.<br>6. Тамошо кардан: аз Интернет тамошо кардани асар дар иҷрои Т. Сейталиев. |
| 5 | Дарси иловагӣ, умумӣ кардани донишҳо. | Операсароён Талгар Жакшиликов ва Карим Турапов.Саводи мусиқӣ | 1. Шунидан: ариозои шоҳ Рене аз операи П. Чайковский «Иоланта» дар иҷрои Т. Жакшиликов.<br>2. Шунидан: арияи Ленский аз операи П. Чайковский «Евгений Онегин» дар иҷрои К. Турапов.<br>3. Шунидан: «Дар ёди Ватан» дар иҷрои К. Турапов.<br>4. Тамрин: «Муҳаббат ба Қирғизистон»-и С. Рисбоев | 1. Хондан: дар бораи Талгар Жакшиликов ва Карим Турапов.<br>2. Такрор: «Ҷавонони Қирғизистон», мусиқии А. Малдибаев.<br>3. Такрор: «Мусиқӣ», А. Машаев.<br>4. Аз рӯи саводи мусиқавӣ диққат додан ба маълумот.<br>5. Тамрин: «Муҳаббат ба Қирғизистон», С. Рисбоев.<br>6. Тамошо кунед: аз Интернет тамошо кардани сурудҳо ва порчаҳо аз операҳо дар иҷрои Т. Жакшиликов ва К. Турапов |
| 6 | Дарси омехта. Аз худ кардани донишҳои гирифташуда | Сарояндагони камеравӣ Д. Джалгасинова ва А. Мирзабаев. Саводи мусиқавӣ: аломатҳои динамикӣ | 1 . Шунидан: «Замини қирғиз», мусиқии Н. Давлесов, шеъри Ж. Содиқов, дар иҷрои Д. Жалгасинова.<br>2. Шунидан: «Паризот», мусиқии С. Бекмуратов, дар иҷрои Д. Жалгасинова.<br>3. Шунидан: «Чолпон-Ата», мусиқии Н. Давлесов, дар иҷрои А. Мирзабаев.<br>4. Шунидан: «Ватан», мусиқии А. Долуханян, дар иҷрои А. Мирзабаев | 1. Хондан: маълумот дар бораи Д.Жалгасинова ва А.Мирзобоев<br>2. Шунидан: суруди «Замини қирғиз» дар иҷрои Д. Жалгасинова.<br>3. Такрори сурудҳо.<br>4. Такроран шунидани асарҳое, ки дар дарсҳо шунида шудаанд.<br>5. Тамрин: матни суруди «Замини қирғиз», ба шеъри Ж. Содиқов.<br>6. Тамошо кардан: аз тариқи Интернет тамошо кардани асар дар иҷрои Д. Жалгасинова.<br>7. Такрори мавзуъҳои омӯхташуда. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 7 | Дарси сан-ҷиши қоби-лияту малака, такрор ва баҳо-гузорӣ. | Дарс-консерт. Натиҷагирӣ аз чоряк. | Такрори ҳама маводҳои омӯхташуда, иҷрои сурудҳо. Викторинаи мусиқӣ. Тест | 1. Дар таътилҳо такрор кардан, иловатан хондан, шунидани маводҳои чоряки I.<br>2. Шунидан, аз тариқи Интер-нет тамошо кардани асарҳои омӯхташуда дар иҷрои сароян-дагони жанри опера ва камера |

## **Дарси 1 –2** (2 соат)
## Мусиқии композиторӣ. Композиторон К. Молдобасанов ва Носир Давлесов

**Ҳадаф ва вазифаи дарс:**

1. Додани маълумот дар бораи образи мусиқавӣ. Андеша рондан перому-ни ин, ки ҳар навъ асар дорои образи мусиқавии мазмун ва муҳтавои гуногун-дошта мебошад.

2. Муайян кард, ки образи мусиқӣ ҳамчун яке аз инъикоскунандаҳои ҳаёт тавассути мусиқӣ ифода мегардад.

3. Суҳбати мухтасар баргузор намуда, дар мавзуъи «Мусиқии композиторӣ» ва «Композитор кист?» маълумоти муфассал додан.

4. Шинос намудан бо фаъолияти композиторон К. Молдобасанов ва Н. Давлесов.

5. Ошно намудан бо асари К. Молдобасанов «Замини модарон». Шарҳ до-дани синтези ду жанри бузург.

6. Рушд ва ташаккул додани шунавоии мусиқавӣ.

7. Тавассути муҳтавои суруд таҳким бахшидани муносибатҳои дӯстона ва тарбият намудани заҳматписандӣ.

**Таҷҳизот:** портретҳои композиторони қирғиз, рус, хориҷӣ: Молдобасанов ва Давлесов, фортепиано, DVD-сентр, сабтҳои видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ, аксҳои балет-ораторияи «Замини модарон».

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидан: порча аз балет-ораторияи «Замини мода-рон». 2. Тамрин: «Мусиқӣ», мусиқии А. Машаев, шеъри А. Усмонов. 3. Шуни-дан: суруди Зиёда аз операи мазҳакавии «Эҳтиёт, арӯс»-и Н. Давлесов. 4. Шу-нидан: порча аз балети П. И. Чайковский «Кӯли қувон».

### Ҷараёни дарс

*Муаллим*: бачаҳо, чунончи мо пештар гуфта будем, дар чоряки якум мо кӯшиш мекунем амиқтар мавзуъи «Образи мусиқавӣ»-ро шарҳ бидиҳем.

**Маълумоти омӯзгор:** Шумо бояд хуб бидонед, ки образи мусиқавӣ чист, зеро ки мазмуни (муҳтавои) асари мусиқавӣ маҳз тавассути образи мусиқавӣ, яъне тавассути образи бадеӣ ифода меёбад. Мусиқӣ аз қисматҳои ба ҳам монанд иборат буда, аммо дар вай метавон ҳатман тағйирот ва ихтилофро мушоҳида кард.

**Санъат** (ҳунар) ин бозтоби бадеии ҳаёти воқеӣ тавассути образи бадеӣ буда, вале ҳунари мусиқӣ тавассути пардаю лаҳну оҳанги гуногун ва образҳои бадеӣ ( бо кӯмаки садоҳо) ифода мекунад.

Дар образи бадеии мусиқавӣ эҳсосот, таассурот, андешаву афкор, фаъолияти як ё якчанд нафар одамон, ягон навъ ҳодисаҳои табиӣ, воқеае аз ҳаёти инсон инъикос мешаванд.

Шунидан: биёед мусиқӣ гӯш мекунем. Бодиққат гӯш кунед ва мавзуъи «Образи мусиқавӣ»-ро ба ёд биёваред. Садо медиҳад: монологи «Модари Замин» аз балет-ораторияи «Замини модарон» (пас аз шунидан, бо шогирдон суҳбати озод баргузор намуда, саволе бидиҳед, ки шогирдонро ба қазоват кардан водорад, то онҳо бидонанд, ки «образи мусиқавӣ» чист?).

**Пурсишҳо барои муҳокима:**

1. Мусиқӣ ба табъ чӣ гуна таъсиргузор аст?

2. Тасаввур бикунед, ки кадом образи мусиқавиро Шумо метавонистед тасвир бикунед?

3. Тавсифи бадеии мусиқӣ: сабук, рақсӣ, боз ( кушод), тантанавӣ, ғамангез ва ғайра.

4. Вақте мусиқӣ гӯш мекунед, пеши назаратон кадом давр меояд?

Муаллим: бачаҳо, дар ёд доред: ҳар як асари мусиқавӣ ягон образи мусиқавиро ифода мекунад ва ягон лаҳзаи зиндагиро инъикос мекунад.

Муаллим: мо порчаеро аз балет-ораторияи «Замини модарон», ки аз ҷониби композитор К. Молдобасанов дар асоси асари Ч. Айтматов «Замини модарон» навишта шудааст, шунидем. Ин чӣ композиторе аст? Вай ба чӣ машғул мебошад?

Бачаҳо посуххҳои гуногунранг медиҳанд.

**Маълумоти муаллим:** Композитор (аз вожаи лотинии compositor - офаранда, иншокунанда) – одаме, ки мусиқӣ меофарад, муаллиф. Истилоҳи мазкур дар асри XVI дар Италиё маъмул гашт ва аз ҳамон вақт сар карда мусиқии ҳирфавии хаттии фарҳанги аврупоӣ-шимолиро ифода мекунад.

Муаллим: Мусиқии композиторӣ аз мусиқии халқӣ бо чӣ фарқ мекунад?

Бачаҳо ба пурсиш посух медиҳанд.

Муаллим: оре, бачаҳо. Мусиқии композиторӣ – ин мусиқиест, ки ба одамони дорои маълумоти махсус ва нерӯи қавии мусиқавӣ дошта тааллуқ дорад. Имрӯз мо бо рӯзгор ва роҳи эҷодии композиторони қирғиз Калӣ Молдобасанов ва Носир Давлесов шинос мешавем.

**Маълумоти муаллим:** Калӣ Молдобасанов – композитори қирғиз, дирижер, Ҳунарманди Мардумии Қирғизистон ва ИҶШС. Вай дар оилаи манасчӣ таваллуд шуда, дар окрестри созҳои халқӣ кор мекард. Дар оркестр кор карда, ҳамзамон дар омӯзишгоҳи давлатии мусиқавию хореографии ба номи М. Куренкееви Қирғизистон таҳсил мекард. Пас аз хатми омӯзишгоҳ дар студияи миллии назди Консерваторияи давлатии Маскав дар риштаи дирижёрӣ таҳсил кардааст. Молдобасанов фаъолияти дирижёрии худро дар Театри опера ва балети Қирғизистон шуруъ кардааст. Вай яке аз муаллифони суруди миллии (гимни) Қирғизистон ба шумор меравад.

Муаллим: бачаҳо, имрӯз мо бо балет-ораторияи ӯ «Замини модарон» шинос мешавем. Шумо мазмуни бадеии адабии ин асарро медонед?

Бачаҳо ба пурсиш посух медиҳанд.

Муаллим: дар балет-ораторияи «Замини модарон» тақдири зани одии қирғиз- Толганой, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ шавҳар ва се писарашро аз даст додааст, инъикос ёфтааст. Балет-ораторияи «Замини модарон» аз се воқеа ибора иборат аст. Вай 15-уми марти соли 1975 дар саҳнаи Театри миллии опера ва балети ба номи А. Малдибоеви Қирғизистон намоиш дода шуд. Либреттоpo М. Ахунбаев ва М. Боялинов навиштаанд. Балетмейстер Уран Сарбагишев, нақшҳои асосиро Рейна Чокоева ва Айсулуу Токомбаева иҷро кардаанд.

Шунидан: Монологи «Замин-Модар» – порча аз балет- ораторияи «Замини модарон».

Муаллим: бачаҳо, дар ёд дошта бошед, ки ин мусиқӣ аз балет- ораторияи К. Молдобасанов «Замини модарон» аст. Дар хона адабиёти иловагӣ бихонед.

**Супориши хонагӣ:**

1. Матни суруди «Мусиқӣ», мусиқии А. Машаев, шеъри А. Усмоновро азёд бикунед.

2. Шунидани порчае (агар имкон бошад тамошо кардани) аз балет- ораторияи «Замини модарон».

3. Мутолиаи маълумот дар бораи балет- ораторияи мазкур

Муаллим: дар зиндагии мо ҳамеша мусиқӣ ҳузур дорад. Шумо сурудро бар матни шоир А.Усмонов «Мусиқӣ» аз ёд кардед. Вай ба Шумо чӣ таассурот боқӣ гузошт? Чаро ин суруд бароятон писанд омад?

Бачаҳо андешаҳояшонро баён медоранд.

Муаллим: посухҳоро арзаёбӣ карда, барои хона супориш медиҳад: навиштани эссе-иншо дар мавзуъи «Мусиқӣ дар ҳаёти ман». (муаллим дар бораи муаллифи шеър маълумот дода, якҷо бо шогирдон воситаҳои бадеии мусиқавиро ва тарзи иҷроиши сурудро муҳокима мекунад).

Муаллим чӣ тавр ҳифз кардани сурудро ибора ба ибора ёд медиҳад. Шогирдон бояд дурусту дақиқ иҷро кардани банди якуми шеърро ёд бигиранд.

Муаллим: дарсро ҷамъбаст ва натиҷагирӣ мекунем. Таи ду дарс мо дар бораи мавзуъи «Образи мусиқавӣ» маълумот ҳосил карда, онро шарҳ додем. Биёед табодули андеша мекунем. Дар хотираи Шумо чӣ монд? Чӣ писанд омад? Боз Шумо чиро мехостед бидонед? (шогирдон андешаҳои худро дар шакли муҳокима иброз намуда, ба якдигар саволҳо медиҳанд. Бояд ба балет-ораторияи «Замини модарон» диққат дод ва мафҳуми образи мусиқавиро комилу пурра кард. Пас аз он муаллим дарсро ҷамъбаст намуда, шогирдонеро, ки дар дарс фаъолона ширкат варзиданд, ном мебарад ва барои хона супориш медиҳад).

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ нишон дода шудааст).

*Ҳамовозии мусиқавӣ.*

## Дарси 3
## Маҳорати иҷрокунандагӣ. Операсаро хонум Сайра Кийизбоева

**Ҳадафи дарс:**

1. Додани маълумоти амиқ дар бораи маҳорати иҷрокунандагӣ ва дар маҷмуъ дар бораи сарояндагони опера.

2. Шинос намудан бо роҳи эҷодии операсаро хонум Сайра Кийизбоева.

3. Шинос намудан бо операи «Айчурек», шунидани порчае аз опера дар иҷрои С. Кийизбоева.

4. Образи мусиқавӣ имкони онро медиҳад, то ҳис бикунӣ, ки тавассути мусиқӣ лаҳзаҳои кӯтаҳи зиндагӣ инъикос ва бозтоб меёбанд.

5.Ташаккул додани завқи мусиқии толиблмон, бедор кардани шавқи онҳо ба мусиқии классикӣ.

6. Шарҳу тафсир додани муҳтавои операи «Айчурек».

**Таҷҳизот дар дарс:** портрети композиторони қирғиз, портрети С. Кийизбоева, тасвири воқеаҳо аз саҳнаҳои операвӣ, фортепиано, DVD-сентр, сабти видеоӣ ва ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ.

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Такрор: «Мусиқӣ», мусиқии А. Машаев, шеъри А. Усмонов. 2. Шунидан: арияи Айчурек аз операи «Айчурек» дар иҷрои С. Кийизбоева. 3. Тамрин: «Руҳи қирғизӣ», мусиқии К. Ортиқов, шеъри Г. Имонқулова.

**Ташкили дарс:** салому алейк, сабти журнал. Назорат кардан аз болои он, ки чӣ тавр шогирдон ҷойҳои худро ишғол мекунанд. Муҳайё кардани муҳити солиму мусоид.

**Ҷараёни дарс:** тақвият бахшидани дониши толибилмон доир ба мавзуъҳои омӯхташуда.

Муаллим: бачаҳо, мо дар дарсҳои гузашта дар бораи чӣ суҳбат мекардем? (мусиқии халқӣ ва композиторӣ, образи мусиқавӣ). Шумо ибораи «мусиқии композиториро чӣ тавр мефаҳмед? Агар асар муаллиф дошта бошад, пас чунин мусиқиро чӣ ном мебаранд? Вай аз мусиқии халқӣ чӣ тафовут дорад? Сурудҳои халқӣ чӣ тавр ҳифз шуда, то замони мо омада расидаанд? Ба ду навъи мусиқӣ мисолҳо оваред!

Шогирдон: сурудҳои халқии: «Ширилдан», «Бекбекей», «Комузчу» ва ғайра. Сурудҳои композиторӣ суруди миллии Қирғизистон, ки аз тарафи гурӯҳи муаллифон навишта шудааст, «Тӯси сафед»-и Ж. Муратов, «Сиймик»-и Т. Чокиев ва ғайра.

Муаллим: офарин, бачаҳо. Бигӯед, мо боз бо кадом композиторон ошно шудем?

Шогирдон: К. Молдобасанов ва Н. Давлесов (шогирдон бо хоҳиши худ ҳар он маълумотеро, ки дар бораи ин композиторон ва асарҳои онҳо медонанд, иброз медоранд. Муаллим саволҳоро барои мукаммалу пурра намудани маълумоташон медиҳад, шогирдҳо ҷавоб медиҳанд).

Муаллим: Шумо дар бораи балет-ораторияи «Замини модарон» чӣ гуфта метавонед? Дар ин асар Шумо кадом образҳои мусиқавиро мушоҳида кардед? «Образи мусиқавӣ» чист? (шогирдҳо ҷавоб медиҳанд. Агар зарур шавад, муаллим илова мекунад. Дониши он толибилмонеро, ки ба саволҳо ҷавоби дақиқу мушаххас дода, дар дарс фаъолона ширкат варзиданд, баҳогузорӣ мекунад).

**Маълумоти муаллим:** бачаҳо, навъҳои гуногуни иҷроиши асари мусиқавӣ мавҷуд мебошад. Масалан, дар суруд месароем, дар рақс мерақсем, созҳои мусиқиро менавозем. Бори нахуст маҳорати иҷрокунандагӣ дар Италиё бо ба вуҷуд омадани мактаби операвӣ пайдо шудааст. Маҳорати иҷрокунандагии ҳар як иҷрокунанда аз потенсиали мусиқавӣ, истеъдоди худододӣ, сабку имконият вобаста аст. Ҳамаи иҷрокунандагон, ҳам марду ҳам занҳо ва кӯдакон бо лаҳну зебоии овозашон фарқ мекунанд. Ин овозҳо бад-ин тартиб ҷудо мешаванд: овозҳои мардона: тенор –овози баланд, баритон – овози лаҳнаш миёна, бас – овози хеле паст; овозҳои занона: сопрано – овози аз ҳама баланди занона, алт – овози пасти занона, овози кӯдакон ҷудо мешаванд ба: дискант – овози баланди кӯдакона ва алт – овози форами писарон. Сароядае, ки дорои маҳорати бузурги иҷрокунандагӣ мебошад, метавонад бо 25–30 овоз бисарояд.

Муаллим: бачаҳо, бо эҷодиёти операсаро, хонум Кайиргул Сартбоева, ки дар саргаҳи маҳорати иҷрокунандагии қирғиз қарор дорад, шинос мешавем. Шумо дар бораи ин сароянда чӣ медонед? Оё Шумо дар дар бораи асаре, ки вай иҷро кардааст, шунидаед?

(Толибилмҳо ҷавоб медиҳанд).

**Маълумоти муаллим:** сароянда, педагог, профессор С. Кийизбоева. Овози вайро сопрано меноманд. С. Кийизбаева дар хотираи халқ ҳамчун нахустин иҷрокунандаи партияҳои асосии репертуари миллӣ ва ҷаҳонии опера (асарҳо ном бурда мешаванд) боқӣ мондааст.

Шунидан: арияи Айчурек аз операи «Айчурек» дар иҷрои С. Кийизбоева (аз рӯи мусиқии шунидашуда бо толибилмон баррасӣ намудани маҳорати иҷрокунандагӣ, хусусияти овоз, воситаҳои инъикоси бадеии мусиқавӣ, муҳтавои ария, образи мусиқавӣ, ки дар асар дида мешавад. 3–5 дақиқа).

Муаллим: бачаҳо, ин мусиқӣ – арияи Айчурек аз нахустин операи халқи қирғиз -«Айчурек»аст. Шумо пештар дар бораи ин опера шунида, ва ё онро тамошо кардаед?

Шогирдон: бале, не ... (посухҳо ҳар гуна шуда метавонанд).

Маълумоти омӯзгор: ин нахустин операи қирғизӣ аст. Вай таконе барои навишта шудани драма ва операҳои мусиқавӣ гардидааст:

«Марг не, балки зиндагӣ» ва «Духтари тиллоӣ» (пешниҳод кардани маълумот ва баррасию муҳокима намудани операи «Айчурек»).

Муаллим: бачаҳо, ин маълумот дар китоби дарсӣ низ ҳаст. Шумо онро бори дигар дар хона аз китоби дарсӣ бодиққат мехонед. Операи «Айчурек»-ро дар театр ва ё тавассути Интернет тамошо мекунед.

Шунидан: Арияи Айчурек аз операи «Айчурек» дар иҷрои С. Кийизбоева (такроран шунидан ба хотири дар ёд нигоҳ доштан).

Сарояндагӣ: ҳосил кардани малакаҳои сарояндагӣ, кор болои тарзҳои сарояндагии вокалӣ ва хорсароӣ. Таълими суруди «Руҳи қирғизӣ», мусиқии К. Ортиқов, шеъри Г. Имонқулова (аввал имконияти шунидани сурудро фароҳам сохтан, матнро таҳлил кардан, додани маълумот дар бораи муаллифон, сипас азёд кардани суруд ибора ба ибора).

Такрор: «Мусиқӣ», мусиқии А. Машаев, шеъри А. Усмонов.

Ҷамъбасти натиҷаҳои дарс, мустаҳкамкунӣ: бо роҳи суҳбат.

Муаллим: бачаҳо, мо имрӯз бо нахустин операсаро, хонум С. Кийизбоева ва нахустин операи қирғиз «Айчурек» шинос шудем. Дар ин опера кадом образҳо мавҷуданд? Дар хотираи Шумо чӣ боқӣ мондааст? Шумо боз дар бораи онҳо чӣ донистан мехостед? Муаллим ба шогирдон имконияти ибрози андеша намудан, табодули назарро фароҳам месозад. Дар охир натиҷагирӣ карда, дониши толибилмонро баҳогузорӣ намуда, супориши хонагӣ медиҳад ва дарсро хотима мебахшад).

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ дода шудааст).

*Хотима:* ария то ба рафтани ҳама шогирдон такрор мешавад.

## Дарси 4
## Операсарои бузург Болот Минжилкиев

**Ҳадафи дарс:**

1. Шиносоӣ бо ҳаёт ва эҷодиёти операсаро Болот Минжилкиев.
2. Асарро шунида, дар бораи партияҳое, ки Б. Минжилкиев иҷро кардааст, маълумоти амиқ додан.
3. Барои шогирдон нишон додани мақоми Б. Минжилкиев ҳамчун операсаро дар фарҳанги мусиқавӣ.
4. Образи мусиқӣ чӣ тавр тавассути мусиқӣ лаҳзаҳои бадеӣ умри инсониро инъикос менамояд ва аз он чӣ эҳсос карда мешавад.
5. Дар дили шогирдон бедор кардан ва ташаккул додани майлу рағбат ба фарҳанги мусиқӣ, фортепиано, DVD-сентр, сабти видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ.

**Маводи мусиқавӣ:** 1.Такрор: «Мусиқӣ», А. Машаев. 2. Шунидан: арияи Семетей аз операи «Айчурек» дар иҷрои Б. Минжилкиев. 3. Шунидан: увертюраи операи В. Власов, А. Малдибаев, В. Фере «Айчурек». 4. Такрор: «Руҳи қирғизӣ», мусиқии К. Ортиқов, шеъри Г. Имонқулова.

**Ташкили дарс:** Салому алейк. Дарсро бо хуш кардани табъи толибилмон ва фароҳам сохтани фазои мусоид оғоз кардан.

**Ҷараёни дарс:** тавассути ҳуҷуми зеҳнӣ ғанӣ гардонидани дониши толибилмон оид ба дарсҳои баргузоршуда.

**Саволҳои додашаванда:**

1. Бори нахуст кай мафҳуми «маҳорати иҷрокунандагӣ» пайдо шудааст?
2. Шумо кадом навъ овозҳоро медонед?
3. Симои С. Кийизбоева дар хотираи халқ чӣ гуна нақш бастааст?
4. Овози вай ба кадом навъи овозҳо мансуб аст?
5. Вай дар кадом операҳо, чӣ нақшҳоеро офаридааст?
6. Вай дар операи «Айчурек» чӣ нақшеро офаридааст?
7. Операи «Айчурек» кай дар саҳна гузошта шуд?
8. Кадом операсароён образҳои қаҳрамонони операро иҷро кардаанд?
9. Шумо боз кадом маълумоти иловагӣ пайдо кардед?

Муаллим: офарин, ҳамеша ин маълумотро дар хотира ҳифз кунед, хонед ва онро такмил диҳед. Ҳоло мо мусиқӣ гӯш мекунем. Бодиққат гӯш кунед, мутаваҷҷеҳ ба овоз, маҳорати иҷрокунандагӣ шавед. Бар он аҳамият диҳед, ки онҳо кадом образи мусиқавиро эҷод мекунанд.

Шунидан: арияи Семетея аз операи «Айчурек» дар иҷрои Б. Минжилкиев (пас аз шунидани асар бо иштироки толибилмон муҳокимаи он баргузор мегардад: овози сароянда чӣ тавр аст, кадом образи мусиқавӣ эҷод шудааст, маҳорати сарояндагӣ, сарояндагӣ бо кадом воситаҳои бадеии мусиқавӣ ҳамовоз гардидааст. Толибилмон яке дигарро такмил дода, ҳарф мезананд.).

Муаллим: бачаҳо, овози ин сароянда «бас» аст. Ин ҳама овози пасти мардона аст. Овозҳои мардона ба тенор, баритон, бас ҷудо шуда ва дар баъзе мавридҳо овози боз ҳам паст- «октавист» ба мушоҳида мерасад. Бачаҳо, ҳоло овози Шумо мешиканад, ҳодисаи мутатсия сурат мегирад. Аз ин рӯ, Шумо набояд бо овози баланд фарёд кунед, ягон чизи хунук бихӯред. Шумо бояд овози худро эҳтиёт кунед. Вақте шикастани овози Шумо ба охир мерасад, овози Шумо ҳамчун тенор ваё баритон, ё ки «бас» ташаккул меёбад. Ҳоло овози Шумо алт ва ё дискант (овозҳои бачагона) аст.

**Маълумоти муаллим:** сарояндае, ки мо ҳоло шунидем, ин Болот Минжилкиев аст, ки дорои овози «бас» аст. Болот Минжилкиев – дорои истеъдоди бузург буда, вай тавассути овози худ ҷаҳониёнро бо халқи қирғиз ошно кард. Вай дар синни 36-солагияш ба дарёфти унвони Ҳунарманди Мардумии ИҶШС сазовор гардида буд. (Сурудҳоро: «Балладаи модар» ва ё «Дурахш, дурахш, ситораи ман»-ро дар иҷрои Б. Минжилкиев шунида, толибилмон имконият пайдо мекунанд, то овози иҷрокунандаро баҳогузорӣ кунанд).

Сарояндагӣ: машқу тамрин барои ба даст овардани малакаи сарояндагӣ, кор оид ба тарзҳои сарояндагии вокалӣ ва хорсароӣ. Сарояндагии гамма ва сеовозагӣ дар оҳангнокии суруд.

Тамрин: «Ҷавонони Қирғизистон», мусиқии А. Малдибаев, шеъри К. Маликов (додани маълумоти мухтасар оид ба муаллифон, хондан ва якҷо бо толибилмон муҳокима кардани муҳтавои суруд. Муаллим дар мавриди тарзҳои иҷрои суруд, воситаҳои бадеии ифода тавақкуф мекунад. Сурудро ибора ба ибора азхуд кардан, комилан ва дуруст хондани банди аввал таҳти оҳанги мусиқӣ).

Натиҷагирӣ аз дарс, мустаҳкамкунӣ: муаллим ба толибилмон супориш медиҳад, ки ҷойҳои холии дафтарҳоро таври хаттӣ пур намоянд:

- Ба ман …бисёр писанд омад.
- Ман … нафаҳмидам.
- Ба ман суруд бисёр писанд омад…
- Акнун ман медонам... .
- Ман мехостам дар бораи… маълумоти иловагӣ бигирам.

(Агар шогирдон расида натавонанд, пас имкон дод, то онро дар хона такмил диҳанд. ).

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ нишон дода шудааст).

*Хотима:* ария ва ё суруд дар иҷрои Б. Минжилкиев такрор мешавад.

## Дарсҳои 5–6
## Операсароён Кайиргул Сартбаева ва Токтоналӣ Сейталиев

**Ҳадафи дарс:** (Ин ҳадафҳо фарогири ҳадафҳои маърифатӣ, тарбиявӣ ва рушддиҳандагӣ доранд).

1. Шиносоӣ бо ҳаёт ва роҳи эҷодии сароянддагони опера Кайиргул Сартбаева ва Токтоналӣ Сейталиев.

2. Додани маълумоти амиқ дар бораи партияҳои операвие, ки К. Сартбаева ва Т. Сейталиев иҷро кардаанд.

3. Барои шогирдон нишон додани мақоми К. Сартбаева ва Т. Сейталиев дар фарҳанги мусиқии қирғиз ҳамчун сароянддагони опера.

4. Бедор кардан ва ташаккул додани шавқи шогирдон ба дарки фарҳанги бадеии мусиқӣ, мусиқии классикӣ.

**Таҷҳизоти дарс:** портретҳои композиторони қирғиз, рус ва хориҷӣ, портретҳои К. Сартбаева ва Т. Сейталиев, тасвирҳо аз лаҳзаҳои саҳнаҳои операвӣ, фортепиано, DVD-сентр, сабтҳои видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ.

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидан: арияи Чио-Чио-Сан дар иҷрои К. Сартбаева дар операи Дж. Пуччини «Чио-Чио-Сан». 2. «Алла», мусиқии К. Молдобасанов дар иҷрои К.Сартбаева. 3. Тамрин: «Ҷавонони Қирғизистон», мусиқии А. Малдибаев. 4. Шунидан: арияи Токтогул аз операи М. Абдраев ва А. Малдибаев «Токтогул» дар иҷрои Т. Сейталиев. 5. Шунидан: лейтмотиви операи «Манас».

**Ташкили дарс:** толибилмон таҳти садои мусиқӣ ба синф ворид мешаванд. Паёми мусиқавӣ. Назорат кардан аз болои ҷобаҷошавии шогирдон. Муҳайё кардани фазои мусоид.

**Ҷараёни дарс:** Таҳкими дониши хонандагон оид ба мавзуъҳои омӯхташуда, таъсиси кластер.

Калимаҳои асосӣ: 1. Тақсими овозҳо. 2. Б. Минжилкиев.

(Толибилмон ба се гурӯҳ тақсим шуда кор мекунанд. Ба онҳо имконият бояд дод, то супориши якдигарро такмилу пурра кунанд. (Муаллим дониши толибилмонро пурра, дақиқ ва баҳогузорӣ мекунад).

Муаллим: бачаҳо, мо шиносоиро бо сароянддагони операвӣ идома медиҳем. Имрӯз мо бо эҷодиёт, маҳорати иҷрокунандагии операсаро, хонум Кайиргул Сартбаева шинос мешавем. Шумо дар бораи ин сароянда, дар бораи иҷроиши ӯ шунидаед?

Шогирдон: (ҷавоб медиҳанд).

**Маълумоти муаллим:** К. Сартбаева дар санъати қирғиз мақоми намоёнро ишғол карда, оид ба маҳорати иҷрокунандагӣ вай дар қаторҳои аввалин қарор дорад.

Вай дорои овози сопрано мебошад. Вай дар саҳна образи Айчурекро наздик ба 200 маротиба бозидааст. Вай тақрибан дар 60 намоиши Театри миллии опера ва балети Қирғизистон ширкат намудааст. Беш аз 600 суруд дар иҷроиши ӯ дар Хазинаи тиллоии радиои миллии Қирғизистон сабт шудааст. Ин асарҳо тавассути композиторон ва мелодистҳо шурӯъ карда аз композитори бузург Абдилас Малдибриев то ба Муратбек Бегалиев – бузургтарин композитори даврони мо эҷод шудаанд.

Шунидан: «Алла», мусиқии К. Молдобасанов, шеъри А. Усмонов дар иҷрои К. Сартбаева (пас аз шунидани асар якҷо бо шогирдон муҳокима сурат меги-

рад. Моҳияти муҳтавои асар аз чӣ иборат аст, маҳорати иҷрокунандагӣ, кадом воситаҳои бадеии мусиқӣ истифода шудааст ва ғайра . Аҳамияти муҳтавои асар таъкид мегардад. Ба шогирдон номҳои муаллифон ёдовар мегардад).

**Маълумоти муаллим:** маълумот дар бораи лаҳзаҳои асосии эҷодиёти

Т. Сейталиев. Сипас ошноии кӯтоҳ бо операи «Токтогул»,шунидани порчаҳо аз опера сурат мегирад.

Шунидан: 1. Арияи Токтогул аз операи «Токтогул»-и М. Абраев ва А. Малдибаев дар иҷрои Т. Сейталиев (пас аз шунидани асар бо иштироки шогирдон дар мавзуъ ва моҳияту муҳтавои асар, маҳорати иҷрокунандагӣ, шарҳу тафсир намудани образи мусиқавӣ, истифодаи воситаҳои мусиқавии бадеӣ ва ғайра).

2. Шунидан: лейтмотиви операи «Манас» (пас аз намоиши ин ду асар муқоиса кардани образҳои мусиқавӣ, муайян кардани суръат, характер, воситаҳои бадеии мусиқавӣ).

3. Шунидан: «Гул», мусиқӣ ва шеъри А. Огомбаев дар иҷрои Т. Сейталиев ( маълумоти кӯтоҳи муаллим дар бораи суруд, муаллиф ва иҷрокунанда. Ҷалб намудани диққати толибилмон ба маҳорати иҷрокунандагӣ).

Сароядагӣ: ба даст овардани малакаҳои сароядагӣ, дуруст истифода бурдани нафас. Сароядагии гамма ва сеовоза дар садонокии суруд.

Такрор: «Ҷавонони Қирғизистон», мусиқии А. Малдибаев.

Натиҷагирӣ аз дарс, мустаҳкамкунӣ: «Андеша кун, бо нафари дигаре кор кун, андешаҳоятро иброз дор».

Тартиби кор: якум, ҳар як толибилм мустақилона дарси имрӯз баргузоршударо таҳлил мекунад, дар бораи мавзуъи омӯхташуда андеша меронад. Дуввум, шогирд муҳокима меронад, бо ҳамсинфе, ки дар паҳлӯяш қарор дорад, андешаҳояшро дар миён мегузорад. Саввум, саволҳои зерин аз ҷониби ҳама аҳли синф муҳокима мешаванд:

1. Операсароёне, ки мо дар бораашон суҳбат кардем, аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?

2. Онҳо чӣ тавр образҳои мусиқавиро тавассути маҳорати иҷрокунандагӣ ифода мекунанд?

3. Овози иҷрокунандагон ба кадом навъҳо тақсим мешаванд? Ном баред.

4. Ба ман овози… писанд омад.

5. Ба ман асарҳои шунидашуда ва иҷрошуда хеле писанд омаданд...

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ нишон дода шудааст).

*Хотима:* суруди «Алла», мусиқии К. Молдобасанов, шеъри А. Усмонов дар иҷрои К. Сартбаева такрор мешавад.

## Дарси 7
## Операсароён Талгар Жакшиликов ва Карим Турапов

**Ҳадафи дарс:**

1. Пешниҳод намудани маълумот дар бораи фаъолияти операсароён Т. Жакшиликов ва К. Турапов.

2. Шунидани партияҳои операвие, ки аз ҷониби операсароёни мазкур иҷро шудаанд, пешниҳод кардани маълумот.

3. Додани маълумот дар бораи қисмати пурмуҳтавои операҳо, бедор кардан ва ташаккул додани шавқи толибилмон ба фарҳанги бадеии мусиқавӣ

4. Ташаккул додани завқи мусиқавии толибилмон , бедор кардани майлу рағбати онҳо ба мусиқии классикӣ.

**Таҷҳизоти дарс:** портретҳои композиторони қирғиз, рус, хориҷӣ, портретҳои Талгар Жакшиликов ва Карим Турапов, тасвирҳо аз лаҳзаҳои саҳнаҳои операвӣ, фортепиано, DVD-сентр, сабти видеоӣ ва аудиёӣ, адабиёти нотавӣ.

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидани: ариозои шоҳ Рене аз операи П. Чайковский «Иоланта» дар иҷрои Т. Жакшиликов. 2.Шунидан: арияи Ленский аз операи П. Чайковский «Евгений Онегин» дар иҷрои К. Турапов. 3. Шунидан: « Пазмони Ватан» дар иҷрои К. Турапов. 4. Тамрин: «Муҳаббат ба Қирғизистон», С. Рисбаев. 5. Такрори сурудҳо.

**Ташкили дарс:** Салому алейк. Шуруъ кардани дарс бо муҳайё намудани табъи хуш ва вазъи мусоид (ба шогирдон пешниҳод кардани табассум намудан ба якдигар).

**Ҷараёни дарс:** Санҷиши супориши хонагии толибилмон тавассути методи ҳуҷуми зеҳнӣ.

1. Чӣ тавр халқ хонум К. Сартбаеваро ҳамчун операсарои қирғиз эътироф мекунад?

2. Т. Сейталиев кадом партияҳои операвиро сурудааст?

3. Дар муҳтавои операи «Токтогул» ҳаёти кӣ инъикос ёфтааст?

4. Хонум Баттерфляй қаҳрамони кадом опера аст? (бо мақсади рушди тафаккури шогирдон додани саволҳои проблемавӣ(муаммобарангез) дар бораи сарояндагони опера, маҳорати иҷрокунандагӣ, метавон саволҳоро дар бораи навъҳои овоз такрор кард.).

Муаллим: офарин, ҳамеша операсароёни мазкурро дар ёд доред ва гӯш кунед. Онҳо кормандони шоистаи фарҳанги мусиқавии қирғиз мебошанд, ки онро барои тамоми ҷаҳониён муаррифӣ кардаанд. Ин сарояндагон маҳорати сарояндагии хешро нишон дода, образҳои гуногуни мусиқавии асарҳои операвиро офарида, онҳоро ба халқ пешкаш кардаанд. Имрӯз мо низ шиносоиро бо операсароён Карим Турапов ва Талгар Жакшиликов идома медиҳем. Шумо дар бораи ин сарояндагон чизе медонед ва ё шунидаед?

Шогирдҳо: оре, не (посухҳои гуногун).

Омӯзгор: биёед, мусиқӣ мешунавем. Ба овози иҷрокунанда, маҳорати иҷрокунандагӣ, муҳтавои асар ва воситаҳои бадеии ифода таваҷҷуҳ кунед.

Шунидан: 1. Ариозои шоҳ Рене аз операи П. Чайковский «Иоланта» дар иҷрои Т. Жакшиликов. 2. Арияи Ленский аз операи П. Чайковский «Евгений Онегин» дар иҷрои К. Турапов (пас аз шунидани асар бо ширкати толибилмон муҳокима дар мавзуъи моҳияту муҳтавои асар, маҳорати иҷрокунандагӣ, шарҳу тафсири образи мусиқавӣ, истифодаи воситаҳои бадеии мусиқавӣ ва ғайра).

Маълумоти омӯзгор: (илова бар маълумоте, ки дар китоби дарсӣ дар бораи ин ду операсаро дода шудааст, додани иттилои нав дар бораи онҳо).

Омӯзгор: бачаҳо, дар китоби дарсӣ шеъри «Сарзаминам»-ро хонда ҳар яке аз Шумо дар бораи он андеша кунад. Агар чизе нофаҳмо бошад, бо қалам ишора кунед (пас аз хатми хондан муҳокимаи кӯтоҳ баргузор намудан).

Шунидан: «Пазмони Ватан» дар иҷрои К. Турапов (пас аз шунидани асар дар шакли озод дар дар бораи он лаҳзаҳое, ки дар боло ишора гардиданд, роҷеъ ба муҳаббат ба халқи азиз, ба замине, ки дар он зода шудааст, муҳокима баргузор намоед. Эҳсоси ватандӯстии шогирдонро бедор намоед).

Сарояндагӣ: Кор бо хор. Ба даст овардани малакаҳои сарояндагӣ, дуруст истифода бурдани нафас. Сурудани гамма ва сеовозӣ дар оҳангнокии суруд.

1. Такрор: «Мусиқӣ», мусиқии А. Машаев, шеъри А. Усмонов.

2. Такрор: «Ҷавонони Қирғизистон», мусиқии А. Малдибаев.

3. Тамрин: «Муҳаббат ба Қирғизистон», С. Рисбаев. Ҳангоми азёдкунии ин суруд калимаҳои онро таҳлил кунед, бо шогирдон кӯтоҳакак суҳбат кунед, сипас сурудро сатр ба сатр тамрин кунед.

Ҷамъбасти дарс, мустаҳкамкунӣ:

Муаллим: бачаҳо, мо дар ҷараёни якчанд дарс бо сарояндагони опера шинос шуда, дар иҷрои онҳо асарҳои гуногунро шунидем. Ҳоло мо бо Шумо викторинаи мусиқавӣ доир менамоем. Дафтарҳоро кушоед, бодиққат номи сарояндагон ва номи асарҳои иҷрокарда, навъи овози иҷрокунандаро нависед.

Асарҳо барои шунидан:

1. «Пазмони Ватан» дар иҷрои К. Турапов.
2. «Алла» дар иҷрои К. Сартбаева.
3. Ария дар иҷрои Т. Сейталиев.
4. «Балладаи модар» дар иҷрои Б. Минжилкиев.
5. «Дурахш, дурахш, ситораи ман» дар иҷрои Б. Минжилкиев.
6. Арияи Семетея аз операи «Айчурек» дар иҷрои Б. Минжилкиев.
7. Арияи Айчурек аз операи «Айчурек» дар иҷрои С. Кийизбоева.

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи таълимӣ нишон дода шудааст).

*Хотима:* Суруди «Пазмони Ватан» дар иҷрои К. Турапов.

## Дарси 8
## Сарояндагони камерӣ Дарика Жалгасинова ва Артиқ Мирзабаев

**Ҳадафи дарс:**

1. Додани маълумоти амиқ роҷеъ ба мусиқии камеравӣ ва сарояндагони камерӣ.

2. Суҳбат кардан роҷеъ ба ҳаёт ва роҳи эҷодии сарояндагони камерӣ Д. Жалгасинова ва А. Мирзабаев.

3. Шунидан, баҳогузорӣ кардан ва таҳлил намудани асарҳои камерӣ, ки аз ҷониби Д. Жалгасинова ва А. Мирзабаев иҷро шудаанд.

4. Ғанӣ гардонидани дониш, ташаккули рағбати шогирдон ба фарҳанги мусиқавӣ.

**Таҷҳозоти дарс:** портретҳои бастакорони қирғиз, рус ва хориҷӣ ва сарояндагони камерӣ, портрети Д. Жалгасинова, А. Мирзабаев, тасвири лаҳзаҳо аз саҳнаҳо, фортепиано, DVD-сентр, сабтҳои видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ.

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидан: «Замини қирғиз», мусиқии Н. Давлесов, шеъри Ж. Содиқов дар иҷрои Д. Жалгасинова.

2. Шунидан: «Паризот», мусиқии С. Бекмуродов, дар иҷрои Д. Жалгасинова.

3. Шунидан: «Чолпон-Ата», мусиқии Н. Давлесов дар иҷрои А. Мирзабаев.

4. Шунидан: «Ватан», мусиқии А. Долуханян дар иҷрои А.Мирзабаев.

**Ҷараёни дарс:**

Омӯзгор: бачаҳо, то ба имрӯз мо бо сарояндагони опера ошно гардидем. Шумо онҳоро дар ёд гирифтед? Акнун бигӯед, ки мо бо кӣ ошно гардидем? Овози онҳо чӣ тавр аст? Онҳо чӣ образҳоеро офаридаанд? (суҳбат бо шогирдон дар маҷмуъ дар бораи сарояндагони операвӣ ).

**Маълумоти муаллим:** маълумоти умумӣ дар бораи мусиқии камеравӣ. Дар дарси имрӯза мо бо иҷрокунандагони мусиқии камеравии вокалии қирғиз шинос мешавем.

Муаллим: бачаҳо, дар дарс мо бо роҳи эҷодӣ, маҳорати иҷрокунандагии сароянддаи камеравӣ, Ҳунарманди Мардумии Қирғизистон Д. Жалгасинова шинос мешавем. Шумо дар бораи ин сароянда чӣ медонед? Кадом сурудҳои ӯро Шумо шунидаед?

Шогирдон: (онҳое ҳарф мезананд, ки медонанд).

Шунидан: 1. «Замини қирғиз» дар иҷрои Д. Жалгасинова. 2. «Паризот» дар иҷрои Д. Жалгасинова (муҳокима перомуни мавзуъ: муқоисаи асарҳо аз рӯи кадом ритм, суръат навишта шуданашон , сужети онҳо ва маҳорати иҷрокунандагии сароянда).

Муаллим: бачаҳо, имрӯз мо бо маҳорати иҷрокунандагии сарояндаи камеравӣ Артиқ Мирзабаев шинос мешавем.

1. Шунидан: «Чолпон-Ата», мусиқии Н. Давлесов дар иҷрои А. Мирзабаев.

2. «Ватан», мусиқии А. Долуханян, дар иҷрои А. Мирзабаев (пас аз шунидани ду асар муҳокимаи он бо иштироки шогирдон сурат мегирад: моҳияти муҳтавои асар, маҳорати иҷрокунандагӣ, истифодаи воситаҳои бадеии мусиқавӣ, ва муҳим аз ҳама, шарҳу тафсир намудани образи мусиқавӣ, фарқ карда, шинохта тавонистани образҳои мусиқавӣ).

**Маълумоти муаллим:** маълумоти мухтасар дар бораи фаъолияти Артиқ Мирзабаев.

Сароянддагӣ: ҳосил кардани малакаҳои сароянддагӣ, дуруст истифода бурдани нафас. Сароянддагӣ дар ҳайати ансамбл ва берун набаромадан аз оҳанг. Сурудхонии гамма ва сеовозӣ дар оҳангнокии суруд.

1. Такрор: «Мусиқӣ», мусиқии А. Машаев, шеъри А. Усмонов.

2. Такрор: «Ҷавонони Қирғизистон», мусикии А. Малдибаев.

3. Шогирдон сурудеро аз рӯйи интихоби худ мехонанд.

Ҷамъбасти дарс, мустаҳкамкунӣ: толибилмон ба якдигар доир ба мавзуъҳои гузашта савол медиҳанд. (Шогирдон бояд саволҳои дақиқ, кӯтоҳ, асоснок бидиҳанд).

**Саволҳо:**

1. Мусиқии камеравӣ чист?

2. Мусиқии камеравӣ ба кадом навъҳо ҷудо мешавад?

3. Мо бо кадоме аз сароянддагони камеравӣ шинос гардидем? Дар иҷрои онҳо мо кадом асарҳоро шунидем? (иловаҳо ва ислоҳкориҳои муаллим баъди саволу ҷавобҳои шогирдон, супориши хонагӣ, баҳогузории дониши толибилмон).

4. Викторинаи мусиқавӣ аз асарҳои шунидашуда ва овози сарояндагони камеравӣ.

1. Шунидан: «Гул», мусиқӣ ва шеъри А. Огомбаев, дар иҷрои Т. Сейталиев.

2. Шунидан: «Замини қирғизҳо», мусиқии Н. Давлесов, шеъри Ж. Содиқов, дар иҷрои сароянда Д. Жалгасинова.

3. Шунидан: «Иссиқ-Кӯл» дар иҷрои Д. Жалгасинова (иловагӣ).

4. Арияи Токтогул аз операи «Токтогул» дар иҷрои А. Мирзабаев.

5. Арияи Семетея аз операи «Айчурек», дар иҷрои А. Мирзабаев.

(Муаллим ба саволҳо посуххои саҳеҳ медиҳад ва шогирдон онҳоро бо ҷавобхои худ муқоиса мекунанд. Он асарҳоеро, ки нафаҳмида буданд, дубора гӯш мекунанд).

2. Пас аз викторина пурсиши кӯтоҳ баргузор мегардад.

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ нишон дода шудааст). Хотима: суруди «Замини қирғиз» дар иҷрои сароянда Д. Жалгасинова шунида мешавад.

## Дарси 9
## Дарси ҷамъбасти чоряк

**Ҳадафи дарс:**

1. Ташкил намудани викторина аз рӯи асарҳое, ки дар ҷараёни чоряк намоиш дода шуда буданд.

2. Сароидани сурудҳое, ки дар давоми чоряк азбар карда шудаанд.

3. Тавассути ҷавоб ба саволҳо такрор намудани маводи назариявӣ.

**Таҷҳизоти дарс:** варақҳое, ки дар онҳо номи асарҳои мусиқавӣ навишта шудаанд ва дар ҷараёни чоряк, шинос гардидаанд. Порчаҳо аз онҳо, портретҳои композиторон ва иҷрокунандагон, сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ, дискҳо, DVD-сентр, фортепиано.

**Ташкили дарс:** салому алейк. Эҷод кардани вазъу фазои мусоид дар синф (муаллим ташреҳ медиҳад, ки ин дарси ҷамъбастии чоряк аст ва онҳо бояд бодиққат бошанд. Дар аввал викторинаи мусиқӣ баргузор мегардад. Вазифаи муллим, таҳлил кардани он аст,ки то чӣ андоза шогирдон асарҳоеро, ки дар давоми чоряк омӯзонида шуданд, дар ёд гирифтаанд.Ҳар як шогирд бояд мустақилона асари нишондодашуро пайдо кунад. Барои викторинаи мусиқӣ 8–10 дақиқа ҷудо карда мешавад).

**Ҷараёни дарс:**

Шунидан: тартиби баргузории викторинаи мусиқавӣ: ному насаби сароянда, навъи овоз, номи асар.

1. «Гул», мусиқӣ, шеъри А.Огомбаев, дар иҷрои Т. Сейталиев.

2. «Замини қирғиз», мусиқии Н. Давлесов, шеъри Ж. Содиқов, дар иҷрои Д. Жалгасинова.

3. «Иссиқ-Кӯл» дар иҷрои Д. Жалгасинова (иловагӣ).

4. Арияи Токтогул аз операи «Токтогул»-и В. Власов, А. Малдибаев, В. Фере дар иҷрои А. Мирзабаев.

5. Арияи Семетея аз операи «Айчурек», дар иҷрои А. Мирзабаев.

6. «Пазмони Ватан», дар иҷрои К. Турапов.

7. «Алла»дар иҷрои К. Сартбаева.

8. Арияи Кончак дар иҷрои Т. Жакшиликов.

9. «Балладаи модар» дар иҷрои Б. Минжилкиев.

10. «Дурахш, дурахш, ситораи ман» дар иҷрои Б. Минжилкиев.

11. Арияи Семетея аз операи «Айчурек» дар иҷрои Б. Минжилкиев.

12. Арияи Айчурек аз операи «Айчурек» дар иҷрои С. Кийизбаева.

(Муаллим пусуххҳои дурустро мегӯяд, шогирдон онҳоро бо посуххҳои худ муқоиса мекунанд).

Сароянадагӣ: тавассути иҷроиши хор, ҷуфт сароидан, трио, квартет, квинтет, муаллим супориш медиҳад, ки суруд ҳамчун дарс-консерт иҷро гардад.

1. «Мусиқӣ», мусиқии А. Машаев, шеъри А. Усмонов.

2. «Ҷавонони Қирғизистон», мусиқии А. Малдибаев.

3. «Руҳи қирғизӣ», мусиқии К. Ортиқов.

4. Толибилмон сурудеро дар интихоби худ месароянд.

Ҷамъбасти дарс, мустаҳкамкунӣ: бачаҳо, Шумо ҳангоми таътил бори дигар хонед, гӯш кунед, кӯшиш намоед,ки он иттилоеро, ки дар чоряки I гирифтаед, дар хотир нигаҳ доред. Сурудро такрор кунед, хонед. Дар чоряки дуввум мо омӯзиши мавзуъи «образи мусиқавӣ-ро идома медиҳем, бо асарҳои композиторони ҳирфавии қирғиз, ки ба кӯдакон бахшида шудаанд, ошно хоҳем шуд. Бино бар ин, Шумо бояд консертҳои гуногунро аз тариқи телевизион тамошо карда, андеша ва назари хешро дар дафтар сабт кунед.

**Супориш:**

1. Ҳангоми таътил такрор кардан, илова намудан, гӯш кардани маводҳое, ки дар чоряки 1 омӯхта шудаанд.

2. Тавассути Интернет тамошо, гӯш ва мушоҳида кардани асарҳое, ки дар чоряки якум омӯхта шудаанд , аз ҷониби сароянадагони операвӣ ва камеравӣ суруда шудаанд.

*Хотимаи мусиқавӣ.*

**Дониши худро бисанҷ!**




Сароянадагони операвӣ




Операҳо

**Садои бачагона:**
Дискант ва алт

**Садои занона:**
Сопрано, меццо-сопрано, алт

**Садои мардона:**
Тенор, баритон, бас

Навъҳои овоз

## Тестҳо барои санҷиши донишҳое, ки дар чоряки I ба даст оварда шуданд:

### Тестҳо аз рӯи саводи мусиқавӣ:

1. Суруде, ки бе матн аст, чӣ номида мешавад?
   а) вокализ; б) кантата; в) ария; г) сюита.
2. Дар фортепиано чанд навъ овоз мавҷуд аст?
   а) 54; б) 88; в) 25; г) 36.
3. Сарояндагие, ки бе сози мусиқӣ иҷро мегардад, чӣ номида мешавад?
   а) а капелла; б) стаккато; в) легато; г) белканто.
4. Кадом сози мусиқӣ метавонад овози одамро такрор кунад?
   а) орган; б) скрипка (ғижжак) ; в) фортепиано; г) кил кияк.
5.Вақте бидуни қувват, нотаи баландро ором месароянд, чӣ номида мешавад?
   а) фалсет; б) артикуляция; в) диксия; г) интонатсция
6. Вақте сурудро дар як нафас, дам нагирифта мехонанд, чӣ номида мешавад?
   а) легато; б) нон легато; в) стаккато; г) пиано.
7. Оламатҳои бисёр ором сароидан чист?
   а) pp (пианиссимо); б) mp (мессо пиано); в) p (пиано); г) mf (мессо форте).
8. Дар тоблу овозҳоро вобаста ба баландии овоз ҷой кун:
   контралто, тенор, сопрано, баритон, бас, мессо-сопрано.

| Баландӣ | Овозҳои занона | Овозҳои мардона |
|---|---|---|
| Баланд | | |
| Миёна | | |
| Паст | | |

9. Аз рӯйи самтҳояшон мафҳумҳоро мушаххас кун.

Диапазон

Фосила байни нотаҳои поин ва баланд

Тембр

Зебогии овоз

10. Овозҳои бачагона чӣ тавр аз ҳам ҷудо мешаванд, бишумор: 1) ... .; 2) ... .: 3) ... .

11. Мувофиқатро ба ҳам бипайванд.

| | |
|---|---|
| 5иҷрокунанда<br>2 иҷрокунанда<br>1 иҷрокунанда<br>4 иҷрокунанда<br>3 иҷрокунанда | Дуэт<br>Соло<br>Квартет<br>Трио<br>Квинтет |

12. Се асари яккахонии камеравиро бинавис.
1) 2) 3)
13. Се асари камеравии созиро бинавис.
1) 2) 3)
14. Муаллифи асари классикӣ чӣ ном дорад?
а) композитор; б) балетмейстер; в) консертмейстер; г) пианист.

*Калиди тестҳо аз рӯи саводи мусиқавӣ дар чоряки I:*
1 - а; 2 - б; 3- а; 4 - б; 5- а; 6- а; 7 - а; 8 -1) сопрано, алт, контралто; 2) тенор, баритон, бас;
9 - тембр – зебогии овоз, диапазон - интервал; 10 - дискант, алт;
11 - дуэт - 2, соло - 1, квартет - 4, трио - 3, квинтет -5; 12. - суруд, романс, серенада ва ғайра.;
13 - песа, этюд, соната ва ғайра; 14 а.

## Тестҳо аз назария:

1. Нахустин операи қирғиз чӣ ном дорад?
а) «Токтогул»; б) «Олжобай ва Кишимжан»; в) «Курманбек»; г) «Айчурек».

2. «Балет-оратория»и К. Молдобасанов чӣ ном дорад?
а) «Курманбек»; б) «Қалъа»; в) «Замини модарон»; г) «Токтогул».

3. Муаллифи суруди «Ҷавонони Қирғизистон кист»?
а) С. Усмонов; б) Н. Давлесов; в) А. Малдибаев; г) С. Бактигулов.

4. Мазҳакаи мусиқавии «Эҳтиёт, арӯс»-ро кӣ навиштааст?
а) А. Аманбаев; б) Н. Давлесов; в) М. Абдраев; г) А. Жанибеков.

5. Нахустин шуда нақши Айчурекро дар операи «Айчурек» кӣ иҷро кардааст?
а) Б. Бокоева; б) Д. Джалгасинова; в) С. Кийизбоева; г) С. Чоткараева.

6. Муаллифи балети «Қиссаи манқурт» кист?
а) К. Молдобасанов; б) С. Бактигулов; в) М. Бегалиев; г) С. Усмонов.

7. Муаллифи суруди «Келини говдӯш» кист?
а) Ж.; б) Р. Абдикадиров; в) Н. Давлесов; г) К. Молдобасанов.

8. Муаллифи суруди «Пазмони Ватан» кист? Сарояндаи опера:
а) Т. Жакшиликов; б) К. Турапов; в) А. Мирзабаев; г) А. Каримбаев.

9. Сарояндаеро, ки бо овози худ ҷаҳонро тасхир карда, соҳиби овози «бас» мебошад, ном баред.
а) А. Мирзабаев; б) Б. Ибикеев; в) Б. Минжилкиев; г) Т. Сейталиев.

10. Сарояндаи камеравиеро ном баред, ки суруди «Замини қирғиз»-ро иҷро кардааст.
а) С. Кийизбоева; б) Г. Сатилганова; в) Б. Бокоева; г) Д. Джалгасинова.

11. Балети «Куйручук»-ро кӣ навиштааст?
а) М. Бегалиев; б) С. Усмонов; в) К. Молдобасанов; г) Н. Давлесов.

12. Кадоме аз сарояндагони опера нахустин шуда, асарҳои ҷаҳонӣ ва опервиро иҷро кардааст?

а) Э. Нурманбетова; б) С. Кийизбоева; в) С. Бекмуратова; г) Д. Джалгасинова.

13. Кадоме аз сарояндагони операвӣ наздик ба 200 маротиба дар саҳна образи Айчурекро бозидааст?

а) Д. Джалгасинова; б) С. Чоткараева; в) К. Сартбаева; г). Э. Асанкулова.

14. Сарояндаи опера Токтоналӣ Сейталиев дорои кадом овоз аст?

а) баритон; б) октавист; в) тенор; г) бас.

15. Кадоме аз сарояндагон арияи Семетеяро аз операи «Айчурек» сароидааст? Дорои овози «баритон».

а) А. Мирзабаев; б) А. Исабаев; в) К. Турапов; г) Б. Ибикеев.

*Калиди тестҳо аз рӯи донишҳои назариявӣ дар чоряки1:*
*1-г; 2-в; 3-в; 4-б; 5-в; 6-а; 7-в; 8-б; 9-в; 10-г; 11-в; 12-б; 13-в; 14 - в; 15-а.*

## Чоряки II. ОБРАЗИ МУСИҚАВӢ

Нақшаи тақвимӣ (7 соат)

| № | Типи дарс | Мавзуъи дарс | Репертуари мусиқавӣ | Супориши хонагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | Дарси азхудкунии донишҳо ва малакаҳои нав | Композитор Муратбек Бегалиев. Саводи мусиқавӣ: стаккато | 1. Шунидан: «Алла», мусиқии М. Бегалиев.<br>2. Шунидан: «Бозии шӯх», мусиқии М. Бегалиев.<br>3. Тамрин: «Пазмони Иссиқ-Кӯл», матни Чингиз Айтматов, мусиқии Муратбек Бегалиев. | 1. Тамрини матни: «Пазмони Иссиқ-Кӯл», матни Чингиз Айтматов, мусиқии М. Бегалиев.<br>2. Хондани маълумоти пешниҳодшуда роҷеъ ба композитор М. Бегалиев.<br>3. Диққат додан ба жанрҳои асарҳои мусиқавӣ, ки композитор навиштааст.<br>4. Аз тариқи Интернет тамошо кардани суруди Бегалиев «Пазмони Иссиқ-Кӯл» дар иҷрои Г. Сатилганов |
| 2 | Дарси омехта | Композитор Эсенгул Жумабаев. Саводи мусиқӣ: аломатҳои алтерасионӣ. | 1. Шунидан: «Корвон», «Бозии қомуз», муаллиф Э. Жумабаев.<br>2. Такрор: «Пазмони Иссиқ-Кӯл», матн: Ч. Айтматов, мусиқии М. Бегалиев.<br>3. Шунидан: «Рақс бо шамшер», порча аз балети «Гаяне», мусиқии А. Хачатурян | 1. Хондани маълумот дар бораи композитор Э. Жумабоев.<br>2. Пурра навиштани синквейн.<br>3. Дар ёд доштани истилоҳот аз рӯи саводи мусиқавӣ.<br>4. Такрори суруд<br>5. Ҳарф задан дар бораи аломатҳои махсуси алтерасионӣ. |
| 3 | Дарси омехта, азхуд кардани донишҳои нав | Композитор Жилдиз Малдибаева | 1. Шунидан: «Бозӣ» ва «Анбуҳ №24», муаллиф Ж. Малдибаев.<br>2. Тамрин: «Зодгоҳ», муаллиф И. Жунусов | 1. Хондани маълумот дар бораи Ж. Малдибаев.<br>2. Таҳлили «Бозӣ» ва «Анбуҳ № 24», муаллиф Ж. Малдибаев.<br>3. Диққат додан ба воситаи бадеии ифода.<br>4. Ба ёд овардани луғати мусиқавӣ.<br>5. Тамрин: «Зодгоҳ», муаллиф И. Жунусов |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4 | Дарси иловагӣ, хулосакунии донишҳо | Асари композиторАкимжана Жээнбая барои кӯдакон | 1. Шунидан: «Афсонаи бобо»», мусиқии А. Жээнбай.<br>2. Шунидан: «Ватани паҳноварам», мусиқии А. Жээнбай.<br>3. Такрор: «Деҳаи азизам», муаллиф И.Жунусов.<br>4. Такрор: «Пазмони Иссиқ-Кӯл», мусиқии М. Бегалиев | 1. Тамрин: «Деҳаи азизам», муаллиф И. Жунусов.<br>2. Хондани маълумот дар бораи А. Жээнбай.<br>3. Такрори умумии сурудҳо.<br>4. Ба ёд овардани тоблуи «Медонам, медонистам, мехоҳам бидонам» роҷеъ ба ҳама композиторҳои ошношуда.<br>5. Омода кардани сурудҳое, ки ба Соли нав бахшида шудаанд (мавзуъи озод) |
| 5 | Дарси иловаю такмили донишҳо | Асари Сталбек Бактигуловбарои бачаҳо. Симфония чист? | 1. Шунидан: «Валси хотираҳо», мусиқии С.Бактигулов.<br>2. Шунидан: «Жостони симфонӣ», мусиқии С.Бактигулов<br>3. Шунидан: «Симфонияи нахустин», мусиқии А.Тулеев.<br>4. Хондани сурудҳое, ки ба Соли нав бахшида шудаанд(аз рӯи хоҳиш | 1. Хондани маълумот роҷеъ ба С. Бактигулов.<br>2. Хондан ва тамрини сурудҳо.<br>3. Дар таътил такрор кардани маводҳои омӯхташуда дар чорякҳои I ва II |
| 6 | Дарси такмили донишҳо | Ҷамъбасти чоряк | Такрори маводҳои омӯхташуда, иҷрои сурудҳо. Викторинаи мусиқавӣ. Тест | 1. Дар таътил такрор кардан, иловатан хондан, шунидани маводҳои чоряки II.<br>2. Тавассути Интернет шунидан, тамошо, мушоҳида кардани маводҳои дар чоряк омӯхташуда |

## Дарсҳои 1–2

## Асари композитор Муратбек Бегалиев барои бачагон

**Ҳадафи дарс:**

1. Шиносоӣ бо ҳаёт ва роҳи эҷодии композитор.

2. Ёд додан: чӣ тавр образи мусиқавии асарҳои композиторонро, ки ба бачаҳо бахшида шудаанд, метавон фарқ кард.

3. Рушд додани тарзу шеваҳои сарояндагии яккахонӣ тавассути тамрини суруди «Пазмони Иссиқ-Кӯл»

4. Ташаккул додани шавқу рағбат ба мусиқӣ.

**Таҷҳизоти дарс:** портрети композитор М. Бегалиев, варақҳое, ки дар онҳо номи асарҳо навишта шудааст, фортепиано, DVD-сентр, сабти видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ.

**Маводи мусиқавӣ:**

1. Шунидан: «Бозии хурсандибахш», мусиқии М. Бегалиев.

2. Машқ: «Пазмони Иссиқ-Кӯл», матни Чингиз Айтматов, мусиқии М. Бегалиев.

**Ташкили дарс:** муҳайё намудани фазои мусоид дар синф, дар оғози чоряк, додани маълумоти кӯтоҳ доир ба мавзуъҳое, ки дар нақшаи чоряк пешбинӣ шудаанд ва мавзуъҳои дигари марбут ба он

**Маълумоти муаллим:** Салом, бачаҳо! Таътили тирамоҳӣ ба охир расида, чоряки саввум оғоз гардид. Дар ин чоряк мо мавзуъи «Образи мусиқавӣ»-ро идома дода, мусиқии композиториро боз ҳам амиқтар меомӯзем ва бо асарҳои композиторони қирғиз, ки ба кӯдакон бахшида шудаанд, шинос мешавем. Инҳо композиторон М. Бегалиев, Э. Жумабаев, Ж. Малдибаев, А.Жээнбаев ва С. Бактигулов мебошанд.

**Ҷараёни дарс**

Муаллим: кӯшиш мекунем, то ба ёд оварем, ки «образи мусиқавӣ» чист. Образи мусиқавӣ ин образест, ки дар мусиқӣ инъикос ёфтааст: эҳсос, нигаронӣ, андеша, афкор, фаъолияти як ё якчанд нафар, ягон ҳодисаи табиӣ, воқеае аз ҳаёти инсон. Шумо дар чоряки якум бо кадом образҳои мусиқавӣ доир ба мавзуъоти омӯхташуда шинос шудед?

Шогирдон: қаҳрамонӣ, лирикӣ, бераҳм ...

Муаллим: биёед, каме мусиқӣ мешунавем, кӯшиш мекунем образҳои мусиқавиро, ки дар он инъикос ёфтаанд, муайян кунем.

1. М. Равел «Болеро».

2. Увертюраи операи «Манас».

3. «Алла», мусиқии К. Молдобасанов (пас аз намоиши асар, шогирдҳо мустақилона мубоҳиса оғоз мекунанд. Бояд образи мусиқавии ҳар як асар шарҳу тафсир дода шавад).

Муаллим: бачаҳо, мо дар ин дарс бо ҳаёт ва роҳи эҷодии композитори машҳури халқи кирғиз Муратбек Бегалиев шинос мегардем. Шумо дар бораи ин композитор чӣ медонед? ( бачаҳо ҳар он чӣ медонанд, нақл мекунанд).

**Маълумоти муаллим:** Муратбек Бегалиев – композитор, профессор, Ҳунарманди Мардумии Ҷумҳурии Қирғизистон, Ходими шоистаи ҳунар. Вай маълумоти ибтидоии мусиқавиро дар мактаби мусиқавӣ гирифта, баъдан донишҳои худро дар муассисаҳои бузургу махсуси таълимии хориҷӣ такмил додааст. М. Бегалиев композитори боистеъдод буда, асрори ниҳони олами мусиқиро кашф кардааст. Композитор фаъолияти худро аз асарҳои одии мусиқавӣ шуруъ кардааст. Вале сипас тавонист жанри бузурги симфониро низ фатҳ кунад. Вай навиштани мусиқиро, ки фарогири навъҳои гуногуни жанри мусиқӣ мебошанд, идома медиҳад.

Шунидан: «Пазмони Иссиқ-Кӯл», матни Ч. Айтматов, мусиқии М. Бегалиев ( пас аз шунидан якҷо бо шогирдон перомуни матни суруд, характери мусиқӣ табодули назар намудан)

Шунидани мусиқӣ: асари М. Бегалиев барои кӯдакон «Бозии хурсандибахш» (баҳс кардан дар мавзуъоти: характери асар, образи мусиқавӣ, ки дар асар ҳаст, воситаҳои бадеии мусиқавӣ, ки дар тафсири образ истифода мешаванд. Шогирдон метавонанд дунафарӣ ва ё ба қаторҳо тақсим шуда, муҳокима кунанд. ).

Ҷаъбасти дарс, мустаҳкамкунӣ:

Муаллим: бачаҳо, имрӯз мо мавзуъи «образи мусиқавӣ»-ро идома додем. Мо саъй кардем, то образҳои мусиқавии асарҳои композитор М. Бегалиевро муайян бикунем. Биёед, як бори дигар асарҳои композиторро шунавем. Ба ёд оваред ва бодиққат гӯш кунед.

1. «Пазмони Иссиқ-Кӯл», матни Ч. Айтматов, мусиқии М. Бегалиев.

2. Асари М. Бегалиев барои бачаҳо «Бозии хурсандибахш».

**Супориши хонагӣ:**

1. Тамрини матни суруди «Пазмони Иссиқ-Кӯл», матни Ч. Айтматов, мусиқии М. Бегалиев.

2. Аз Интернет мутолиа кардани маълумот дар бораи композитор М. Бегалиев.

*Хотима*: дар дарси навбатӣ мо шиносоиро бо асарҳои композитор идома медиҳем. То боздид.

## Дарси 2

**Ташкили дарс:** шогирдон таҳти ҳавои суруди композитор М. Бегалиев «Пазмони Иссиқ-Кӯл» ба синфхона ворид мешаванд. Салому алейк бо хонандагон, эҷод намудани фазои мусоиду созгор, назорат кардани он, ки толибилмон ба ҷойҳои худ нишастаанд ё на.

**Ҷараёни дарс:**

Муаллим: бачаҳо, мо имрӯз суруди композитор М. Бегалиевро бо номи «Пазмони Иссиқ-Кӯл» машқ мекунем. Қоидаҳои сурудсароиро ба ёд оваред, дуруст биншинед.

**Малакаҳои сурудан:** сурудани гамма ва сеовозӣ дар оҳангнокии суруд. (тамрину азхудкунии сурудро метавон тавассути шинос кардани шогирдон бо матни суруд таъмин кард. Барои ин лозим аст сурудро ибора ба ибора ва бо нақароташ бисароянд. Барои пурра дарк кардан ва азёд намудан бояд хатоҳои мавҷуда ислоҳ шуда, сурудро алоҳида ва ё ба таври дуэт, трио, квартет хонд. Дар охири дарс бо иштироки тамоми аҳли синф сурудро ба таври хор бояд хонд. Барои ин аз воситаҳои бадеии мусиқавӣ истифода бояд бурд).

Муаллим: бачаҳо, ин сурудро аз ёд кунед. Акнун, бачаҳои азиз, бигӯед, ки дар бораи композитор М. Бегалиев чӣ хонда ё шунидаед? Маҳорати мусиқавии вай кадом самтҳоро дар бар мегирад? Вай кадом асарҳоро барои бачагон офаридааст? Композитор дар асарҳои худ кадом образҳоро инъикос намудааст?

(шогирдон дар бораи чизҳои хонда ё дидаи худ нақл мекунанд. Ба якдигар савол дода, яке дигарро пурра мекунанд. Муаллим иловагӣ ворид мекунад. Баҳогузории он толибилмоне, ки дар дарс фаъолона ширкат меварзанд, маълумоти дуруст ироа медоранд, ҳавасмандкунии он шогирдон, ки саъю кӯшиш доранд).

Шунидани мусиқӣ: асари М. Бегалиев барои бачаҳо «Бозии хурсандибахш».

Сурудан: ба таври хор хондани суруди «Пазмони Иссиқ-Кӯл» аз ҷониби аҳли синф (бо хоҳиши толибилмон ба таври соло, дуэт, трио, квартет сароидан).

**Супориши хонагӣ барои дарси 2**: (дар нақшаи таълимӣ дода шудааст).

*Хотима:* То боздид.

## Дарси 3
## Композитор ва дирижер Эсенгул Жумабаев

**Ҳадафи дарс:**

1. Ошно намудан ба ҳаёт ва роҳи эҷодии Эсенгул Жумабаев.

2. Шинос намудани шогирдон бо асарҳои композитор, ки бо обу ранги миллӣ навишта шудааст, бедор кардани рағбати толибилмон ба мусиқии миллӣ.

3. Шарҳу тафсир намудани олами бадеии мусиқавии асари Э. Жумабаев «Корвон».

4. Ташаккули тамоюли эҷодӣ ва пажуҳишии толибилмон.

**Таҷҳизоти дарс:** портрети композитор Э. Жумабаев, варақҳое, ки дар онҳо номи асарҳои ӯ навишта шудаанд, фортепиано, DVD-сентр, сабтҳои видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра.

*Маводи мусиқавӣ:* 1. Шунидан: «Корвон», мусиқии Э. Жумабаев. 2. Шунидан: «Бозии қомус», муаллиф Э. Жумабаев. 3. Шунидан: «Рақс бо шамшерҳо», порча аз балети «Гаяне», мусиқии А. Хачатурян. 4. Такрор: «Пазмони Иссиқ-Кӯл», мусиқии М. Бегалиев.

**Ташкили дарс:** толибилмон ба синф таҳти суруди «Пазмони Иссиқ-Кӯл» ворид мешаванд. Эҷод намудани фазои мусоиду созгор ва табъи хуш.

**Ҷараёни дарс:** дар ибтидо аз дарсҳои гузашта саволҳо дода, тамаркуз намудани дониши шогирдон

1. М. Бегалиев дар кадом муассисаҳои таълимӣ маълумоти мусиқӣ ба даст овардааст?

2. Вай бо кадом асараш дар озмун ҷойизаи асосиро ба даст овардааст?

3. М. Бегалиев дар кадом жанрҳо асар эҷод кардааст?

4. Хусусияти асари «Бозии хурсандибахш» аз чӣ иборат аст?

5. «Пазмони Иссиқ-Кӯл ба матни кӣ навишта шудааст?

6. Консерваторияи миллӣ дар кадом сол таъсис ёфтааст?

(Танҳо бо ин саволҳо маҳдуд набояд шуд. Ба шогирдон имконият дод, то он маълумоти навро, ки дар бораи композитор дар хона хондаанд, баён доранд. Толибилмон ба якдигар саволҳо медиҳанд, баҳогузорӣ кардани дониши он толибилмоне, ки дар дарсҳо фаъолона ширкат меварзанд ва посухҳои дуруст медиҳанд).

Муаллим: бачаҳо, имрӯз мо бо эҷодиёти боз як композитори дигар Эсенгул Жумабаев шинос мешавем. Он асарҳои ӯро, ки ба бачаҳо бахшида шудаанд, таҳлил мекунем.

Маълумоти омӯзгор: муаллим дар бораи эҷодиёти Э. Жумабаев маълумоти мукаммал дода, аз ҷумла, дар бораи асарҳои ӯ, ки ба кӯдакон бахшида шудаанд, нақл мекунад.

Муаллим: Мо имрӯз бо асари композитор – «Корвон», ки ба кӯдакон бахшида шудааст, ошно хоҳем шуд. Мефаҳмем, ки кадом воситаҳои бадеии тасвир, кадом суръат истифода шудаанд. Бодиққат гӯш кунед, ки чӣ месароянд: легато ва ё стаккато.

1. Шунидан: «Корвон», мусиқии Э. Жумабаев. 2. «Бозии қомус», мусиқии Э. Жумабаев. 3. Шунидан: «Рақс бо шамшерҳо», порча аз балети «Гаяне», мусиқии А. Хачатурян.

**Талаботе, ки барои шунидан пешниҳод мегардад:**

1. Мусиқиро нағз бояд гӯш кард.

2. Хусусияти пардаи сози мусиқии навохташавандаро баҳогузорӣ кардан.

3. Образҳоеро, ки дар асар тасвир ёфтаанд, дарк ва баҳогузорӣ кардан. (образҳои мусиқавиеро, ки дар асарҳои Э. Жумабаев «Корвон» и «Оҳанги қомус», дар порчае аз балети «Гаяне», мусиқии А. Хачатурян «Рақс бо шамшерҳо» тасвир ёфтаанд, суръату характери онҳоро муқоиса кардан. Таваҷҷуҳ кардан ба аломатҳои динамикӣ, штрихҳо).

Сурудан: ҳосил кардани малакаҳои сурудан, ки овозро ташаккул медиҳанд. Сурудани гамма ва сеовозагӣ дар оҳангнокии суруд.

1. Такрор: «Пазмони Иссиқ-Кӯл», матни Чингиз Айтматов, мусиқии Муратбек Бегалиев.

2. Такрор: «Мусиқӣ», шеъри А. Усмонов, мусиқии А. Машаев. (Иҷрои сурудҳо аз репуртуари онҳо аз рӯи толибилмон.)

Мустаҳкамкунии дарс: (Таҳия ва насб намудани дастури махсуси аёнӣ бо риояи тартиб додани синквейн. Муаллим ба шогирдон мавзуъи синквейнро гуфта, вақтро қайд мекунад. Толибилмон синквейнҳои навиштаи худро қироат мекунанд. Ба он шогирдоне, ки сквейнро дақиқ, пурмуҳтаво, дуруст навиштаанд, баҳо мегузорад).

Эсенгул Жумабаев – тартиб додани синквейн.

Қоидаи навиштани синквейн:

1-мисраъ: дорои синквейн, мавзуъи асосӣ, ном.

2-мисраъ: сифате, ки фикри асосиро ифода мекунад.

3-мисраъ: се феъле, ки ҳаракатро дар асоси мавзуъ нишон медиҳад.

4-мисраъ: иборае, ки фикри асосиро ифода мекунад.

5-мисраъ: натиҷае, ки мавзуъро муайян мекунад.

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ нишон дода шудааст).

*Хотимаи мусиқавӣ.*

## Дарси 4
## Композитор Жилдиз Малдибаева

**Ҳадафи дарс:**

1. Шиносоии амиқ бо эҷодиёти композитор.

2. Таҳлили он асарҳои композитор, ки ба кӯдакон бахшида шудаанд.

3. Шунидан ва таҳлил кардани асари Ж. Малдибаева «Качели»( Арғунчак).

4. Нишон додани робитаи мусиқӣ бо дигар фанҳо.

**Таҷҳизоти дарс:** портрети композитор Ж. Малдибаева, варақҳое, ки дар онҳо номи асарҳо навишта шудаанд, фортепиано, DVD-сентр, сабти видеоӣ ва и аудиоӣ, адабиёти нотавӣ.

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидан: «Оҳанг», «Сарахбор № 24», муаллиф Ж. Малдибаева. 2. Тамрин: «Деҳаи азиз», муаллиф И. Жунусов.

**Ташкили дарс:** шогирдон таҳти мусиқии Э. Жумабаева «Корвон» вориди синфхона мешаванд. Пур кардани журнал, аз назар гузаронидани иштироки хонандагон. Эҷод намудани фазои мусоиду созгор, табъи хуш, тамаркуз намудани диққати толибилмон.

**Ҷараёни дарс:**

Такмили дониши хонандагон оид ба дарсҳои гузашта: бунёди кластер.

**Вожаҳои асосӣ:** 1. Композиторҳо. Асарҳои асосии М. Бегалиев, Э. Жумабаев. 2. Асарҳои асосии композиторон. (шогирдон( бо хоҳиши худ) ба ду гурӯҳ тақсим шуда, кор мекунанд. Ба онҳо имконият дод, то якдигарро мукаммал кунанд. Муаллим илова, дақиқ мекунад, дониши бачагонро баҳогузорӣ менамояд).

Муаллим: бачаҳо, мо имрӯз бо эҷодиёти нахустин композиторзан, ки аз байни занҳои қирғизи халқамон сабзидааст – Жилдиз Малдибаева шинос мешавем. Шумо ягон чизро марбут ба номи ӯ шунидаед?

Шогирдон: оре, не... . (ҷавоб медиҳанд).

Муаллим: оре, бачаҳо, вай духтари асосгузори мусиқии ҳирфавии (касбии) қирғиз Абдиласу Малдибаев аст. Писари ин композитори бузург – Болот Малдибаев низ аз пайи падараш рафта, дирижёр мебошад.

**Маълумоти муаллим дар бораи Ж. Малдибаева.**

Шунидан: «Оҳанг, «Сарахбори № 24», муаллиф Ж. Малдибаева (пас аз шунидани асар, онро бо толибилмон таҳлил намудан: воситаҳои бадеии мусиқавии истифодашуда, образи мусиқавӣ, тарзи иҷро, чӣ таассуроте боқӣ гузошт ва ғайра).

Сурудан: ҳангоми сурудан тарзҳои сарояндагии вокалӣ ва хорсароиро моҳирона ва дуруст истифода бурдан. Ҳосил намудани малакаҳои сарояндагӣ барои кушодани овоз дар маҷмӯъ ва ташаккули он.

Сурудани гамма ва сеовозагӣ дар оҳангнокии суруди «Деҳаи азиз», муаллиф И. Жунусов. Таҳлили мухтасари матн, маълумот дар бораи муаллифон. Тамрин кардан ва хондани ибора ба ибора, муҳайё кардани шароит барои дарёд гирифтани мелодия (оҳанг), сипас илова кардани аломатҳои динамикӣ ва дар дарси якум муваффақ шудан ба сарояндагии хории куплети (банди) аввал.

Такрор намудани суруди «Пазмони Иссиқ-Кӯл», матни: Ч. Айтматов, мусиқии М. Бегалиев.

Саволҳое, ки барои мустаҳкамкунии дарс дода мешаванд: маълумот дар бораи композитор, ки дар китоби дарсӣ зикр шудаанд (3 дақиқа). Сипас ба саволҳо ҷавоб додан.

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ дода шудааст).

*Хотимаи мусиқавӣ.*

## Дарсҳои 5–6
## Асари композитор Акимжан Жээнбай барои кӯдакон

**Ҳадафи дарс:**

1. Шинос намудан бо эҷодиёти композитор А. Жээнбай.

2. Шарҳу тафсир намудани мавзуъи он асарҳои композитор, ки ба кӯдакон бахшида шуаанд.

3. Шиносоӣ тавассути шунидани асари «Афсонаи бобо».

4. Тавассути асари композитор дар шогирдон тарбият намудани эҳсоси ватандӯстӣ, эҳтиром ба анъанаҳо ва расму одатҳои халқӣ.

**Таҷҳизоти дарс:** портрети композитор А. Жээнбай, варақҳое, ки дар он номи асарҳои композитор навишта шудаанд, фортепиано, DVD-сентр, сабти видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидани асари «Афсонаи бобо». 2. Такрор: «Деҳаи азиз», мусиқии И. Жунусов. 3. Такрори суруди М. Бегалиев «Пазмони Иссиқ-Кӯл».

**Ташкили дарс.** Салому алейк. Назорат кардани он, ки толибилмон ба ҷойҳои худ менишинанд. Эҷод намудани фазои мусоид ва табъи хуш.

**Ҷараёни дарс:**

Тавассути ҳуҷуми зеҳнӣ таҳким бахшидан ба донишҳои толибилмон роҷеъ ба асарҳои композиторон, ки то ба ҳамин лаҳза омӯхта шудаанд.

Толибилмон ба ҳамдигар саволҳо медиҳанд:

1. М. Бегалиев мусиқиро дар кадом жанр навиштааст?

2. Бо нотаҳои (адвори) диез, бемол ва бекар? (аз рӯи ҳар кадом метавон саволи алоҳида дод).

3. Э. Жумабаев асари мусиқавиро дар кадом жанр навиштааст?

4. Чӣ робитае байни Э. Жумабаев ва оркестри созҳои халқӣ мавҷуд аст?

5. Характери асари М. Бегалиев «Бозии хурсандибах» чӣ тавр аст?

6. Суруди М. Бегалиев «Пазмони Иссиқ-Кӯл» бар матни кӣ навишта шуааст?

7. Консерваторияи миллӣ кадом сол таъсис ёфтааст?

8. Консерватория номи кадом композиторро ба худ гирифтааст?

9. Маънии калимаи «Стаккато» чист?

10. Сурудани суруди «Пазмони Иссиқ-Кӯл».

11. Дар асари »Сарахбор»-и Ж. Малдибаева кадом аломатҳои динамикӣ истифода шудаанд?

12. Ж. Малдибаева асарҳои мусиқавиро дар кадом жанрҳо навиштааст ва ғайра.

(Шогирдон метавонанд танҳо бо ин саволҳо маҳдуд нашаванд. Онҳо метавонанд таври озодона дар бораи композиторон савол бидиҳанд, дар бораи композиторе, ки дар борааш дар хона хондаанд, қисса бикунанд.)

Муаллим: офарин! Ин композиторон шахсиятҳои бузурге дар фарҳангии мусиқии халқи қирғиз ба шумор меравtotанд. Ҳамеша онҳоро ва асарҳои мусиқавии онҳоро ба хотир оваред. Дар дарси имрӯза мо бо эҷодиёти боз як нафар аз композиторони машҳури қирғиз Акимжан Жээнбай шинос мешавем. Мусиқиро гӯш мекунем.

Шунидан: асари А. Жээнбай «Афсонаи бобо». (Пас аз шунидан бо шогирдон муҳокима кардан. Ин асар чӣ ном дорад? Образи мусиқавии вай аз чӣ иборат аст? Дар асар кадом воситаҳои бадеии мусиқавӣ истифода шудаанд? Шогирдон иброз медоранд, ки онҳоро чӣ эҳсосе фаро гирифтааст. Муаллим илова мекунад. Шогирдон асарро бори дигар гӯш мекунанд).

**Маълумоти муаллим:** бачаҳо, асаре, ки мо онро таҳлил кардем, яке аз асарҳои композитор Акимжан Жээнбай аст, ки ба кӯдакон бахшидааст. Композитор дар эҷодиёти худ ин жанри мусиқавиро интихоб кардааст. Вақте вай асарро менавишт, онро бо мусиқии фолклории қирғиз дар алокамандии қавӣ қарор додааст (муаллим батафсил нақл мекунад).

Сурудан: ҳосил кардани малакаҳои сарояндагӣ, ки овозро ташаккул медиҳанд. Сароидани гамма ва сеовозагӣ дар оҳангнокии суруд. Такрори умумии суруд.

**Мустаҳкамкунии дарс:** толибилмон дар дафтарҳои худ, ки пешкӣ дар тоблу кашида шудаанд, кор мекунанд. Агар вақти шогирдон намерасад, пас иловагиҳоро дар хона менависанд.

| Медонистам | Донистам | Мехоҳам бидонам |
|---|---|---|
| | | |

Муаллим дониши толибилмонеро, ки дар дарс фаъолона ширкат варзиданд, баҳогузорӣ карда, дар рӯзномаи онҳо баҳо мегузорад ва супориши хонагӣ медиҳад.

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ дода шудааст).

*Хотимаи мусиқавӣ*: вақте шогирдон аз синфхона мебароянд, асари А. Жээнбай «Афсонаи бобо» садо медиҳад.

## Дарси 7
## Асари Сталбек Бактигулов, ки ба кӯдакон бахшида шудааст

**Ҳадафҳои дарс:**

1. Шинос намудан бо эҷодиёти Сталбек Бактигулов.

2. Шарҳу тафсир намудани мавзуъи асарҳое, ки ба кӯдакон бахшида шудаанд.

3. Тавассути шунидани мусиқии С. Бактигулов, дар шогирдон тарбият намудани дарки асари мусиқавӣ, лақаёти таҳлил карда тавонистани онҳо.

4. Рушд додани тафаккури эҷодии толибилмон, раҳнамоӣ кардани онҳо дар мавриди пажуҳиши асарҳои бадеӣ.

**Таҷҳизоти дарс:** портрети композитор С. Бактигулов, варақҳое, ки дар онҳо номи асарҳо навишта шудаанд, фортепиано, DVD-сентр, сабтҳои видеоӣ ва аудиёӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра.

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидан: «Валси хотираҳо», мусиқии С. Бактигулов. 2. Шунидан: «Достони симфонӣ», мусиқии С. Бактигулов. 3. Сурудани сурудҳое, ки ба Соли нав бахшида шудаанд (аз рӯи хоҳиш).

**Ташкили дарс:** салому алейк, муҳайё намудани фазои созгор ва табъи хуш.

**Ҷараёни дарс:** такрори мавзуъҳои гузашта: пурсиши яклаҳзаина (ҷавоби тез, дуруст ба савол). Пеш аз шурӯъи ин кор муаллим ба шогирдон имкони онро медиҳад, ки тоблуҳоеро нишон бидиҳанд, ки дар хона омода кардаанд. Онҳоро тафтиш мекунад. Барои такрор метавон 5 дақиқа вақт ҷудо кард. Тавассути баргузории пурсиши яклаҳзаина дар асоси формативӣ ва суммавӣ дар кадом сатҳ азхуд шудани мавзуъро, ки дар чоряк омӯхтаанд, баҳогузорӣ менамояд. Бояд камбудиҳои роҳдодашуро ба назар гирифт.)

Муаллим: бачаҳо, имрӯз мо бо асарҳои боз як нафар композитори қирғиз Сталбек Бактигулов шинос шуда, як асари симфонии ӯро таҳлил мекунем. Шумо бо ин композитор ҳанӯз дар синфи якум шинос шуда, сурудҳои ӯро хонда будед.

Кӯшиш бикунед, онро ба ёд оваред.

Шогирдон: «Наметавонад тойчаро биёбад...»

Маълумоти муаллим дар бораи эҷодиёти С. Бактигулов. Шунидан: достони симфонии Сталбек Бактигулов (порча аз қисми 1).

**Маълумоти муаллим:** ин асари симфонии Сталбек Бактигулов аст. Муаллим дар бораи жанри «симфония» ва нахустин симфонист А. Тулеев маълумот медиҳад.

Муаллим: Шумо чӣ андеша доред. Кадом қисматро ҳангоми гӯш кардан, шинохтед?

Толибилмон: Якум ва ё дуюмашро?

Муаллим: оре, бачаҳо, ин қисми аввал аст.

Шунидан: «Валси хотираҳо», мусиқии С. Бактигулов (шогирдон дар характери мусиқавии ду асар тафовутҳоро пайдо карда, онро таҳлил ва муҳокима мекунанд.).

Ҷамъбасти дарс ва таҳкими он дар шакли савол-ҷавоб:

1. Вақти таҳсил карданаш дар муассисаи таълимии ба номи М. Куренкеев Сталбек Бактигулов дар бахши кадом сози мусиқӣ таҳсил кардааст?
2. Вай дар ин муассисаи таълимӣ дар боби композится аз кӣ дарс гирифтааст?
3. Кадом композитор рағбати ӯро ба жанри симфонӣ бедор кардааст?
4. Вай кадом асарҳои симфониро эҷод кардааст?
5. Вай ба кадом телесериал мусиқӣ навиштааст?
6. Симфония чист?
7. Аввалин симфонист кист?

(Баҳогузории шогирдоне, ки церии фаъол дар дарс ширкат карданд. Ном бурдани шогирдоне, ки саъю кӯшиш доранд. Ҳар як ҷавоб арзиши худро дорад).

Омодагӣ ба сурудан: созмон додани дарс-консерти солинавӣ. Шогирдон бо хоҳиши худ сурудҳоро таври соло, дуэтом, трио, хор мехонанд.

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ нишон дода шудааст).

Композиторҳо барои бачаҳо

| |
|---|
| Эсенгул Жумабаев «Навозиши қомуз», «Корвон» |
| Жилдиз Малдибаева «Оғоз № 24», «Навозиш» |
| Муратбек Бегалиев «Пазмони Иссик-Кул», «Бозии шодиар», «Алла» |
| Сталбек Бактигулов «Валси хотирот», «Достони симфонии» |
| Акимжан Жээнбай: «Афсонаи бобо», «Сарзамини беканор ам» |

## Тестҳо барои санҷидани донишҳое, ки дар чоряки II гирифтаанд:

**Тестҳо барои саводи мусиқавӣ:**

1. Аломати дубл-диез нотаро ба чанд парда боло мебардорад?
   а) ба як лаҳн; б) ба яку ним лаҳн; в) ба ду лаҳн; г) ба се лаҳн.
2. Аломати дубл-бемол нотаро то чанд парда паст мекунад?
   а) ба як лаҳн; б) ба яку ним лаҳн; в) ба ду лаҳн г)ба ним лаҳн.
3. Танаффусро дар мусиқӣ чӣ меноманд? а) пауза; б) форте; в) пиано; г) престо.
4. Суръати мусиқиро чӣ меноманд? а) темп; б) матн; в) мелодия; г) ритм.
5. Аломати такрор дар мусиқӣ чӣ ном дорад?
   а) реприза; б) престо; в) долче; г) нон легато.
6. Одамеро, ки ҷудо аз хор месарояд, чӣ ном мебаранд?
   а) солист; б) соло; в) вокалист; г) сароянда.
7. Сурудеро, ки аз рӯи нота мехонанд, чӣ меноманд?
   а) солфеджио; б) теория; в) гармония; г) арпеджио.
8. Аломати диез нотаро чанд лаҳн боло мебардорад?
   а) ба ним лаҳн; б) ба як лаҳн; в) ба яку ним лаҳн; г) ба ду лаҳн.
9. Ларго кадом темп мешавад?
   а) оҳиста; б) миёна; в) сареъ( тез) г) хеле сареъ.

*Калид аз рӯи саводи мусиқавӣ барои тестҳо дар чоряки II:*
1-а; 2-а; 3-а; 4-а; 5-а; 6-а; 7-а; 8-а; 9-а.

**Тестҳо барои назария:**

1. Кӣ муаллифи сонатаи «Манас» аст?
   а) С. Медетов; б) М. Бегалиев; в) В. Власов; г) Ж. Шералиев.
2. Консерваторияро дар Қирғизистон кӣ таъсис додааст?
   а) А. Малдибаев; б) М. Бегалиев; в) Н. Давлесов; г) К. Усмонов.
3. Кӣ муаллифи мусиқии «Корвон» аст?
   а) В. Фере; б) Э. Жумабаев; в) М. Абдраев; г) Т. Сатилганов.
4. Кӣ нахустин симфонист-композитори Қирғизистон аст?
   а) А. Тулеев; б) А. Малдибаев; в) К. Молдобасанов; г) А. Жээнбай.
5. Суруди Акимжан Жээнбай чӣ ном дорад?
   а) Суруд дар васфи Ватан; б) Руҳи қирғизӣ; в) Мусиқӣ; г) Алла.
6. Кӣ муаллифи матни суруди «Пазмони Иссиқ-Кӯл» аст?
   а) А. Усмонов; б) Э. Ибраев; в) Ч. Айтматов; г) О. Султонов.
7. Кӣ муаллифи мусиқии сериали телевизионии «Чиркин омур» аст?
   а) С. Бактигулов; б) А. Тулеев; в) Ж. Малдибаева; г) А. Жээнбай.
8. Кӣ муаллифи мусиқии «Сарахбори № 24» аст?
   а) А. Жанибеков; б) Ж. Малдибаева; в) К. Молдобасанов; г) Э. Жумабаев.
9. Маънии калимаи «симфония» чист?
   а) ҳамоҳангӣ; б) давомнокӣ; в) хушоҳангӣ; г) иҷро.
10. Характери асари М. Бегалиев «Бозии хурсандибахш» чӣ гуна аст?
    а) ғамангез; б) шӯх в) хушҳолкунанда; г) бозикунанда.
11. Консерватория бо номи кӣ номгузорӣ шудааст?
    а) Т. Сатилганов; б) С. Медетов; в) К. Молдобасанов; г) С. Бактигулов.

*Калид барои тестҳо оид ба маълумоти назариявӣ дар чоряки II:*
1 - б; 2 - б; 3 - б; 4 - а; 5 - а; 6 - в; 7 - а; 8 - б; 9 - а; 10 - б; 11 - в.

## Чоряки III. «ДРАМАТУРГИЯИ МУСИҚАВӢ»

Нақшаи тақвимӣ (10 соат)

| № | Намуди дарс | Мавзуъи дарс | Репертуари мусиқавӣ | Супориши хонагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Дарси азхудкунии донишҳо ва малакаҳои нав | Композиторҳо-мелодистҳо ва иҷрокунандагон. Мелодист Жумамидин Шералиев. Саводи мусиқавӣ: андозаи мусиқавӣ. Андозаи 2/4 | 1. Шунидан: «Яйлови қирғизӣ», мусиқии Ж. Шералиев | 1. Хондан ва баҳогузорӣ кардани фарқи байни мелодист ва композитор.<br>2. Таваҷҷуҳ кардан ба маълумот доир ба Ж. Шералиев.<br>3. Таҳлил намудани сурудҳои Ж. Шералиев «Суруди галабон» ва «Яйлови қирғиз»<br>4. Эътибор додан ба саводи мусиқавӣ |
| 2 | Дарси омехта | Мелодисти бузург Рисбай Абдикадиров. Мелодист Туголбай Казаков. Саводи мусиқавӣ: Андозаҳои одӣ (3/4) | 1. Шунидан: «Ман пазмони туям, сарзаминам», мусиқии Р. Абдикадиров.<br>2. Тамрин: «Диёри азиз»-и Р. Абдикадиров.<br>3. Шунидан: «Насиҳат» (мелодияи К. Оразов), такмили оҳанг барои аккордеон Т. Казаков матни А. Рискулов.<br>4. Шунидан: «Пайкара», мусиқии Т. Казаков, матни Т. Мамеев (иловагӣ).<br>5. Сароидани сурудмашқи «Камертон» | 1.Хондани маълумоти иловагӣ доир ба Р. Абдикадировва Т. Казаков.<br>2. Азёд кардани суруди «Диёри азиз».<br>3. Шунидан: агар имкон бошад, азёд кардани суруди «Ман пазмони туям, сарзамини азизам».<br>4. Тамошо кардан, тавассути Интерент шунидани суруди Р. Абдикадиров, Т. Казаков дар иҷрои иҷрокунандагони гуногун, аз рӯи асарҳои шунидашуда, таври мухтасар навиштани андешаҳои худ.<br>5. Пурра шунидани асари Т. Казаков «Насиҳат» донишҳо |
| 3 | Дарси омехта, дарси азхудкунии | Мелодист-композитор Сардарбек Жумалиев. Мелодист Асанкалий Каримбаев | 1. Шунидан: «Сарзаминам», мусиқии А. Каримбаев<br>2. Тамрин: «Бишкеки ман», шеъри К. Урманбетов, мусиқии С. Жумалиев<br>3. Шунидан: «Гулгашти ман», мусиқии С. Жумалиев, шеъри Т. Имашев | 1. Хондани маълумоти иовагӣ дар бораи асари С. Жумалиев ва А. Каримбаев<br>2. Пурра шунидани суруди С. Жумалиев «Гулгашти ман» ва А. Каримбаев» Сарзаминам»<br>3. Аз ёд кардани суруди С. Жумалиев «Бишкеки ман».<br>4. Хондан ва азёд кардани матни суруди А. Каримбаев «Сарзаминам».<br>5. Кашидани расми нишони миллии шаҳри Бишкек |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4 | Дарси такмили донишҳо ва натиҷагирӣ | Мелодист Аксуубай Атабаев. Мелодист Жолдубай Кайипов. Саводи мусиқавӣ: андозаҳои одӣ (3/8) | 1. Шунидан: «Балладаи модар», мусиқии А. Атабаев, шеъри С.Омурбаев<br>2. Шунидан: «Куҳҳо», мусиқии А. Атабаев, шеъри А. Кидиров.<br>3. Шунидан ва сароидан: «Ба волидон», мусиқии Ж. Кайипов, шеъри И. Мансуров<br>4. Шунидан: «Ватанам», мусиқии Ж. Кайипов, шеъри И. Мансуров (иловагӣ) | 1. Додани маълумоти иловагӣ дар бораи асарҳои мелодистон.<br>2. Тавассути видео Тамошо кардан ва азёд кардани суруди А. Атабаев «Балладаи модар» дар иҷрои Э. Мойдунов ва Г. Сатилганова.<br>3. Тамрини суруди «Барои волидон», мусиқии Ж. Кайипов.<br>4.Тамошо кардани видеои суруди «Ба волидон»дар иҷрои муаллиф.<br>5. Тамошо кардани видеои сурудҳои мелодистҳо.<br>6. Такрори сурудҳо |
| 5 | Дарси такмили донишҳо ва натиҷагирӣ | Мелодист Калийбек Тагаев Мелодист Мукан Рискулбеков. Саводи мусиқавӣ: андозаҳои мураккаб 6/8 | 1. Шунидан: суруди «Долон», мусиқии К.Тагаев.<br>2. Шунидан: суруди «Иссиқ-Кӯл», мусиқии К. Тагаев.<br>3. Шунидан ва тамрин: «Хоҳару бародарони ман», мусиқии М. Рискулбеков, шеъри Т. Тинибеков | 1.Хондани маълумоти иловагӣ дар бораи асарҳои мелодистҳо.<br>2. Шунидани суруди «Иссиқ-Кӯл», «Долон», мусиқии К. Тагаев.<br>3. Пурра шунидани суруди «Хоҳарон ва бародарони ман», мусиқии М. Рискулбеков, хондани матн.<br>4. Такрори маводҳои дар чоряк омӯхташуда.<br>5. Эътибор додан ба саводи мусиқавӣ |
| 6 | Дарси омехта, азхудкунии донишҳо | Композитор-мелодист Каникей Эралиева. Саводи мусиқавӣ: андозаҳои мураккаб 4/4 | 1. Тамрини сурудиК. Эралиева «Занги охирин».<br>2. Шунидан: суруди К. Эралиев «Истиқболи Офтоб».<br>3. Такрори маводҳои дар чоряк омӯхташуда | 1.Хондани маълумоти иловагӣ дар бораи мелодистҳо.<br>2. Тамрини суруди К. Эралиева «Занги охирин».<br>3. Омодагӣ аз рӯи маводи чоряк,такроран хондани маълумот дар бораи мелодистҳо.<br>4. Такрори сурудҳо.<br>5. Омодагӣ ба викторинаи мусиқавӣ |
| 7 | Дарси баҳогузорӣ | Дарс-консерт Ҷамъбасти чоряк | Такрори тамоми маводҳои омӯхташуда, иҷрои сурудҳо. Викторинаи мусиқавӣ. Тест | Дар таътилҳо такрор кардан, пурра хондан, шунидани маводҳои чоряки III |

## Дарси 1
## Драматургияи мусиқавӣ. Мелодистҳо-ичрокунандагон. Селодисти боистеъдод Жумамидин Шералиев

**Ҳадафи дарс:**

1. Тавассути асарҳои мусиқавӣ нишон додани рушди эҷодиёти мелодистҳо.

2. Додани маълумоти умумӣ дар бораи мелодистҳои қирғиз. Мелодист кист?

3. Шиносоӣ бо эҷодиёти Жумамидин Шералиев.

**Таҷҳизоти дарс:** портретҳои мелодистон, портрети Жумамидин Шералиев, варақаҳое, ки дар онҳо номи асарҳо навишта шудаанд, фортепиано, DVD-сентр, сабти видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидан: «Яйлови қирғиз», мусиқии Ж. Шералиев. 2. Шунидан: «Суруди галабон», мусиқии Ж. Шералиев.

**Ташкили дарс:** фазои созгор. Тайи 3–5 дақиқа сухбат кардан перомуни чӣ тавр гузаронидани таътилҳо: ба кадом театрҳо рафтанд, кадом концертҳоро тамошо карданд, кадом мусиқиро аз телевизион ва ё радио шуниданд. Фароҳам овардани имконият барои шогирдон ҷиҳати мустақилона кор кардан. Ҳамзамон ҷуфт ва ё гуруҳ шуда кор кардан.

**Ҷараёни дарс:**

Таҳкими донишҳо.

Муаллим: бачаҳо, дар чоряки гузашта мо дар бораи «образи мусиқавӣ» ҳарф зада,онро тавассути шиносоӣ бо композиторони қирғиз, ки барои кӯдакон асарҳо навиштаанд, ҳамчунин ошноӣ бо сароянддагони опера, шарҳу тафсир намудем.

Биёед сухбат мекунем, ки кӣ чиро дар ёд гирифт, чӣ бештар барояшон писанд шуд, боз чиро мехостанд бидонанд?

Шогирдон: (посухи шогирдон, муаллим кӯшиш ба харҷ медиҳад, то аз толибилмон посухҳои комил бигирад ва бад-ин тартиб, барои такрори мавзуъҳое, ки дар чоряки саввум омӯхтаанд, имконият фароҳам оварад.).

Муаллим: маълум мегардад, ки асарҳои мусиқавие, ки мо шунидем ва ё сароидем, тавассути образҳои бадеии мусиқавӣ таассуроти зиндагиро, ҳолати эҳсосотро, тафаккурро, амалҳои гуногунро, фаслҳои сол, ҳодисаҳо ва воқеаҳоро дар тақдири инсон ва халқ инъикос мекунанд. Образҳои мусиқавӣ аз образҳои лирикӣ, драмавӣ, эпикӣ (ҳамосавӣ), қаҳрамонӣ ва ҳаётӣ иборатанд. Дар ҳар асари мусиқавӣ образе мавҷуд мебошад, ки онро бояд эҳсос кард. (андешаҳои бачаҳо такмил меёбанд, дар хотираи онҳо бори дигар мафҳуми «образи мусиқавӣ» нақш мебандад).

Муаллим: бачаҳо, мо дар ин чоряк низ донишҳои худро дар мавзуъи «образи мусиқавӣ» ғанӣ мегардонем, дар мавзуъи «драматургияи мусиқавӣ», ки идомаи мавзуъи «образи мусиқавӣ» аст, сухан меронем. Мавзуъи чоряки моро эҷодиёти мелодистҳо-иҷрокунандагони халқи қирғиз ифтитоҳ мебахшад. «Драматургияи мусиқавӣ» чист»? Кӯшиш мекунем, андеша бикунем. Якум, «мусиқӣ» чист? Таҳти мафҳуми ин вожа мо чиро дар назар дорем? Дуввум, ба алоҳидагӣ мафҳумҳои «драма» ва « драматургия»-ро таҳлил мекунем.

Шогирдҳо: «мусиқӣ» – ин... «Драма» ва «драматургия» – ин... (толибилмон озодона андешаҳои хешро дар ин бора иброз медоранд).

**Маълумоти омӯзгор:** «мусиқӣ» – (аз вожаи юнонии «musikon» - ҳунар(санъат) муз) – маҳорати бадеиест, ки дар он тавассути истифода аз овозҳо оҳанг сохта мешавад. Мусиқӣ – ин санъатест, ки дар он тавассути овозҳо инъикоси бадеии ҳаёт, ҳодисаҳои табиат, сурат мегирад. Бо ёрии овозҳо тавассути ба ҳам соз омадани хусусиятҳои онҳо, баландии овоз, ритм, парда олами ботинии инсон инъикос меёбад. Мусиқӣ –ин ҳунари (санъати) эҷоди асар мебошад.

Драматургия – яке аз навъҳои эҷодиёти бадеӣ мебошад. Драматургия дорои асоси сюжетию образнокӣ мебошад.

**Маълумоти муаллим:** «драматургияи мусиқавӣ» –ин дар баъзе мавридҳо такрор, нашъунамо, рушд, дар мавридҳои дигар комилан ба ҳамдигар даромехтани якчанд образҳои як асари мусиқавӣ мебошад. Асосан, истилоҳи «драматургияи мусиқавӣ» ба намоишҳои театрикунонидашуда, ки дар саҳна гузошта мешаванд, таалluқ дорад. Сарфи назар аз ин, драматургияи мусиқавӣ дар асарҳои мусиқавии созию симфонӣ ва яккахонӣ ифода мешавад. Сурудҳои мелодистҳо якҷо бо матнҳои оқинҳо драматургияи асарро бозгӯ мекунад.

1. Шунидан: «Яйлови қирғиз», мусиқии Ж. Шералиев. 2. Шунидан: «Суруди галабон», мусиқии Ж. Шералиев (таҳлил намудан ва шарҳу тафсир додани драматургияи мусиқавии асар).

**Маълумоти Муаллим:** Ин асар ба мелодисти бузурги халқи қирғиз Жумамидин Шералиев таалluқ дорад. Ж. Шералиев – ин мелодистест, ки беш аз ҳама дар фарҳанги мусиқавии қирғиз асар эҷод кардааст! Вай аз 600 то 800 оҳанг эҷод кардааст. Мавзуъи асарҳои ӯ гуногун мебошанд. Матни баъзе аз сурудҳоро худаш навиштааст. Ҳамзамон ба фаъолияти журналистӣ машғул буд ва барои кӯдакон сурудҳо навиштааст: «Ҳамин гуна бош», «Ман нозпарвардаи вақтам», «Алла», «Вақти шукуфоӣ». Бисёре аз иҷрокунандагон то кунун сурудҳои ӯро месароянд. Ҳамзамон вай сурудҳоро барои хорсароӣ такмил намудааст. Дар байни халқи қирғиз мелодистҳои бузурге, чун Ж. Шералиев, Р. Абдикадиров, Т. Казаков, К. Тагаев, Ж. Кайипов, К. Эралиева, М. Рискулбеков ва ғайра ҳастанд.

Муаллим: бачаҳо,

Шумо дар бораи ин мелодистҳо чӣ медонед? Кадом сурудҳои онҳоро месароед? (Толибилмон посух медиҳанд. Агар ҳеҷ кас ҷавоб надихад, пас муаллим номи якчанд асарҳо гуфта, ба хотир меоварад. Масалан, Т. Казаков «Гулҳо», Ж. Кайипов «Ба волидон», К. Эралиева «Занги охирин» ва ғайра).

Мустаҳкамкунии дарс: (Муаллим озодона бо бачаҳо суҳбат карда, андешаҳои онҳоро дар бораи истилоҳоти «мусиқӣ», «драматургия», «мелодист», мешунавад ва савол мекунад ,ки дар бораи мелодистҳо чӣ дар ёд доранд. Иловагии муаллим).

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ нишон дода шудааст).

*Хотимаи мусиқавии дарс.*

## Дарсҳои 2–3
## Мелодисти машҳур Рисбай Абдикадиров.
## Мелодист Туголбай Казаков

**Ҳадафҳои дарс:**

1. Нишон додани рушди драматургияи мусиқавӣ дар асарҳои мусиқавии мелодистҳо.
2. Шиносоӣ бо эҷодиёти мелодист Рисбай Абдикадиров.
3. Шиносоӣ бо эҷодиёти Туголбой Казаков.
4. Нишон додани аҳамияти тарбиявии асарҳои мелодистҳо.

Таҷҳизоти дарс: портретҳои мелодистҳо Рисбай Абдикадиров ва Туголбай Казаков, варақаҳое, ки дар онҳо номи асарҳо навишта шудаанд, фортепиано, DVD-сентр, сабтҳои видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра.

**Маводи мусиқавӣ:**

1. Шунидан: «Ман пазмони туям, сарзамини азизам», мусиқии Р. Абдикадиров.
2. Тамрин: «Диёри азиз», мусиқии Р. Абдикадиров.
3. «Насиҳат» (оҳанги К. Оразов). Оҳангро барои аккордеон омода кард Т. Казаков, матни суруд аз А. Рискулов.
4. Шунидан: «Пайкара», мусиқии Т. Казаков, матни Т. Мамеев (иловагӣ).

Ташкили дарс: толибилмон ба синфхона таҳти садои асари Р. Абдикадиров «Ман пазмони туям, сарзаминам» ворид мешаванд. Журналро пур мекунанд. Муаллим ҷоба ҷо шудани толибилмонро назорат мекунад. Эҷод кардани фазои созгор.

**Ҷараёни дарс:**

Тавассути методи ҳуҷуми зеҳнӣ таҳким намудани дониши шогирдон аз рӯи дарси якум.

**Саволҳо:**

1. Драматургияе, ки фарогири андеша, идея ва эстетикаи мусиқӣ мебошад, чӣ номида мешавад?
2. Композиторро аз мелодист чӣ тавр фарқ мекунанд?
3. Киро мо мелодист меномем?
4. Кадом мелодистҳои қирғизро медонед?
5. Ж. Шералиев дорои чӣ истеъдоде аст?
6. Ж. Шералиев кадом сурудҳоро эҷод кардааст? Ном баред.
7. Андозаҳои одӣ чӣ тавр мешаванд?

(Фаро сохтани имконияти ба ҳам тавъам намудани посухҳои шогирдони фаъол ва мунфаъил. Агар посух дақиқ набошад, пас шогирди дигар метавонад онро такмил диҳад.Сипас муаллим посухҳоро бо такмили иловагиҳо ҷамъбаст мекунад ва дарсро идома медиҳад.).

Омӯзгор: бачаҳо, имрӯз мо шиносоиро бо эҷодиёти мелодистҳо идома медиҳем. Инҳо мелодистони боистеъдод ва дӯстоштаи халқи қирғиз Рисбай Абдикадиров и Туголбай Казаков ҳастанд. Шумо дар бораи онҳо чӣ медонед? Асарҳои онҳоро ном бурда метавонед?

Шогирдҳо: «Бороні сел сар зад» (шогирдон метавонанд номи асарҳои дигарро ба забон оваранд).

Шунидан: «Ман пазмони туям, сарзамини азизам», мусиқии Р. Абдикадиров (Пас аз гӯш кардани асар, аввал шунидани андешаи шогирдон, ташкил кардани муҳокима, таҳлил кардан, ин асар дар бораи чист, нишон додани драматургияи мусиқавӣ, кадом воситаҳои бадеии мусиқавӣ истифода шудаанд. Такроран шунидан).

**Маълумоти муаллим:** бачаҳо, ин асар– суруди мелодист иҷрокунанда Рисбай Абдикадиров «Ман пазмони ту, сарзамини азизам» мебошад. Ҳамон тавре Шумо гуфтед, дар суруд носталгия ба сарзамини азиз инъикос шудааст. Р. Абдикадиров – намояндаи машҳури маҳорати мелодиявии санъати мусиқии қирғиз буда, асари ӯ бо диапазони баланди эҷодӣ ва оҳанги хониш фарқ мекунад. Мелодист беш аз 200 оҳанг эҷод кардааст. Бисёре аз сарояндагон сурудҳои ӯро дар коркарди нав иҷро мекунанд. Мисол, асари ӯ «Ман медонистам, ки туро истиқбол мегирам»-ро Токтобюбю Черикчиева, Токтобек Асаналиев, Юлия Рутская иҷро мекунанд. Гуруҳи «Эне-Сай» ин сурудро ҳамчун асари созӣ тавассути созҳои халқии кирғизӣ иҷро кардааст. Илова бар он, асарҳои Р. Абдикадиров ба худ ҳамчунин таваҷҷуҳи дӯстдорони мусиқии хориҷиро ҷалб кардааст. Ромишгароне, ки хусусиятҳои мелодиявии сурудҳои ӯро истифода бурдаанд, асарҳои симфониявӣ навиштанд ва онро тавассути ғижжак иҷро кардаанд.

Сароидан: ҳосил намудани малакаҳои сарояндагӣ, дуруст истифода бурдани нафас. Сароидани сеовозагӣ ва гамма дар сол минор дар оҳангнокии суруд.

Тамрин: «Диёри азиз»-и Р. Абдикадиров (аввал шунидани суруд, таҳлил кардани матн, шунидани андешаи шогирдон). Ёд додани суруд аз рӯи ибора ба ибора, рӯшану дуруст сароидани суруд, ба назар гирифтани лига ва нотаҳои нуқтадор.



*Мустаҳкамкунии дарс:* бачаҳо, мо имрӯз бо эҷодиёти мелодист-иҷрокунанда Р. Абдикадиров шинос шудем. Шумо кӯшиш бикунед перомуни се савол биандешед:

1. Р. Абдикадиров дорои чӣ истеъдоде ҳаст?
2. Бигӯед, ки суруди «Диёри азиз» чӣ таъсире ба Шумо гузошт, кадом эҳсосотро дар вуҷуди Шумо бедор кард?
3. Шунидани суруди «Ман пазмони ту, сарзамини азиз» ба Шумо чӣ таъсир гузошт?

(Суҳбат бо шогирдон дар фазои озод, такмилу пурра намудани андешахои онҳо, баҳогузории дониши шогирдон).

Муаллим: бачаҳо, биёед бо роҳи эҷодии боз як нафар мелодист шинос мешавем, мусиқии ӯро мешунавем. Бодиққат шунавед, бо якдигар суҳбат накунед.

Шунидан: «Насиҳат» (оҳанги К. Оразов). Коркарди оҳанг барои аккордеон аз Т. Казаков, шеъри А. Рискулов.

(Пас аз шунидани асар ба шогирдон имкони онро дод, то андешаҳои худро иброз доранд, муҳокима, табодули андешаҳо).

Омӯзгор: бачаҳо, ин асари Т. Казаков аст. Шумо қаблан «Насиҳат»-ро шунидаед? Вай барои кадом соз навишта шудааст? Ба ёд оваред, ки кӣ онро навиштааст? (дар чоряки якуми синфи 5 шогирдон оҳанги К. Оразов «Насиҳат»,-ро, ки идомаи сюжети оҳанги нахустин буд, омӯхтанд. Шогирдон бояд ин маълумотро дар ёд бигиранд).

Муаллим: «Насиҳат» – оҳанги К. Оразов аст, ки барои аккордеон Т. Казаков коркард карда, ба он А. Рискулов матн навиштааст. Ин асар сюжети оҳангро идома дода, онро такмил медиҳад. Ҳамчунин аҳамияти тарбиявӣ дорад. Тавассути ин асар мелодист- иҷрокунанда Т. Казаков тарзи вижаи эҷоди оҳангро кашф кард. Эҷодиёти мелодист Т. Казаков хеле рангин ва ғанӣ аст. Вай ҳатто асаре эҷод кардааст, ки ба кӯдакони синнашон томактабӣ бахшида шудаанд. Ҳамчунин асарҳои лирикие навиштааст, ки ба мавзуъи муҳаббат ба халқи худ, ба Ватани худ бахшида шудаанд.

Барои мисол, «Кӯдакии тиллоӣ», «Борони сел», «Кӯли роздор», «Роҳҳо», «Муноҷот», «Хотима», «Баҳори муҳаббат», «Хотираи шомгоҳӣ», «Куйдургу», «Шунқор» ва дигар сурудҳо. Вай ба филмҳои «Сарнавиштҳои гуногун», «Сафедор чанд сол зиндагӣ мекунад?», «Қиссаи ишқ», «Одамҳои муҳрубон», наздик ба 30 филму спектакл оҳанг бастааст. Суруди ӯ «Пайкара» ба хотираи ҷанговароне бахшида шудааст, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок гардидаанд. Ин суруд дар Рӯзи Ғалаба дар бисёр ҷойҳо садо медиҳад. Суруд дар сабки минорӣ, ба тарзи оҳистагиву андешамандонаю ботамкинона иҷро мешавад.

Шунидан: «Пайкара», мусиқии Т. Казаков, шеъри Т. Мамеев.

Омӯзгор: бачаҳо сурудро муҳокима намуда, саъй мекунем, то драматургияи мусиқии онро ошкор созем.

Шогирдон: (шогирдон дар фазои озод саъй мекунанд, то драматургияи мусиқии асарро дарёбанд ва андешаи шогирдонро муаллим бо иловаҳояш тақвият мебахшад..

Омӯзгор: асари Р. Абдикадиров «Диёри азиз» ва Туголбай Казаков «Пайкара» дар андозаи 2/4 навишта шудаанд. Ин андозаи одӣи ба шумор меравад. Шумора ба 1, 2. мувофиқат мекунад. (бо пой омӯзонидани шумурдан, нишон додани дирижёрӣ).

Сурудан: ҳосил намудани малакаҳои сарояндагӣ, дуруст истифода бурдани нафас. Сурудани сеовозагӣ ва гамма дар сол минор дар оҳангнокии суруд. Пурра хондани суруди Р. Абдикадиров «Диёри азиз» (ҳар як шогирд бояд ба он сатҳи сарояндагӣ ноил гардад, ки дуруст хонда ва воситаҳои бадеии асарро саҳеҳ иҷро менамояд.).

Мустаҳкамкунии дарс: бачаҳо, мо бо эҷодиёти мелодист Т. Казаков шинос гардида, ду асари ӯро таҳлил намудем.

Саволи якум: дар суруди «Насиҳат» кадом воситаи бадеии мусиқавӣ истифода шудааст? Ин асар дар асоси асари кадом муаллиф навишта шудааст? Вай дар бораи чӣ қисса мекунад?

Саволи дуввум: суруди Т. Казаков «Пайкара» кадом лаҳзаро ифода мекунад? Маънии суруд аз чӣ иборат аст? (шогирдон ба саволҳо ҷавоб медиҳанд, муаллим донишҳои доширдонро бо дарназардошти иштирокашон дар даст, баҳогузорӣ мекунад. Баъзе аз шогирдон лоиқи таҳсин мешаванд ва гуфта мешавад, ки онҳо бояд боз ҳам кӯшиш кунанд).

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ нишон дода шудааст).

*Хотимаи мусиқавӣ:* вақте толибилмон аз синфхона берун мешаванд. Суруди «Ман пазмони туям, сарзамини азиз» садо медиҳад».

**Дарсҳои 4–5**
**Мелодист-композитор Сардарбек Жумалиев.**
**Мелодист Асанкалий Каримбаев**

**Ҳадафи дарс:**

1. Ошкор намудани рушди драматургияи мусиқавии асарҳои мусиқавии мелодистҳо.
2. Шинос намудан бо эҷодиёти композитор ва мелодист Сардарбек Жумалиев. Нишон додани драматургияи мусиқавӣ тавассути шунидани суруди «Гулгашти ман» ва омӯзиши суруди «Бишкеки ман».
3. Ошноӣ бо эҷодиёти А. Каримбаев.
4. Рушд ва ташакккул додани қобилияти эҷодии шогирдон тавассути гӯш кардани сурудҳо ва омӯзонидани сарояндагӣ.

**Таҷҳизоти дарс:** портретҳои мелодистон Сардарбек Жумалиев ва Асанкалий Каримбаев, варақаҳое, ки дар онҳо номи асарҳо навишта шудаанд, фортепиано, DVD-сентр, сабтҳои видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра.

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидан: «Сарзаминам», мусиқии А. Каримбаев, матни Ш. Мусакожоев. 2. Тамрин: «Бишкеки ман», мусиқии С. Жумалиев, шеъри К. Урманбетов. 3. Шунидан: «Гулгашти ман», мусиқии С. Жумалиев, шеъри Т. Имашев.

**Ташкили дарс:** шогирдон ба синфхона дар ҳавои суруди «Гулгашти ман» ворид мешаванд. Муаллим ба ҷобаҷошавии толибилмон назорат мекунад. Фазои созгор эҷод мегардад.

**Ҷараёни дарс:** такрори мавзуъҳои гузашта: пурсиши яклаҳзаина (ҷавоби тез, саҳеҳ ба савол).

*1. Саволҳои пурсиши яклаҳзаина:*

1. Драматургияе, ки фарогири андеша, идея, эстетикаи мусиқӣ аст, чӣ ном дорад?
2. Композитор ва мелодист аз ҳамдигар чӣ тавр фарқ мекунанд?
3. Ж. Шералиев дорои чӣ истеъдоде буд?
4. Ж. Шералиев кадом сурудҳоро офаридааст? Ном баред.
5. Р. Абдикадиров дорои чӣ истеъдоде буд?
6. Сурудҳои Р. Абдикадировро бишуморед…
7. Бигӯед, ки суруди Р. Абдикадиров «Диёри азиз» ба Шумо чӣ таъсире гузошт ва кадом эҳсосотро бедор кард?
8. Ҳангоми гӯш кардани суруди «Ман пазмони ту, сарзамини азиз» чӣ таасуроте бардоштед ?
9. Мавзуъи сурудҳои Т. Казаков аз чӣ иборат аст?
10. Вай барои иҷроиши он дар шакли суруд чӣ оҳангеро коркард кардааст?
11. Дар асоси оҳанги кадом муаллиф суруди «Насиҳат» эҷод шудааст? Дар сюжети он сухан дар бораи чӣ меравад?
12. Дар суруди Т. Казаков кадом давру замон инъикос шудааст? Маънии суруд аз чӣ иборат аст?

*2. Сурудан: асари «Диёри азиз».*

(баҳогузории дониши толибилмон бо дарназардошти он, ки ки то чӣ андоза онҳо дар дарс фаъол буданд. Иловаи муаллим).

Омӯзгор: офарин, бачаҳо. Таври иловагӣ маълумотро дар бораи ин мелодистҳо бихонед, асарҳои онҳоро гӯш кунед. Имрӯз мо шиносоиро бо эҷодиёти дигар мелодистҳо, яъне мелодист ва композитор, дирижер С. Жумалиев ва мелодист А. Каримбаев идома медиҳем. Бачаҳо, Шумо дар бораи ин мелодистҳо чӣ медонед?

Шогирдон: (шогирдон ҳар он чизеро, ки медонанд, мегӯянд. Баъзе шогирдон шояд маълумоти дурусте дошта бошанд).

Муаллим: бачаҳо, ҳоло мо мусиқӣ мешунавем, ором нишаста, бодиққат онро бишнавед.

Шунидан: «Гулгашти ман», мусиқии Т. Имашев.

(Дар вуҷуди шогирдон метавонанд эҳсосоти гуногун бедор гарданд. Пас аз шунидан, муаллим аз шогирдон мепурсад, ки суруд чӣ таассуроте дар вуҷуди Шумо боқӣ гузошт, кадоме аз воситаҳои бадеии мусиқавӣ истифода шудааст. Суҳбати кӯтоҳе дар муддати 3–5 дақиқа дар бораи маҳорати иҷрокунандагии сароянда анҷом медиҳад.).

Муаллим: офарин, маълум мегардад, ки Шумо ин сурудро якчанд маротиба шунидаед. Боз як асари дигарро мешунавем.

Шунидан: «Бишкеки ман», шеъри К. Урманбетов, мусиқии С. Жумалиев.

(Ҳар он касе, ки медонад, ба суруд ҳамовоз мешавад.Пас аз шунидан якҷо бо шогирдон муҳокимаи асар баргузор мегардад. Тавассути муҳокима муаллим ба шогирдон мегӯяд, ки ин суруди миллии шаҳри Бишкек ба шумор меравад. 3–5 дақиқа).

**Маълумоти муаллим:** композиторон-мелодистони мазкур аз композиторони бузург, чун М. Абдраев, К. Молдобасанов ва Н. Давлесов сабақ гирифтаанд. Бачаҳо, ин ду асарро мелодист, композитор, дирижёр Сардарбек Жумалиев эҷод кардааст. Вай сурудҳоро дар мавзуъҳои гуногун офаридааст: гимни (суруди) вилояти Чуй «Сарӣ Озён», «Гимни Донишгоҳи Миллии Қирғизистон», «Гимни хоҷагии ҷангал», «Гимни Мактаби бачагонаи Манас», гимни шаҳри Бишкек «Бишкеки ман».

Сурудан: ҳосил кардани малакаҳои сарояндагӣ, дуруст истифода бурдани нафас. Сурудхонии гамма ва сеовозӣ дар оҳангнокии суруд. 1. Шунидан: «Бишкеки ман», матни К. Урманбетов, мусиқии С. Жумалиев. 2. Тамрин: ибора бо ибора аз бар кардани суруд. Расидан ба он сатҳи сарояндагӣ, ки нозукиҳои гуногуни асар таври дақиқ ва саҳеҳ иҷро шаванд, нотаи ҳаштуми нуқтадор, триолаҳо, нотаҳои нимавӣ ба назар гирифта мешавад.



3. Такрор: «Диёри азиз»-и Р. Абдикадиров.

*Мустаҳкамкунии дарси 4*: «Сардарбек Жумалиев» – тартиб додани синквейн.

Қоидаи навиштани синквейн:

Мисраъи 1: дорои синквейн, мавзуъи асосӣ, ном.

Мисраъи 2: сифате, ки фикри асосиро ифода мекунад.

Мисраъи 3: се адад феъл, ки ҳаракатро дар асоси мавзуъ ифода мекунад.

Мисраъи 4: иборае, ки фикри асосиро ифода мекунад.

Мисраъи 5: ҷамъбасте, ки мавзуъро муайян мекунад.

Мисол:

1. Сардарбек Жумалиев.

2. Композиторе, бо оҳангҳои қавӣ ва зебо.

3. Оҳанг менависад, оркестрро дирижёрӣ мекунад, созҳои мусиқиро менавозад.

4. Мусиқинавоз.

5. Сардарбек Жумалиев – мелодист, дирижёр, композитор.

Дарси 5

**Ташкили дарс:** шогирдон ба синфхона таҳти ҳавои суруди А. Каримбаев «Сарзаминам» ворид мешаванд. Ҷобаҷо шудани шогирдонро назорат кардан. Сабти журнал.

Ҷараёни дарс: дар маҷмуъ такрор намудани дарсҳои 1, 2, 3, 4.

Муаллим: бачаҳо мо дар ин чоряк бо мелодистҳо шинос мешавем. Биёд ба хотир оварем: мо бо кадом мелодистҳо шинос шудем? Ин саволи аввал. Акнун саволи дуввум– мо бо кадом асарҳое, ки онҳо навиштаанд, шинос шудем? Ном баред. Саволи саввум: Кадоме аз асарҳои мелодистҳо ба Шумо таъсири бузург гузоштанд? Чаро?

Шогирдон: (бонавбат ба ҳар як савол ҷавоб медиҳанд. Вазифаи муаллим – қабул ва таҳлил намудани ҳар як посух, дар охири пурсиш илова намудан, таҳкими донишҳои гирифташуда, ҷамъбасти дарс).

Муаллим: дар борาи мелодист-иҷрокунандагон иловатан бихонед. Ҳоло мо мусиқӣ гӯш мекунем. Ба матни суруд, тарзи иҷро, воситаҳои бадеии мусиқавӣ, ки моҳияти сурудро бозгӯ мекунанд, диққат диҳед.

Шунидан: «Сарзаминам», мусиқии А. Каримбаев, матни Ш. Масакожоев.

(пас аз шунидани суруд, бо шогирдон муҳокима кардани он, хондани матни суруд, фароҳам овардани имконият барои шогирдон,то андешаҳояшонро баён доранд).

**Маълумоти муаллим:** бачаҳо, офарин, ин суруди А. Каримбаев «Сарзаминам» аст. Вай муаллифи наздик ба 100 оҳанг аст. Суруди «Маҳбубаам, ту куҷоӣ» («Мундашим мунар кайдасин»), «Қусалиқ», «Гюлдёр гюлгё арзуу айтип ачилат», «Ба зебодухтар» («Сулууга»), «Қалб эҳсос мекунад», «Абрҳои сафед», «Сендей мага», «Нури саҳарӣ» ва дигар оҳангҳо дар Хазинаи тиллоии радиои қирғиз сабт шудаанд. Сурудҳои А. Каримбаев «Абрҳои сафед», ки бар шеъри Омор Султанов навишта шудааст, «Ба зебодухтар» («Сулууга»), ки бар матни Алиқул Усмонов навишта шудааст, аз ҷониби иҷрокунандагон сароида мешаванд ва имрӯз, халқ ин сурудҳоро дӯст дошта, онро бисё мешунавад.

Муаллим: Боз як бори дигар суруди А. Каримбаев «Сарзаминам»-ро мешунавем. Суруд дар сабки минорӣ навишта шуда, муаллиф эҳсоси пазмон шудан ва ғаму ғусса хӯрдан бо ёди Ватанро ифода намуда, дар бораи муҳаббаташ ба волидон ҳарф мезанад. Суруд бо шавқу эҳсоси баланд сароида мешавад.

Шунидан: «Сарзаминам», мусиқии А. Каримбаев, шеъри Ш. Масакожоев.




Сурудан: ҳосил кардани малакаҳои сурудан, дуруст истифода бурдани нафас. Сароидани гамма ва сеовозагӣ дар оҳангнокии суруд.

Такрор: «Бишкеки ман», шеъри: К. Урманбетов, мусиқии С. Жумалиев. Дар охири дарс муваффақ шудан ба сароидани суруд бо ифодаи характери суруд дар иҷроиши хор. Ҳама аҳли синф месароянд.

Такрор: «Диёри азиз»-и Р. Абдикадиров.

Ҷамъбасти дарс: муаллим дарсро ҷамъбаст намуда, сурудҳоро муқоиса намуда, аз рӯи сурудҳо метавонад саволҳо диҳад:

1. «Гулгашти ман»-и С. Жумалиев;
2. «Бишкеки ман»-и С. Жумалиев;
3. «Ман пазмони ту, сарзамини азизам»-и Р. Абдикадиров;
4. «Сарзаминам»-и А. Каримбаев.

Саволҳо: Ин сурудҳо ба чӣ бахшида шудаанд? Онҳо дар кадом табъу ҳолат суруда мешаванд? Ғояи суруд аз чӣ иборат аст? Драматургияи онҳо чӣ тавр аст? (ба шогирдон бояд имконияти андеша карданро фароҳам сохт. Агар хоҳишмандон бошанд, ба онҳо имконияти сурудани сурудро фароҳам овард.).

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ оварда шудааст).

**Хотимаи мусиқавӣ**: суруди С. Жумалиев «Бишкеки ман» такрор мешавад.

## Дарси 6
## Мелодистҳо Аксуубай Атабаев и Жолдубай Кайипов

**Ҳадафи дарс:**

1. Ошкор намудани рушди драматургияи мусиқавии асарҳои мусиқавии мелодистҳо.
2. Шиносоӣ бо эҷодиёти мелодист Аксуубай Атабаев.
3. Шиносоӣ бо эҷодиёти мелодист ва иҷрокунанда Ж. Кайипов.
4. Таҳлил намудани робитаи асарҳои ду мелодист, истифода бурдани воситаҳои бадеии мусиқавӣ ва хусусияти матн.

Таҷҳизоти дарс: портретҳои мелодистҳо Аксуубай Атабаев ва Жолдубай Кайипов, варақҳое, ки номи асарҳо навишта шудаанд, фортепиано, DVD-сентр, сабтҳои видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра.

Маводи мусиқавӣ: 1. Шунидан: «Балладаи модар», мусиқии А. Атабаев, шеъри С. Омурбаев. 2. Шунидан: «Куҳҳо», мусиқии А. Атабаев, шеъри А. Кидиров. 3. Шунидан ва сурудан: «Ба волидон», мусиқии Ж. Кайипов, шеъри И. Мансуров. 4. Шунидан: «Меҳани ман», мусиқии Ж. Кайипов, шеъри И. Мансуров (иловагӣ).

Ташкили дарс: салому алейк. Назорат кардан аз болои ҷо ба ҷо шудани шогирдон, сабти журнал, санҷиши ҳозиру ғоиб. Эҷод намудани фазои созгор.

**Ҷараёни дарс:**

Муаллим: бачаҳо, сурудро гӯш мекунем. Ба матн ва воситаҳои бадеии мусиқавии суруд диққат диҳед.

Шунидан: «Балладаи модар», мусиқии А. Атабаев.

(Пас аз гӯш кардани суруд, бо шогирдон дар фазои озод суҳбат кардан, додани имконият барои кӯтоҳу мушаххас иброз намудани андешаашон.

Ҳар кас, ки бихоҳад суруд дар васфи модаронро метавонад бихонад (1 ва ё якчанд нафар хонанда). Дар хотимаи дарс муаллим иловагӣ ворид мекунад).

Маълумоти муаллим: бачаҳо, ин сурудро боз яке аз мелодистони машҳури халқи қирғиз Аксуубай Атабаев навиштааст. Аз рӯзи эҷод шуданаш ин сурудро ҳам шунавандагон ва ҳам иҷрокунандагон дӯст медоранд. А. Атабаев – муаллифи беш аз 200 суруд мебошад, ки таври ҷовидона дар хотираи халқи қирғиз нақш бастааст. «Оташак», «18 сол», «Балладаи модар», «Куҳҳо, «Замини қирғиз», «Хоҳиши дил», «Ба ҳамсолон», «Айгул ай», «Ишқи ман», «Таалайбек», «Баллада оид ба сарбози номаълуме» ва дигар сурудҳо. Суруди мусиқинавоз «18 сол» – суруди дӯстдоштаи ҳар як насл буда, онро хаста нашуда мехонанду мешунаванд. Сури «Куҳҳо» дар бораи муъҷизаи замини қирғиз- куҳҳои аҷоиби он қисса мекунад.

Шунидан: «Куҳҳо», мусиқии А. Атабаев, шеъри А. Кидиров. (ҳангоми гӯш кардани суруд бояд темпи (суръати) сароидан, маҳорати иҷрокунандагӣ, тавъам намудани ритми пунктирӣ бо нотаҳои нимавӣ ва чорякӣ, воситаҳои бадеии мусиқавӣ).




(Агар вақт имкон диҳад, пас аз гӯш кардани суруди «18 сол» ва «Оташак», метавон дар бораи эҷодиёти мелодист маълумоти муфассал дод).

Сурудан: ҳосил намудани малакаҳои сарояндагӣ, дуруст истифода бурдани нафас. Сурудани сеовоза ва гамма дар ре минор дар оҳангнокии суруд.

1. Шунидан: «Ба волидон», мусиқии Ж. Кайипов, шеъри И. Мансуров.
2. Тамрин: «Ба волидон», мусиқии Ж. Кайипов, шеъри И. Мансуров.
3. Такрор: «Бишкеки ман», С. Жумалиев, «Диёри азиз»-и Р. Абдикадиров.
4. Шунидан: «Меҳани ман», мусиқии Ж. Кайипов, шеъри И. Мансуров (иловагӣ) (агар имконият бошад).

Маълумоти муаллим: бачаҳо, муаллифи сурудҳои шунидаи мо «Меҳани ман» ва «Ба волидон» – Жолдубай Кайипов аст. Шумо шояд аз телевизор ин мелодист ва сароиндаи мазкурро дидаед.

Ж.Кайипов – мелодист, иҷрокунанда, диктор, Ҳунарманди шоистаи Ҷумҳурии Қирғизистон, муаллифи наздик ба 70 оҳанг аст. Вай иҷрокунандаи мумтоз буд. Суруди ӯ «Болои кӯл», «Айлимдин житин сагинам», «Ишқи нахустин», «Наврасӣ», «Қадами нахустин», «Месароем ва мерақсем» дар байни халқ хеле шуҳрат доранд.

Мустаҳкамкунии дарс: хонапурии тоблу (шогирдон мустақилона кор мекунанд, дар маҷмуъ ҳама номҳои маводи мусиқавиро, ки дар дарсҳои гузашта омӯхтаанд, менависанд. Агар имконият бошад, муаллим ба шогирдон тоблуҳои тайёрро тақсим мекунад, то ки вақташон барои расмкашӣ сарф нашавад.).

| № | Мелодист-иҷрокунанда | Номи асар дар бораи сарзамини азиз | Характер ва темпи асар | Номи асар оид ба волидон | Характер ва темпи асар |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ж. Шералиев | | | | |
| 2. | Р. Абдикадиров | | | | |
| 3. | Т. Казаков | | | | |
| 4. | С. Жумалиев | | | | |
| 5. | А. Каримбаев | | | | |
| 6. | А. Атабаев | | | | |
| 7. | Ж. Кайипов | | | | |

(Муаллим тоблуҳои шогирдонро ҷамъ ва тафтиш мекунад, бо такя бар дониш ва азхудкунии маводи ҳар як толибилм баҳо мегузорад.

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ нишон дода шудааст).

*Хотимаи мусиқавӣ:* шогирдон синфхонаро таҳти мусиқии «Ба волидон»-и Ж. Кайипов тарк мекунанд.

## Дарси 7
## Мелодистҳо Калийбек Тагаев и Мукан Рискулбеков

**Ҳадафи дарс:**

1. Ошкор намудани рушди драматургияи мусиқавии асарҳои мелодистон.
2. Шиносоӣ бо эҷодиёти мелодист Калийбек Тагаев.
3. Шиносоӣ бо эҷодиёти мелодист М. Рискулбеков.
4. Ташаккул додани фарҳанги гӯш кардани суруд тавассути нишон додани асарҳо дар зеҳни толибилмон.

**Таҷҳизоти дарс:** портретҳои мелодистон М. Рискулбеков ва К. Тагаев, варақҳое, ки дар онҳо номи асарҳо навишта шудаанд, фортепиано, DVD-сентр, сабтҳои видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидан: суруди «Долон», мусиқии К. Тагаев. 2. Шунидан: суруди «Иссиқ-Кӯл», мусиқии К. Тагаев. 3. Шунидан ва азёд кардан: «Хоҳарон ва бародарони ман», мусиқии М. Рискулбеков, шеъри Т. Тинибеков.

**Ташкили дарс:** Салому алейк. Назорат кардан аз болои ҷобаҷо шудани шогирдон. Эҷод кардани фазои созгор.

**Ҷараёни дарс:**

1. Тавассути баргузории пурсиш таҳким намудани дониши толибилмон, ки онро дар дарсҳои гузашта гирифтаанд. Саволҳо барои баргузории пурсиш:

1. А. Атабаев кист? Вай дар кадом муасссисаҳои таълимӣ маълумоти мусиқавӣ гирифтааст?

2. Суруди «Балладаи модар»-ро кӣ иҷро кардааст? Ин сурудро шунида, Шумо чиро эҳсос мекунед?

3. Оё Шумо пештар суруди «Куҳҳо» ва «18 сол»? -ро шунида будед? Ин суруд ба Шумо чӣ таассуроте боқӣ гузошт?

4. Ж. Кайипов дорои кадом ихтисосҳо буд?

5. Мавзуъи сурудҳои Ж. Кайиповро ном баред.

6. Суруди «Ба волидон»-ро дар иҷрои кӣ шунидаед?

7. Суруди «Ба волидон» ба Шумо чӣ таассуроте боқӣ гузошт ва Шуморо пас аз шунидани ин суруд чӣ эҳсосе фаро гирифт?

2. Баҳогузории қобилияти толибилмон дар сарояндагӣ (баҳогузории шогирдоне, ки дар дарс фаъолона иштирок карда, ба саволҳо посухи дуруст доданд).

Муаллим: офарин! Дар ёд бигиред ва бештар хонед. Мо имрӯз бо ҳаёт ва роҳи эҷодии мелодистон М. Рискулбеков ва К. Тагаев шинос мешавем. Шумо пештар дар бораи онҳо шунида будед?

Шогирдон: (посух медиҳанд, вале онҳо маълумот надоранд, онҳо чизе гуфта наметавонанд).

**Маълумоти муаллим:** мелодист, композитор Калийбек Тагаев маълумотро дар риштаи назария ва композитсия ба даст оварда, муаллифи беш аз 120 оҳанг мебошад. Наздик ба 60 оҳанги ӯ дар Хазинаи тиллоии радиои қирғиз сабт шудааст. Вай ба баъзе оҳангҳои худ матн навиштааст. Суруд дар бораи сарзамини азиз «Ат-башӣ» (матни К. Тагаев), «Долон» (шеъри Ж. Шералиев), сурудҳо аз рӯи повестҳои Ч. Айтматов «Алвидоъ» Гулсарӣ, ҳамчунин суруди «Қиссаи кӯл», «Киялдануу» (шеъри А. Усмонов), «Назгюлюм», «Иссиқ-Кӯл», «Элмира» (шеъри К. Тагаев), «Тантанаи заҳмат» ва ғайра

1. Шунидан: суруди «Долон», мусиқии К. Тагаев. 2. Шунидан: суруди «Иссиқ-Кӯл», мусиқии К. Тагаев (шогирдон тайи 2–3 дақиқа дар фазои озод андешаҳои худро иброз медоранд. Бояд темп, характер, драматургияи мусиқавии ин ду асари К. Тагаев ошкор карда шаванд).

Муаллим: бачаҳо, биёед, боз як суруд мешунавем. Ин ду сурудро муқоиса кунед. Онҳо бо кадом чизашон монанданд?

Шунидан: «Хоҳарон ва бародарони ман», мусиқии М. Рискулбеков, шеъри Т. Тинибеков.

**Маълумоти муаллим:** бачаҳо, ин суруд ба хоҳарон ва бароодарон бахшида шудааст. Муаллифи суруд – Мукан Рискулбеков яке аз мелодистҳои машҳури санъати мусиқавии қирғиз мебошад. Вай нерӯи худро дар жанрҳои гуногуни санъат санҷида, беш аз 200 оҳанг эҷод кардааст. Ба вай сурудҳои «Эсте энелер», «Келген жок», «Сарбози номаълум», «Эне карайт Батиштӣ», «Суусамир», «Тоолор окшойт кариларга» ва дигар сурудҳо, ҳамчунин оҳангҳои:

«Валси интизорӣ», «Киз Бурак», «Китай кизина», «Музика сийкири», «Омур шерик жалжалим», «Ситораи хомӯшнашаванда», «Сапарлашима», «Сёз», «Суусамир», «Умай энем – бешигим» ва «Киз куумай» – тааллуқ доранд. Илова бар он вай образҳои қаҳрамонҳоро дар якчанд кинофилмҳо офарида, ба спектаклҳо ва кинофилмҳо мусиқӣ эҷод кардааст.

Сурудан: ҳосил кардани малакаҳои сарояндагӣ, дуруст истифода бурдани нафас. Сурудани сеовоза ва гамма.

Тамрин: «Хоҳару бародарони ман», мусиқии М. Рискулбеков.

Такрори сурудҳо: «Ба волидон», мусиқии Ж. Кайипов, «Диёри азиз», мусиқии Р. Абдикадиров, «Бишкеки ман», С. Жумалиева «Балладаи модар», мусиқии А. Атабаев.

Мустаҳкамкунии дарс: Худбаҳогузорӣ аз рӯи маводҳое, ки барои сарояндагӣ дода шудааст (4 асар):

1. Номҳои мелодистҳо – 1 балл.
2. Метавонам якчанд асарро номбар кунам – 1 балл.
3. Метавонам бигӯям, ки кӣ он сурудҳоеро, ки барои сароидан ба мо додаанд, иҷро кардааст – 1 балл.
4. Метавонам он сурудҳоеро, ки ба мо додаанд, бисароям – 1 балл.
5. Метавонам воситаҳои бадеии мусиқавиро таҳлил бикунам – 1 балл. (агар шогирд ҷавоби дуруст ва мукаммал бидиҳад, пас дар рӯзномаи ӯ баҳои «панҷ» гузошта мешавад. Муаллим аз миёни мизҳо гузашта, ба рӯзномаҳо баҳо мегузорад ва баъзе мавридҳо бо онҳо барои такмили дониш саволҳои иловагӣ медиҳад).

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ нишон дода шудааст).

*Хотимаи мусиқавӣ*: шогирдҳо аз синфхона таҳти мусиқии К. Тагаев «Иссиқ-Кӯл берун мешаванд.

## Дарсҳои 8–9
## Мелодист-композитор Каникей Эралиева

**Ҳадафи дарс:**

1. Нишон додани рушди драматургияи мусиқавии асарҳои мелодистҳо.
2. Шиносоӣ бо эҷодиёти мелодист-композитор Каникей Эралиева.
3. Таҳлил намудани робитаи байни сурудҳои мелодистҳо, воситаҳои бадеии мусиқавии истифодашуда ва вижагии матн.

**Таҷҳизоти дарс:** портрети мелодист- композитор К. Эралиева, варақаҳое, ки дар онҳо номи асарҳо навишта шудаанд, фортепиано, DVD-сентр, сабтҳои видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра.

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Тамрин: суруди К. Эралиева «Занги охирин». 2. Такрор: суруди «Хоҳарон ваа бародарони ман», мусиқии М. Рискулбеков, шеъри Т. Тинибеков. 3. Сурудан: «Бачагони офтоб», мусиқии К. Эралиева, шеъри Ж. Мамитов (иловагӣ). 4. Такрори умумии сурудҳо.

**Ташкили дарс:** эҷод намудани фазои созгор, сабти журнал. Назорат кардани ҷобаҷошавии толибилмон. Дар тахта портретҳои сарояндагон-мелодистҳое, ки дар дарсҳои гузашта омӯхта шудаанд, овехта, номи онҳо навишта шудааст.

**Ҷараёни дарс:** таҳкими донишҳои толибилмон, ки дар дарсҳои гузашта ҳосил кардаанд. Дар паҳлӯи ҳар як сароянда-мелодист, ки дар дарсҳои гузашта омӯхта шудаанд, тартиб додани кластер (вобаста ба ин, ки шогирдон чӣ тавр нишастаанд, синфро ба панҷ ё ҳафт гуруҳ тақсим бояд кард. Ҳар як гуруҳ барои як нафар мелодист класстер тартиб медиҳад. Шогирдон 5–7 дақиқа кор мекунанд. Ҳар як гуруҳ тайи 2 дақиқа навиштаи худро хонда, илова карда, қазоват мекунад.).

**Калимаҳои асосӣ:** 1. Р. Абдикадиров. 2. Т. Казаков. 3. К. Досмамбетов. 4. А. Атабаев. 5. Ж. Кайипов. 6. Ж. Шералиев. 7. К. Тагаев.

(Он гуруҳе ғолиб мешавад, ки дар натиҷа ҷавобҳои саҳеҳу дурусташон бисёр бошад. Агар зарур шавад, муаллим тавассути методи ҳуҷуми зеҳнӣ ба гуруҳҳо оид ба меолодистҳо иловагиҳо ҳамроҳ мекунад.).

Муаллим: офарин, мо дар дарси имрӯза шиносоиро бо мелодистҳо идома дода, дар бораи роҳи эҷодии Каникей Эралиева маълумот ҳосил мекунем. (Муаллим дар тахта номҳои мелодистҳоро навишта, тавассути методи ҳуҷуми зеҳнӣ ба шогирдон саволҳо медиҳад. Шогирдон дар тахтаи синф он маълумотеро, ки дар бораи ин мелодист медонанд, менависанд. Маъмулан, шогирдон дар бораи номҳои нав маълумот надоранд.).




Шунидан: суруди К. Эралиева «Зангӯлаи охирин» (муаллим бар он таваҷҷӯҳ мекунад, ки чӣ эҳсосе шогирдонро ҳангоми гӯш кардани ин суруд фаро гирифтааст, оё онро қаблан, вақте маъмулан мехонанд, шунидаанд? Байни толибилмон 2–3 дақиқа барои мубоҳиса сарф мешавад).

**Маълумоти муаллим:** бачаҳо, ин суруди композитор-мелодист Каникей Эралиева мебошад Шумо боз кадом сурудҳои ӯро медонед? (Шогирдон посух медиҳанд: «Бачагони офтоб», «Гулҳо», «Табассум кун», «Соли Навро истиқбол мегирем ва ғайра). Оре, бачаҳо, сурудҳое, ки Шумо ном бурдед, ба композитор-мелодист Каникей Эралиева тааллуқ доранд. Вай маълумотро дар назди композитор А. Жанибеков, дар Донишкадаи ҳунарҳои зебо, дар риштаи композитсия ба даст овардааст. К. Эралиева сурудҳоеро дар мавзуъҳои гуногун эҷод кардааст, ки ба кӯдакон бахшида шудаанд. К. Эралиева – муаллифи сурудҳои ватандӯстона ва лирикие, чун «Куҳҳои сафеди барфӣ», «Нома ба деҳа», «Ак чёлмёк», «Ба модарам», Гули баҳман», «Суруди баҳорӣ», «Турнаҳо», «Зодрӯз» мебошад.

Сурудан: ҳосил намудани малакаҳои сарояндагӣ, истифодаи дурусти нафас. Сароидани сеовоза ва гамма.

1. Такрори суруд: «Бачаҳои офтоб», мусиқии К. Эралиева, шеъри Ж. Мамитов (иловагӣ).

2. Тамрин: «Занги охирин», мусиқии К. Эралиева.

Муаллим таври дақиқу саҳеҳ ритмҳои пунктирӣ, паузаи ҳаштум, аломати лига, ки тактро муттаҳид мекунанд, нишон дода, ба он муваффақ мешавад, ки шогирдон бехато сароянд. (ибора ба ибора аз худ кардан. Мусиқӣ асосан ба толибилмон шинос буда, лиҳозо, ба он муваффақ шуд, то банди аввали сурудро бехато ба ифодаи дурусти характери он бихонанд, 5–8 дақиқа).




3. Такрор: «Хоҳарон ва бародарони ман», мусиқии Рискулбеков, «Ба волидон», мусиқии Ж. Кайипов, «Диёри азиз» мусиқии Р. Абдикадиров, «Бишкеки ман», мусиқии С. Жумалиев, «Балладаи модар», мусиқии А. Атабаев.

Мустаҳкамкунии дарс: шогирдон ба якдигар дар бораи ду нафар мелодисти омӯхташуда савол медиҳанд. (Вақте онҳо савол медиҳанд, онҳо саволҳо бояд асоснок, дақиқ ва кӯтоҳ бошанд. Баҳо вобаста ба дониши шогирдон ва фаъолнокии онҳо гузошта мешавад.).

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ нишон дода шудааст).

*Хотимаи мусиқавӣ дар ҳавои суруди «Занги охирин»*.

## Дарси 10
## Дарсе, ки чорякро ҷамъбаст мекунад

**Ҳадафи дарс:**

1. Ташкил намудани баргузории викторина аз рӯи асарҳое, ки дар давоми чоряк омӯхта шудаанд.

2. Сурудани сурудҳое, ки дар чоряк омӯхта шудаанд. Ба таври соло, дуэт, трио ва ё хор.

3. Тавассути саволҳо такрор намудани маводи назариявӣ.

**Таҷҳизоти дарс:**

**Намуди дарс:** дарси санҷиш, такрор, баҳогузории малака ва қобилияти шогирдон.

**Маводи мусиқавӣ:**

Сурудан:

1. «Занги охирин», мусиқии К. Эралиева, шеъри А. Омурканов.

2. «Диёри азиз»-и Р. Абдикадиров.

3. «Бишкеки ман», мусиқии С. Жумалиев, шеъри К. Урманбетов.

4. «Ба волидон», мусиқии Ж. Кайипов, шеъри И. Мансуров.

Шунидан:

1. «Толиба Калийман», мусиқии Ж. Шералиев.

2. «Ман пазмони туям, сарзамини азизам», мусиқии Р. Абдикадиров.

3. «Насиҳат» (оҳанги К. Оразов). Коркарди оҳанг барои аккордеон аз Т. Казаков, шеъри А. Рискулов.

4. «Пайкара», мусиқии Т. Казаков, шеъри Т. Мамеев (иловагӣ).

5. «Сарзаминам», мусиқии А. Каримбаев.

6. «Гулгашти ман», мусиқии С. Жумалиев, шеъри Т. Имашев.

7. «Балладаи модар», мусиқии А. Атабаев, шеъри С. Омурбаев.

8. «Куҳҳо», мусиқии А. Атабаев,шеъри А. Кидиров.

9. «Меҳани ман», мусиқии Ж. Кайипов, шеъри И. Мансуров (иловатан).

10. «Зардолуи сурх», мусиқии Канимгул Досмамбетова, шеъри Нинакан Жундубаева.

11. Шунидан: «Ба модарам», мусиқии Канимгул Досмамбетова, шеъри Нинакан Жундубаева (иловатан).

12. Шунидан: «Иссиқ-Кӯл», мусиқии К. Тагаев.

13. «Хоҳарону бародарони ман», мусиқии М. Рискулбеков, шеъри Т. Тинибеков.

**Ташкили дарс:** муҳайё намудани табъу фазои хушу мусоид. Баҳогузории дониши он толибилмон, ки дар давоми чоряк дар дарсҳо фаъолона иштирок кардаанд, гузоштани баҳои нимсола ба онҳо. Дар дарс онҳо нақши коршиносро иҷро мекунанд.

Муаллим дарсро ҳамчун дарс-консерт баргузор менамояд: хорсарой, сурудан тавассути дуэт, трио, квартето, квинтет.

Аз рӯи асарҳои шунидашуда викторинаи мусиқавӣ баргузор мегардад. Вазифаи муаллим – таҳлил кардани он ки то чӣ андоза шогирдон асарҳои шунидаашон дар давоми чорякро дар ёд гирифтаанд. Ҳар як шогирд бояд худаш асари омӯхташударо ёбад. Барои викторинаи мусиқавӣ 8–12 дақиқа вақт ҷудо мегардад.

Баҳогузорӣ ба баҳои дониши толибилмон оид ба саволҳои назариявӣ тавассути иловаҳову такмилҳо сурат мегирад. Муаллим ба шогирд баҳоро бо дарназардошти дақиқии ҷавоби онҳо, қобилияти андешаронӣ ва таҳлилкунии онҳо мегузорад.

Ҳангоми санҷиши хонандагон тестҳо бо дарназардошти дониши толибилмон истифода мешаванд.

Ҷамъбасти дарс: суханронии кӯтоҳи муаллим: бачаҳо, мо дар чоряки саввум мавзуъи «Драматургияи мусиқавӣ»- ро оғоз бахшида, бо эҷодиёти мелодист-иҷрокунандагони халқи қирғиз шинос шудем. Асарҳое ҳастанд, ки драматургияи гуногуни асарҳои мелодистҳо-иҷрокунандагонро нишон медиҳанд. Дар оянда, вақте Шумо кадом- як мусиқиро мешунавед, бояд кадом образи мусиқавӣ истифода шудан дар ин асарро донед. Бояд дарёбед, ки драматургияи мусиқавии он кадом аст ва Шумо метавонед асарро таҳлил кунед. Аз ин рӯ, Шумо бояд ҳамеша он маълумоте, ки дар дарсҳо гирифтаед, дар ёд доред ва ҳангоми таътил адабиёти иловагӣ бихонед ва сурудҳо гӯш кунед. Бароятон истироҳати хуш таманно дорам!

**Супориши хонагӣ:** дар таътил такрор кардани маводҳое, ки дар чоряки III омӯхта шудаанд, иловатан хондан ва гӯш кардан.

*Хотимаи мусиқавӣ*: суруде, ки муаллим интихоб мекунад, дар давоми чоряк шунида ва ё сароида шудааст, такрор мегардад.

| | | |
|---|---|---|
| Рисбай Абдикадиров | Туголбай Казаков | Сардарбек Жумалиев |
| Каникей Эралиева | Жумамудун Шералиев | Жолдубай Каипов |
| Асанкалий Керимбаев | Мукан Рискулбеков | Калийбек Тагаев |
| Аксуубай Атабаев | | |

Мелодистҳо-иҷрокунандагон

| | | |
|---|---|---|
| | | |
| Балладаи модар | Насиҳат | Ёдгорӣ |
| Занги охир | Заминам пазмонат шудаам | Ба воли донам |
| Зодгоҳ | | |

Сурудҳои мелодистҳо-иҷрокунандагон

## Тестҳо барои санҷиши донишҳое, ки дар чоряки III гирифта шудаанд

### Тестҳо аз рӯи саводи мусиқавӣ

1. Кадом суруд ба сароянданги яккахонӣ дохил намешавад?
   а) сурудхонӣ дар алоҳидагӣ; б) сурудан дар ҳайати ансамбл;
   в) Сурудан дар ҳайати хор; г) навохтани соз.
2. Ҳамовозии овоз бо соз чӣ номида мешавад?
   а) адажио; б) вариатсия; в) аккомпанемент; г) солфеджио.
3. Суруди тантанавӣ чӣ номида мешавад?
   а) романс; б) серенада; в) гимн; г) кантата.
4. Дар андозаи 4/3 чӣ қадар ҳиссаҳои қавӣ ҳаст?
   а) як; б) се; в) ву; г) ҳама қавиянд.
5. Дар дастгоҳи нотавӣ кадом андоза нишон дода шудааст?

   а) 3/8; б) 4/4; в) 4/5; г) 4/3.



6. Андозаи асар дар куҷо нишон дода мешавад?
   а) дар мобайни асар; б) пас аз калиди мусиқавӣ;
   в) пеш аз калиди мусиқавӣ; г) дар охири асар.
7. Дар расми ритмикӣ чӣ қадар ҳиссаи қавӣ мавҷуд аст ва андозаи онҳо чанд аст?



   а) ду, 4/3; б) се, 4/4; в) як, 4/2; г) ҳиссаи қавӣ нест, 4/2.
8. Ба ин расм кадом андозаро гузоштан мумкин аст?




   а) 4/2; б) 4/6; в) 4/4; г) 4/3.

9. Кадом андоза ба ин андозаи нотавӣ мувофиқат мекунад?
а) 4/3; б) 4/2; в) 4/4; г) 6/8.



10. Дар иин расм кадом андоза дода шудааст?

а) 4/2; б) 3/6; в) 4/3; г) 3/8.



11. Андозаи суруди А. Атабаев «Куҳҳ» чанд аст?
а) 4/2; б) 3/8; в) 4/3; г) 6/8.
12. Андозаи суруди К. Эралиева «Занги охирин» чанд аст?
а) 6/8; б) 3/6; в) 4/3; г) 3/8.
13. Кадоме аз ин андозаҳо одӣ ҳастанд? (се посухи дуруст)
а) 4/4; б) 3/8; в) 4/2; г) 4/3.
14. Кадоме аз ин андозаҳо мураккаб ҳастанд? (ду посухи дуруст)
а) 4/4; б) 6/8; в) 4/2; г) 4/3.

*Калидҳо барои тестҳо аз рӯи саводи мусиқавии чоряки III:*

1-г; 2-в; 3-в; 4-а; 5-б; 6-б; 7-в; 8-г; 9-в; 10-г; 11-а; 12-г; 13-б, в, г; 14-а, б.

**Тестҳо аз рӯи назария:**

1. Драматургияе, ифодагари андеша, идея, эстетикаи мусиқӣ аст, чист?
а) синамои мусиқавӣ; б) образи мусиқавӣ
в) драматургияи мусиқавӣ; г) спектакли мусиқавӣ.
2. Мелодист чӣ эҷод мекунад?
а) оҳанг; б) оҳанги навозишӣ; в) симфония; г) опера.
3. Ж. Шералиев дорои кадом истеъдодҳо аст? (2 посухи дуруст)
а) мелодист; б) актёр; в) журналист; г) раққос.
4. Суруди Р. Абдикадиров чӣ ном дорад? (2 посухи дуруст)
а) «Сарзаминам»; б) «Диёри азиз»;
в) «Ман пазмони туям, сарзамини азизам»; г) «Кимбатим».
5. Р. Абдикадиров кӣ буд?
а) мелодист-композитор; б) мелодист-актёр;
в) мелодист-иҷрокунанда; г) мелодист-қомузнавоз.
6. Матни суруди Р. Абдикадиров «Ман пазмони туям, сарзамини азизам»-ро кӣ навиштааст?
а) Т. Кожомбердиев; б) А. Осмонов; в) Б. Алибаев; г) Ш. Дуйшеев.
7. Т. Казаков маҳорати худро дар кадом самтҳо нишон додааст? (ду посух)
а) иҷрокунанда; б) мелодист; в) қомузнавоз; г) домбранавоз.
8. Дар асоси кадом оҳанги навозишӣ суруди Т. Казаков «Насиҳат» эҷод шудааст?
а) К. Орозов; б) И. Туманов; в) Н. Абдирахманов; г) Айдараалӣ.
9. Суруди Т. Казаков «Айкара» кадом даврро дар бар мегирад?
а) давраи шӯриш; б) замони имрӯзро; в) пас аз ҷанг; г) давраи ҷанг.
10. С. Жумалиев дорои кадом касбҳо мебошад? (ду посухи дуруст)
а) пианист; б) қомузнавоз; в) мелодист; г) дирижёр.
11. Муаллифи суруди «Бишкеки ман» кист?
а) Т. Казаков; б) С. Жумалиев; в) С. Бактигулов; г) Э. Жумабаев.

12. Муаллифи суруди «Сарзаминам» кист?

а) А. Атабаев; б) Ж. Шералиев; в) А. Каримбаев; г) Ж. Кайипов.

13. Муаллифи суруди «Балладаи модар» кист?

а) К. Тагаев; б) К. Эралиева; в) А. Атабаев; г) К. Досмамбетова.

14. Муаллифи суруди «Куҳҳо» ва «18 сол» кист?

а) А. Атабаев; б) А. Бодошов; в) Ж. Кайипов; г) К. Эралиева.

15. Муаллифи суруди «Ба волидон» кист?

а) Э. Жумабаев; б) Ж. Кайипов; в) А. Каримбаев; г) М. Бегалиев.

16. Кӣ муаллифи суруди «Ба модарам» ва « Зардолуи сурх» аст?

а) Т. Казаков; б) А. Атабаев; в) К. Досмамбетова; г) К. Эралиева.

17. Суруди «Иссиқ-Кӯл»-и К. Тагаев дар кадом темп( суръат) навишта шудааст?

а) сареъ (тез); б) давомдор в) васеъ, шӯх; г) васеъ, оҳиста.

18. Дар кадом филмҳо Мукан Рискулбеков образи қаҳрамонҳоро офаридааст?

а) «Боз салкин», «Той»; б) «До + фа», «Такси»;

в) «Кӯча», «Лолахасакҳои гулобии Иссиқ-Кӯл», г) «Киштии сафед», «Ҷамила».

19. Суруди «Хоҳарон ва бародарони ман» ба кӣ бахшида шудааст»?

а) ба муаллимон; б) ба куҳканҳо; в) мусиқинавозон; г) кишоварзон.

20. Суруди К. Эралиева «Занги охирин» ба кӣ бахшида шуда, кай ва аз ҷониби кӣ иҷро мешавад?

а) хатмкунандагони мактаб. Дар занги охирин.

б) хатмкунандагони синфҳои ибтидоӣ. Дар занги охирин.

в) хатмкунандагони институт. Дар занги охирин.

г) хатмкунандагони кӯдакистон. Дар занги охирин.

*Калид аз тестҳо аз рӯи маълумоти назараявӣ дар чоряки III:*

1-в; 2-а; 3-а, в; 4-б, в; 5-в; 6-в; 7-а, б; 8-а; 9-в; 10-в, г; 11-б;
12-в; 13-в; 14-а; 15-б; 16-в; 17-в; 18-в; 19-а; 20-а.

## Чоряки IV. « ДРАМАТУРГИЯИ МУСИҚАВӢ»

Нақшаи тақвимӣ (8 соат)

| № | Намуди дарс | Мавзуъи дарс | Репертуари мусиқавӣ | Супориши хонагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | Дарси аз-худкунии донишҳо ва малака-ҳои нав | Драматургияи мусиқавӣ. Оркестр. Оркестри созҳои халқӣ. Дирижери якум Шейше Орозов. | 1. Шунидан: симфония № 40, В. Мотсарт.<br>2. Шунидан: «Киргиз кёчу», мусиқии А. Ки-дирназаров, коркард барои оркестр аз Э. Жумабаев.<br>3. Тамрин: «Апакеме», мусиқии К. Артиқов, шеъри А. Дуйсем-биева. | 1. Мутолиаи мавод дар бораи оркестр, ки дар китоби дарсӣ дода шудааст.<br>2. Дар дафтар навиштани ҷавобҳо ба саволҳое, ки дар китоби дарсӣ дода шудааст.<br>3. Хондани маълумот дар бораи нахустин дирижерҳое,ки дар китоби дарсӣ дода шудаанд.<br>4. Тамрини суруди «Апакеме», мусиқии К. Артиқов. |
| 2 | Дарси омехта | Нахустин дирижёр Петр Шубин. Дирижёри ор-кестр Эсенгул Жумабаев. Саводи мусиқавӣ: фосила. | 1. Шунидан: «Фантазия барои мавзуъҳои қирғизӣ», мусиқии П.Шубин.<br>2. Шунидан: «Қомузнавоз», кор-кард барои фортепи-ано аз П. Шубин.<br>3. Шунидан: «Тамаша», П. Шубин.<br>4. Шунидан: Оҳанги навозишӣ«Ибарат» аз К. Оразов, коркард барои оркестр А. Джумахматов. | 1. Хондани иттилоъ дар бораи нахустин дирижёроне, ки дар китоби дарсӣ дода шудааст.<br>2. Иҷрои ҳаракатҳои мусиқавӣ-ритмӣ барои асари «Қомузнавоз».<br>3. Такмили синквейн.<br>4. Сабт кардани фосилаи бай-ни прим, сония, тертсияҳо дар нотаҳо, ки дар китоби дарсӣ нишон дода шудааст. |
| 3 | Дарси омехта, азхуд-кунии донишҳои нав | Асанкан Джумахматов – дирижёри оркестр. Орке-стри давлатии академиявии симфонӣба номи Асанкан Джумахма-тов. Саводи мусиқавӣ: фосилаҳо: кварта, квинта, секста, септи-ма. | 1. Шунидан: № 5 симфонияи Л. В. Бетховен.<br>2. Шунидан: «Достони симфонӣ» си минори Т. Эрматов. | 1. Хондани маълумоти иловагӣ роҷеъ ба А. Джу-махматов.<br>2. Тамрини созҳои оркестри симфонӣ.<br>3. Омода кардани тест то ба 1 балл ва навиштани созҳо.<br>4. Такрори сурудҳо.<br>5. Иловатан хондан дар бораи фосилаҳо ва ишора кардани интервалҳо дар нотаҳо. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 4 | Дарси омехта, азхуд кардани донишҳои нав. | Санъати хорсарой. Дирижёри хор Султан Юсупов. Хормейстер К. Алиев | 1. Шунидан ва тамрин: «Беш иргай», коркард барои хор аз С. Юсупов.<br>2. Сурудан: «Киз бурак», мусиқии А. Малдибаев, коркард барои хор аз С. Юсупова | 1. Хондани маълумот дар бораи санъати хорсарой. Хондани маълумоти иловагӣ.<br>2. Такрори тақсим намудани овозҳо (чоряки I ).<br>3. Сопрано ва алтам, тамрини партияҳои хурд барои хори «Киз бурак», «Беш иргай».<br>4. Тамошо кардан ва шунидани асарҳои хорӣ аз тариқи телевизион ва Интернет.<br>5. Такрори: «Апакеме», мусиқии К. Ортиқов, шеъри А. Дуйсембиева. |
| 5 | Дарси омехта, азхуд кардани донишҳои нав | Мусиқии эстрадӣ. Мусиқии компютерӣ | 1. Шунидан: «Консертино», мусиқии Ч. Кожомжаров.<br>2. Такрори: «Апакеме», мусиқии К. Ортиқов.<br>3. Такрори хор.<br>4. Тамрин: «Уча бер умутумдун каркираси», мусиқии К. Аширалиев | 1. Мутолиаи маълумот дар бораи мусиқии эстрадӣ ва компютерӣ, ки дар китоби дарсӣ дода шудааст.<br>2. Мутолиаи маълумоти иловагӣ аз рӯи мавзуъҳои зикргардида.<br>3. Аз компютер дидани барномаҳои мусиқии компютерӣ( дар китоби дарсӣ дода шудааст).<br>4. Такрори сурудҳо, маълумоти назариявӣ, ки дар чоряк омӯхта шудаанд.<br>5. Такрори сурудҳое, ки дар давоми сол омӯхта шудаанд.<br>6. Омодагӣ ба тест |
| 6 | Ҷамъбаст ва такрор | Дарс-консерт. Ҷамъбасти чоряк | Такрори маводҳои омӯхташуда, хондани сурудҳо. Викторинаи мусиқавӣ. | |

## Дарсҳои 1–2
## Оркестр. Оркестри созҳои халқии ба номи Карамолдо Орозов ва созҳои оркестрӣ

**Ҳадафи дарс:**

1. Ошкор ва нишон додани драматургияи мусиқавӣ тавассути асарҳои мусиқавие, ки аз ҷониби оркестр ичро мешаванд.

2. Шиносоӣ бо истилоҳи «оркестр» ва навъҳои оркестр.

3. Шиносоӣ бо оркестри созҳои халқӣ ба номи Карамолдо Орозов ва созҳои оркестрӣ.

4. Тавассути ошноӣ бо оркестр такмил додани фаъолияти маърифатии мусиқавӣ.

5. Додани маълумот дар бораи нахустин дирижёр Шейш Орозов.

**Таҷҳизоти дарс:** аксҳои оркестри созҳои халқии ба номи Карамолдо Орозов ва созҳои оркестрӣ, фортепиано, DVD-сентр, сабти видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидан: симфонияи № 40, В. Мотсарт. 2. Шунидан: «Киргиз кочу», мусиқии А. Кидирназаров, коркард барои оркестр Э. Жумабаев. 3. Тамрин: «Апакеме», мусиқии К. Ортиқов, шеъри А. Дуйсембиева.

**Ташкили дарс:** саломуалейк. Эҷод намудани фазою вазъи созгор дар синф.

Дар дарс толибилмон донишҳои зеринро мегиранд:

1. Шиносоӣ бо оркестри созҳои халқии ба номи Карамолдо Орозов, фарқ карда тавонистани созҳо, донистани онҳо.

2. Ба ёд овардани таърихи сохта шудани созҳо, аз чӣ сохта шудани онҳо.

3. Дарки мусиқӣ тавассути шунидани поэтикаи( назми) бадеии асари мусиқавӣ, ки тавассути оркестр иҷро шудааст.

4. Дар дафтар навиштани лаҳзаҳои асосӣ.

5. Ибрози андешаҳои худ дар бораи мусиқӣ, ширкат дар баҳс.

Муаллим: бачаҳо, барои мо чоряки охири синфи 6 оғоз гардид. Дар ин чоряк мо мавзуъи «драматургияи мусиқавӣ»-ро идома дода, дар бораи мавзуъҳои «санъати хор», «дирижёри хор», «дирижёри оркестр», «мусиқии эстрадӣ ва компютерӣ» маълумот мегирем. Мавзуъи имрӯза: «Оркестр. Оркестри созҳои халқии ба номи Карамолдо Оразов ва созҳои оркестрӣ» аст. Шумо таҳти вожаи «оркестр» чиро мефаҳмед? Шумо

кадом оркестрҳоро медонед? Шумо кадом мусиқиро дар иҷрои оркестр шунидаед?

(суҳбат бо шогирдон дар фазои озод, шунидан ва баҳогузорӣ кардани онҳо).

Муаллим: бачаҳо, оркестр – ин гурӯҳи калони эҷодиии мусиқинавозон аст, ки дар якҷоягӣ асари мусиқавиро дар созҳои гуногуни мусиқавӣ иҷро мекунанд. Навъҳои гуногуни оркестрҳо мавҷуданд:

1. Оркестри симфонӣ.
2. Оркестри созҳои торӣ.
3. Оркестри созҳои халқӣ.
4. Оркестри созҳои нафасӣ.
5. Оркестри камеравӣ

Имрӯз мо бо оркестри академикии созҳои халқии ба номи Карамолдо Оразов Қирғизистон шинос мешавем.

Шунидан: «Киргиз кочу», мусиқии А. Кидирназаров, коркард барои оркестр аз Э. Жумабаев (дар иҷрои оркестри созҳои халқии ба номи К. Оразов). (Пас аз шунидани асар: шинос шудан бо созҳое, ки дар оркестр менавозанд, ба ёд овардани созҳои халқии қирғиз, тавассути методи ҳуҷуми зеҳнӣ такрор намудани тақсими созҳои халқии қирғизӣ, ки дар синфи 5 омӯхта шудааст. Иловатан шинос шудан бо дигар созҳо: қил қияк-прима, қил қияк-алт, кил қияк-бас ва қил қияк-контрабас, қомуз-прима, қомуз-секунда, қомуз-алт, қомуз-бас). (Агар имкон бошад тавассути видео нишон додани оркестр).

Муаллим: бачаҳо, ин асаре буд, ки ки дар иҷрои оркестри созҳои халқии ба номи К. Оразов иҷро гардид. Оркестри ба номи К. Оразов соли 1936 таъсис

дода шуда, роҳбари он композитор, мусиқинавоз ва дирижер П. Шубин буд. Дар ибтидо дар окрестр танҳо 40 нафар мусиқинавоз менавохтанд.

Дирижёрҳое, ки оркестрро раҳбарӣ кардаанд: П. Шубин, А. Джумахматов, Т. Томотев, Э. Жумабаев, С. Акматалиев, С. Жумалиев, Б. Тилегенов.

Солистҳои оркестр: Д. Джалгасинова, К. Мамашова, Н. Табалдиева, У. Полотов, Э. Мойдунов, Ж. Жумашев, А. Ибраев, М. Дуйшекеева, Т. Исабекова, Б. Байкелова, М. Чобиев, Б. Бокоева, Г. Жолдошева ва дигарон. Оркестр ҳар мусиқии халқии қирғиз, асарҳои мелодистонро , ҳам мусиқии хориҷиро иҷро мекунад. Оркестри мазкур ин ифтихори халқи қирғиз аст Вай саҳми бузурге дар рушди мусиқии кишварамон гузошта, мусиқии халқии кирғизро, фарҳанги мусиқавии қирғизро барои ҷаҳониён нишон медиҳад.

Муаллим: бачаҳо, имрӯз мо бо роҳи эҷодии дирижёрҳои оркестр шинос мешавем. Мо бо роҳи эчодии дирижёрҳои оркестр Петр Шубин ва Шейше Орозов шинос мешавем.

Маълумоти муаллим: Шейше Орозов – нахустин дирижёри қирғиз. Вай ба унвони роҳбар ва дирижёри оркестри созҳои халқӣ кор кардааст. Шейше Орозов мусиқинавоз ва муаллими дарси мусиқӣ буд. Ш. Орозов – муаллифи нахустин дастури таълимӣ «Саводи мусиқӣ», ки бо забони қирғизӣ навишта шудааст, мебошад. Мутассифона, номи асарҳое, ки вай дирижёрӣ кардааст, маҳфуз намондааст. Мусиқии П. Шубинро мешунавем.

Сурудан: ҳосил кардани малакаҳои сарояндагӣ барои ташаккули овоз. Сароядагии сеовоза ва гамма дар ми миноре дар оҳангнокии суруд.

Шунидан: «Апакеме», мусиқии К. Ортиқов, шеъри А. Дуйсембиева.

Мустаҳкамкунии дарс: шогирдон бо тоблуе, ки пешакӣ дар дафтарашон кашида шудаанд, кор мекунанд. Агар вақти шогирдон нарасад, пас онҳо онро дар хона менависанд.

| Медонистам | Донистам | Мехоҳам бидонам |
|---|---|---|
| 1. Баъзе навъҳои оркестрро медонистам.<br>2. Метавонам баъзе созҳоеро, ки дар оркестр навохта мешуданд, ном барам.<br>3.<br>4. | 1. Баъзе навъҳои оркестрро донистам.<br>2. Дар бораи оркестри созҳои халқии кирғиз донистам. Дар бораи раҳбарон ва солистҳои оркестр донистам<br>3. _______<br>4. | 1. Мехоҳам асареро, ки тавассути оркестр иҷро мешавад, донам ва шунавам.<br>2. Мехоҳам консертеро дар иҷрои оркестр тамошо кунам.<br>3.<br>4. |

Муаллим ба рӯзномаҳои он шогирдон, ки дар дарс фаъолона ширкат варзиданд ва ҳам онҳое, ки қаблан дар бораи мавзуъи дарс маълумот доштанд, баҳо гузошта, супориши хонагӣ медиҳад.

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ дода шудааст)

*Хотимаи мусиқавӣ:* навозиши мусиқавии «Ибарат» дар иҷрои оркестри созҳои халқии ба номи К. Оразов.

## Дарси 3
## Дирижёрҳо Шейше Оразов ва Эсенгул Жумабаев

**Ҳадафи дарс:**

1. Додани маълумот дар бораи нахустин дирижёрҳо: Шейше Орозов ва Эсенгул Жумабаев.

2. Фарқ карда тавонистани тембрҳо (лаҳнҳо)-и созҳои оркестр тавассути шунидани асарҳои мусиқавӣ, таҳлил карда тавонистан.

3. Ошкор ва нишон додани драматургияи мусиқавӣ тавассути шунидани асарҳои мусиқавӣ.

4. Фарқ карда тавонистани хусусиятҳои лаҳнии созҳо тавассути шунидани оҳанги навозишии «Ибарат».

5. Ғанӣ гардонидани дониши мусиқавии шогирдон.

**Таҷҳизоти дарс:** портретҳои нахустин дирижёрҳо Шейше Орозов ва Эсенгул Жумабаев, варақҳое, ки дар онҳо номи асарҳое, ки онҳо дирижёрӣ кардаанд, навишта шудаанд, фортепиано, DVD-сентр, сабти видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра.

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидан: «Фантазия барои мавзуъҳои қирғизӣ», мусиқии П. Шубин. 2. Шунидан: «Қомузнавоз», коркард аз П. Шубин. 3. Шунидан: «Тамаша», мусиқии П. Шубин. 4. Шунидан: оҳанги «Ибарат», К. Орозов, коркард барои оркестр аз А. Джумахматов.

**Ташкили дарс:** шогирдон ба синфхона дар ҳавои иҷрои оҳанги навозишии «Ибарат» дар иҷрои оркестр ворид мешаванд. Муаллим ҷобаҷо шудани толибилмонро назорат мекунад ва фазои мусоиду созгор муҳаё мекунад.

**Ҷараёни дарс:**

Муаллим: бачаҳо, дарси гузаштаро ба ёд меоварем. Китоби дарсиро бипӯшед, ба саволҳо бо он калимаҳое, ки дар дафтаратон навиштаед, посух хоҳем дод.

1. Оркестр чист?
2. Кадом навъҳои оркестр вуҷуд доранд?
3. Оркестри созҳои халқии ба номи К. Оразов кай таъсис ёфтааст?
4. Нахустин раҳбари оркестр кӣ буд?
5. Дигар раҳбарони оркестрро ном баред.
6. Кадом сарояндагон солисти оркестр буданд?
7. Барои кадом оркестр оҳанги навозишии «Ибарат» коркард шуда буд? (омӯзонидани шогирдон, таваҷҷуҳ бар он, ки киҳо бо хоҳиши худ ба саволҳо посух медиҳанд, киҳо кӯшиши ҷавоб додан надоранд. Шогирди дуввум ба посухҳои шогирди якум илова мекунад. Дар хотимаи дарс муаллим таври умум иловаҳо ҳамроҳ мекунад.).

Шунидан: «Фантазия барои мавзуъҳои қирғизӣ», мусиқии П. Шубин. (Пас аз шунидани асар якҷо бо шогирдон муҳокима сурат мегирад: воситаҳои бадеии баён, драматургияи мусиқӣ, ки дар асар истифода шудааст, хусусиятҳои иҷрои оркестр ва ғайра.).

Муаллим: бачаҳо, ин асари П. Шубин «Фантазия барои мавзуъҳои қирғизӣ» ном дорад. Дар он асарҳои композиторони қирғиз коркард ва такмил дода шудаанд.

**Маълумоти муаллим:** П. Шубин аз Россия ба сарзамини қирғиз омада, фарҳанги мусиқии халқи қирғизро амиқ омӯхта, онро зуд фаро гирифт. Вай дирижёр, композитор ва педагоги машҳур буда, курсҳои мусиқавии Петербургро, консерваторияи Петербургро дар риштаи композитсия ва фортепиано хатм намудааст. Шубин аз байни халқ он одамонеро интихоб мекард, ки қобилияти фавқулодаи мусиқавӣ доштанд. Сипас оркестреро таъсис дод, ки аз 40 нафар иборат буд. Баъдан теъдоди аҳли оркестрро ба 70 нафар расонд. Музиқинавозонро, ки дар оркестр кор мекарданд, вай навохтан дар ансамблро ёд дод, ба онро дарси саводи мусиқавӣ меомӯзонд. Ҳоло ин оркестр номи Оркестри созҳои халқии ба номи Карамолдо Орозовро дорад. Мактаби махсуси мусиқавии шаҳри Бишкек номи Шубинро ба худ гирифтааст.

Шунидан: 1. «Қомузнавоз» дар коркард барои фортепиано аз П. Шубин. 2. «Тамаша», мусиқии П. Шубин (навохтани соз. Ба шогирдон омӯзонидани ҳаракати мусиқавию ритмикӣ. Пас аз гӯш кардани ду асар якҷо бо шогирдон дар мавзуъи муқоисаи образҳои мусиқавӣ, муайян кардани темп, характер, воситаҳои бадеии мусиқавӣ, драматургияи мусиқавӣ, муҳокима сурат мегирад Суханронии хулосавӣ оид ба эҷодиёти П. Шубин).

Шунидан: «Киргиз кочу», мусиқии А. Кидирназаров (пас аз шунидани асар шогирдон таври озодона андешаҳои худро дар мавзуъи: онҳо бо кадом лаҳни созҳо шинос шуданд, характери асар, драматургияи асар, таъсири мусиқӣ ҳангоми иҷроиши гуруҳии созҳои мусиқавӣ ва ғайра. Агар имконият бошад шунидан ва муқоиса кардани оҳанги «Киргиз кочу» тавассути қомуз).

Муаллим: бачаҳо, ин оҳанг барои оркестр аст, ки онро композитор, дирижёр Эсенгул Жумабаев коркард кардааст. Мо бо ин композитор шинос шудем. Ба ёд оваред, ки кадом асарҳоро мо омӯхтаем.

Бачаҳо: дар чоряки дуввум омӯхтаем. Бо асарҳои «Оҳанги қомуз», «Корвон» шинос шудаем.

Муаллим: оре, бачаҳо. Ман ҳоло ба Шумо дар бораи фаъолияти дирижёрии ин композитор сухан мекунам.

**Маълумоти муаллим:** Э. Жумабаев репертуари оркестри давлатии созҳои халқии ба номи К. Оразовро ғанӣ ва сатҳи орекстрро баланд бардошт. Вай 15 оҳанг ва наздик ба 100 сурудро барои оркестр коркард кардааст. Мисол, К. Оразов «Насиҳат», Ш. Шеркулов «Журёк толкуйт», И. Туманов «Паровоз», А. Кидирназаров «Киргиз кочу», суруди халқии «Сари ой», М. Баетов «Киздар ай», А. Огамбаев «Жаштарга». Э. Жумабаев барои оркестр чунин асарҳоро навиштааст: «Той», «Жомок», «Майрамдик увертюра», «Мурас».

Саводи мусиқавӣ: додани маълумоти умумӣ дар бораи мафҳуми интервалҳое, ки дар асарҳои мусиқавӣ истифода мешаванд. Додани маълумоти умумӣ дар бораи мафҳуми интервалҳои прима, секунда, тертсия. Шунидан ва мисолҳо овардан.

Сурудан: ҳосил кардани малакаҳои сароидан барои ташаккули овоз. Сурудани сеовозӣ ва гаммаҳо дар ми миноре дар оҳангнокии суруд. Сурудани асари А. Малдибаев «Киз бурак» дар ду овоз. (Асосан, ин асарро дар дуо воз танҳо духтарон суруда метавонанд. Толибилмон ба ин асар шинос ҳастанд. Агар ҳар як партияро алоҳида бихонем, пас дар охири дарс метавон ба иҷроиши хории як банд бо ҳама нозукиҳояш муваффақ шуд).

Мустаҳкамкунии дарс: навиштани синквейн бо истифода аз калимаҳои «дирижёр», «оркестр».

Қоидани навиштани синквейн:

Мисраъи 1: дорои синквейн, мавзуъи асосӣ, ном.

Мисраъи 2: сифате, ки маънои асосиро медиҳад.

Мисраъи 3: се адад феъл, ки ҳаракатро дар асоси мавзуъ нишон медиҳад.

Мисраъи 4: иборае, ки маънои асосиро медиҳад.

Мисраъи 5: ҷамъбасте, ки мавзуъро муайян мекунад.

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ дода шудааст).

Хотимаи мусиқавӣ: мусиқӣ дар иҷрои оркестр такрор мешавад.

## Дарси 4
## Дирижёри машҳур Асанкан Джумахматов. Оркестри академикии симфонии ба номи А. Джумахматов. Интервалҳо: кварта, квинта, секста ва септима, октава

**Ҳадафи дарс:**

1. Шиносоӣ бо ҳаёт ва роҳи эҷодии дирижёри оркестр Асанкан Джумахматов.

2. Шиносоӣ бо оркестри академивии симфонии ба номи А. Джумахматов.

3. Шиносоӣ бо созҳои оркестри симфонӣ.

4. Ғанӣ гардонидани дониши толибилмон дар мавриди маълумоти мусиқавӣ.

**Таҷҳизоти дарс:** портрети дирижёр А. Джумахматов, варақаҳое, ки дар онҳо номи асарҳои дирижёрикардаи А. Джумахматов навишта шудаанд, акси умумии оркестри симфонӣ, фортепиано, DVD-сентр, сабти видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра.

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидан: Л. В. Бетховен «Симфонияи № 5». 2. Шунидан: В. А. Мотсарт «Симфонияи № 40». 3. Такрор: «Киз бурак», мусиқии А. Малдибаев дар коркард барои хор аз С. Юсупов.

**Ташкили дарс:** эҷод намудани фазои созгор ва табъи хуш. Назорат кардани ҷобаҷошавии шогирдон. Ҳозиру ғоиб.

**Ҷараёни дарс:** тафтиши супориши хонагӣ. Шогирдон синквейнҳоеро, ки бо калимаҳои «оркестр» и «дирижёр» тартиб дода шудаанд, мехонанд. Муаллим бо дарназардошти сатҳи синквейнҳо баҳогузорӣ мекунад. Ба онҳое, ки сквейнро дар сатҳи олӣ навиштаанд, баҳоҳои баланд гузошта, шогирдонеро, ки кӯшиш кардаанд, ба дарс ҳавасманд мекунад. Ба онҳое, сквейн нанавиштаанд, супориш медиҳад, ки дар дарси дигар онро бинависанд. (10–12 дақиқа). (Сипас муаллим иловаҳо карда, натиҷагирӣ мекунад.).

Муаллим: бачаҳо, тавассути шиносоӣ бо эҷодиёти дирижёри номдори халқи қирғиз Асанхан Джумахматов мо боз бо як навъи оркестр – оркестри симфонӣ шинос шудем. Шумо дар бораи ин дирижёр чӣ медонед? Шумо дар бораи оркестри симфонӣ чӣ медонед?

(Тавассути саволу ҷавоб суҳбати фарогире бо шогирдон баргузор бояд кард. Агар ягон маълумот набошад, тест бояд баргузор кард. Барои ҷавоби дуруст як балл, барои нодуруст 0 балл).

1. Оркестри симфонӣ ин гурӯҳест, ки асарҳои иҷрошаванда ва сурудашавандаро иҷро мекунанд. (0 балл).

2. Оркестри симфониро дирижер раҳбарӣ мекунад (1 балл).

3. Созҳои оркестри симфонӣ ба 5 гурӯҳ тақсим мешаванд (0 балл).

4. Ба созҳои тории оркестри симфонӣ дохил мешаванд: ғижжак, алт, виолончел ва валторна (0 балл).

5. Ба созҳои нафасии чӯбии оркестри симфонӣ дохил мешаванд: най, фагот, кларнет и гобой (1 балл).

6. Ба созҳои нафасии мисии оркестри симфонӣ дохил мешавад: карнай, тромбон, контрабас ва туба (0 балл).

7. Ба созҳои зарбӣ дохил мешаванд: лаълиҳо, нақораҳои хурду калон, литаврҳо, секунҷа ва челеста (1 балл).

Тавассути методи ротатсия шогирдон тести шогирдони дар паҳлӯ нишастаро месанҷиданд.

7 посухи дуруст – баҳо 5.

Ба 1, 2 хатои роҳдодашуда – баҳо 4. (Агар дар матн хатоиҳо бисёр бошад, баҳо гузошта намешавад. Баҳои тестҳое, ки ба 4 ва 5 навишта шудаанд, ба журнал гузошта мешаванд. Бо роҳи офарину таҳсин ҳавасманд кардани шогирдон ба кор).

**Маълумоти муаллим:** (акси оркестри симфониро нишон дода шарҳ медиҳад) оркестри симфонӣ -ин гурӯҳи калони мусиқинавозоне мебошад, ки мусиқии симфониро иҷро мекунанд. Оркестри симфонӣ аз чаҳор гурӯҳи калони созҳои мусиқавӣ иборат аст:

1. Созҳои торӣ: ғижжак (скрипка), алт, виолончел, бас, контрабас.

2. Созҳои зарбӣ: лаълиҳо, нақораҳои хурду калон, литаврҳо, секунҷа, ксилофон.

3. Созҳои нафасӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: созҳои мисини нафасӣ: карнай, тромбон, алт, валторна, ва созҳои нафсии чӯбӣ: най, гобой, кларнет, фагот.

4. Созҳои клавишӣ: роял, арфа.

Шунидан: 1. Л. В. Бетховен «Симфонияи № 5»; 2. В. А. Мотсарт «Симфонияи № 40» (пас аз шунидани асар муҳокимаи кӯтоҳ бо шогирдон).

Маълумоти муаллим: А. Джумахматов – дирижёри номдори халқи қирғиз. Вай маълумоти мусиқиро дар консерваторияи ба номи П. И. Чайковский гирифта, барои оркестр бисёр оҳангҳо, опера ва балетҳоро коркард кардааст. Масалан, операи «Айчурек», «Кокул», «Кармен», «Дар соҳили кӯл», драмаҳои мусиқавии «Марг на, балки зиндагӣ», «Духтари тиллоӣ», К. Оразов «Ибарат», «Синган-Бугу», А. Огамбаев «Ой булбул», «Куйдум чок».

Сурудан: ҳосил кардани малакаҳои сурудсароӣ барои ташаккули овоз. Сурудхонии сеовозагӣ ва гамма дар ми минор дар оҳангнокии суруд. Такрори умумии сурудҳо.

Саводи мусиқавӣ: додани маълумоти умумӣ дар бораи давомнокии интервалҳо: кварта, квинта, секста ва септима, октава, овардани мисолҳо.

Мустаҳкамкунии дарс: «Фикр кун, ҷуфт шуда кор кун, табодули назар кун».

Тартиби кор: Якум, ҳар як толибилм мустақилона таҳлил мекунад, дар бораи мавзуъи имрӯза андеша меронад. Дуввум, толибилм муҳокима мекунад,

бо шогирди ҳамнишинаш андешаҳояшро иброз медорад. Саввум, муҳокима бо иштироки тамоми аҳли синф сурат мегирад.

Дар асоси саволҳои зерин:

1. А. Джумахматов кист? Вай дар куҷо маълумоти мусиқавӣ гирифтааст?
2. А. Джумахматов кадом асарҳоро барои оркестр коркард кардааст?
3. Оркестри симфонӣ чист?
4. Созҳои мусиқавии оркестри симфонӣ ба чанд гуруҳ тақсим мешаванд?
5. Созҳои нафасӣ ба чанд гуруҳ тақсим мешаванд ва онҳо чӣ ном доранд?
6. Кадом созҳо ба созҳои торӣ дохил мешаванд?
7. Оркестри симфонӣ ба ифтихори кӣ номгузорӣ шудааст?
8. Созҳои мисини нафасиро ном баред.
9. Интервалҳои кадом зинаҳо интервалҳои кварта, квинта, секста ва септимаро ташкил медиҳанд?

(Баҳогузории дониши шогирдон, иловагӣ).

**Супориши хонагӣ:** (дар нақшаи тақвимӣ дода шудааст).

*Хотимаи мусиқавӣ:* асари симфонӣ такрор мешавад.

## Дарсҳои 5–6
## Санъати хорсароӣ. Дирижёрҳои хорсароён Султан Юсупов ва Кенеш Алиев

(Дар дарс ба кор бо хор таваҷҷуҳ намудан)

**Ҳадафи дарс:**

1. Додани маълумоти умумӣ оид ба санъати хорсароӣ.
2. Додани маълумот дар бораи дирижёрҳои хорсароён Султан Юсупов ва Кенеш Алиев.
3. Муфассалтар ошно шудан бо тарзҳои хорсароӣ.
4. Ташаккул додани малакаҳои хорсароӣ.

**Таҷҳизоти дарс:** портрети С. Юсупов ва К. Алиев, варақаҳое, ки дар онҳо номи асарҳои барои хор коркардшуда навишта шудаанд, фортепиано, DVD-сентр, сабтҳои видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра.

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Тамрин: «Апакеме», мусиқии К. Ортиқов ва шеъри А. Дуйсембиева. 2. Сурудан: «Киз бурак», мусиқии А.Малдибаев, коркард барои хор аз С. Юсупов, хор а капелла. 3. Шунидан: «Арғунчакҳо», суруди халқӣ дар ҳамовозии хор. 4. Сурудан: «Беш иргай», суруди халқӣ, хор а капелла.

**Ташкили дарс:** салому алейк. Шуруъ кардани дарс бо табъи хушу фазои мусоид.

**Ҷараёни дарс:**

Муаллим: бачаҳо, дар дарси гузашта, мо мавзуъи калон ва муҳимеро гузаштем. Бинобар ин, биёед, онро боз такрор мекунем. Ҳамчун бароои хона ба Шумо супориш шуда буд, то мавзуъро такрор бикунед ва аз тарзи «Фикр кун, ҷуфт шуда кор кун, андешаҳоятро дар миён гузор» кор гирифта, матн нависед ва созҳои оркестри симфониро ёд бигиред. (Муаллим асари омӯхташударо тавассути методи ҳуҷуми зеҳнӣ такрор намуда, саволҳо медиҳад, дақиқ менамояд, илова месозад, 10–12 дақиқа).

Муаллим: офарин, беҳтар дар ёд бигиред ва маълумоти иловагиро бештар мутолиа кунед. Имрӯз мо бо як жанри дигар- санъати хорсарой шинос мешавем. Ба андешаи Шумо хор чист? Шумо консерти хорсароёнро тамошо кардаед? Шумо дар маҳфили хорсароён ширкат кардаед?

Шогирдон: якҷоя мехонанд, оре, консертро тамошо кардам аз телевизор ... (посухҳо гуногун мешаванд).

Муаллим: дар хор киҳо мехонанд?

Шогирдон: бачаҳо, мардҳо, занҳо ...

Муаллим: дуруст.

**Маълумоти муаллим:** хор – ин қисми алоҳида ва калони санъати мусиқавӣ аст. Калимаи «хор» маънои коллективона сарояндагонро дорад. Дар хор бачагон, занҳо, мардҳо иштирок мекунанд. Бо дарназардошти ин, хор ба хори занона, хори мардона, хори бачагона ва агар онҳо бо ҳам омехта гарданд, хори омехта тақсим мешавад. Хор дар ҳамовозии созҳо ва ё бо иштироки онҳо иҷро карда мешавад. Хоре, ки бе ҳамовозии созҳо иҷро карда мешавад, а капелла номида мешавад. Хор, бо дарназардошти тарзи ичро ба ду гуруҳ тақсим мешавад: халқӣ ва академикӣ.

Муаллим: бачаҳо, бигӯед, кик адом овозҳо дар хор суруда мешавад? Ваё ба ёд биёваред, кик адом навъ овозҳо мавҷуданд.

Шогирдон: сопрано, алт, тенор, баритон ...

Шунидан: «Беш иргай», суруди халқӣ, хор а капелла.

Шунидан: «Аргунчак», суруди халқӣ дар ҳамовозии хор (пас аз гӯш кардани асар муҳокима кардан бо шогирдон. Муқоисаи хорсароён. Шунидани андешаи толибилмон, ҷавоб ба саволҳо).

Омодагӣ ба сурудан: ҳосил намудани малакаи сарояндагӣ. Сурудани сеовозагӣ ва гамм дар ре миноре дар оҳангнокии суруд. Сурудан дар хор бо ҷудо кардани овозҳо, сипас ба ҳам пайвастани онҳо.

Мустаҳкамкунии дарс: кори хаттии «Ман чиро биёмӯхтам».

Ҳадаф: посухи ҷавобӣ.

Супориш: Ҷумлаҳоро пур кун:

Ман…-ро ёд гирифтам

Ман…. -ро донистам

Ман ҳайрон шудам, зеро ки . . .

Ба ман … бисёр писанд омад

Ман оташин шудам, зеро ки . . .

Барои ман аз ҳама муҳим… буд.

Ман дар ин соли таълимӣ…-ро ёд гирифтам.

Ман мутолиа карданро дар бораи… идома медиҳам.

(Мавзӯъи барои 2 дарс дар назар гирифта шуда, муаллим дар дарси 2 имконияти дар фазои озод навиштани посухҳоро ба саволҳои зикргардида фароҳам месозад. Вай посухҳоро ҳамчун ҷамъбасти маълумоти назариявӣ, ки дар дарсҳо дода шудаанд, месанҷад.

**Супориши хонагӣ:**

*Хотимаи мусиқавӣ:* Суруди «Беш иргай» тавассути хор садо медиҳад.

## Дарси 7
## Мусиқии эстрадӣ. Мусиқии компютерӣ

**Ҳадафи дарс:**

1. Суҳбат кардан дар бораи мусиқии эстрадӣ ва вазъи кунунии он.
2. Суҳбат кардан ва додани маълумоти умумӣ дар бораи мусиқии компютерӣ ва барномаҳои сабти овоз.
3. Иҷро: суруди эстрадии аз ҳама дӯстдоштаи ман.
4. Бо интихоби бачаҳо караоке сурудан.

**Таҷҳизоти дарс:** акси созҳое, ки дар мусиқии эстрадӣ истифода мешаванд, варақаҳое, ки дар онҳо номи созҳое, ки дар мусиқии эстрадӣ истифода мешаванд, варақаҳое, ки дар онҳо номи барномаҳое навишта шудаанд, ки мусиқии компютериро сабт мекунанд, фортепиано, DVD-сентр, сабти видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра.

**Маводи мусиқавӣ:** 1. Шунидан: «Консертино», мусиқии Ч. Кожомжаров. 2. Такрори сурудҳои омӯхташуда.

**Ташкили дарс:** муайян кардани толибилмони ҳозирбуда, назорат аз болои ҷобаҷошавии онҳо, эҷоди фазои созгор ва табъи хуш.

**Ҷараёни дарс:** пурсиши мавзуъҳои гузашта, такрор тавассути савол-ҷавоб:

1. Оркестр чист?
2. Кадом навъи оркестрҳо мавҷуданд?
3. Сохтори оркестри академикии созҳои мардумии ба номи К. Оразов чӣ гуна аст?
4. Дирижёри оркестр кӣ буд?
5. Кадом дирижёрҳо дирижёрони нахустин буданд?
6. Санъати хорсароӣ чист? Вай чӣ навъҳо дорад? Дар хор кадом овозҳо ҳастанд?
7. Кӣ дирижёри хор буд?
8. Кадом асарҳои хорсароиро медонед?
9. Мо кадом асарҳоеро, ки барои оркестр навишта шудаанд, омӯхтем?
10. Мавзуъҳои гузашта ба мо чӣ таассурот боқӣ гузоштанд?

(Муаллим бо шогирдон ба усули савол-ҷавоб кор карда, ҳамзамон фаъолиятнокӣ ва мунфаъилии шогирдонро назорат мекунад, онҳоро ҳавасманд месозад, завқи онҳоро бедор месозад, лаҳзаҳоеро барои рақобатнокӣ эҷод мекунад, шогирдонро комилан барои кор ҷалб месозад, ба онҳо аз рӯи баҳогузории формативӣ ва сумативӣ баҳогузорӣ мекунад).

Муаллим: бачаҳо, мушоҳида карда, донишҳои худро тавассути шунидани асарҳо ва консертҳо аз телевизор ва Интернет, вусъат бахшед. Мавзуъи имрӯзаи мо бисёр ҷолиб аст: «Мусиқии эстрадӣ ва компютерӣ» (пеш аз ин, ки муаллим маълумот пешниҳод мекунад, метавон бо шогирдон дар шакли озод суҳбат кард).

**Маълумоти муаллим:** мусиқии эстрадӣ фарогири навъҳои гуногуни санъат мебошад. Баъзе одамон метавонанд созҳои мусиқавиро навозанд ва сароянд, касе метавонад алоҳида суруд хонад, яъне солист бошад. Нақши эстрада дар асри XX хеле боло рафт. Мусиқии эстрадиро ҳамчунин «мусиқии сабук» низ меноманд. Ин ба он сабаб аст, ки вай дар идрок сабук аст ва дар маҷмуъ барои шунавандагон дастрас мебошад.

Тавлиди мусиқии эстрадии қирғиз бо номи Чоро Кожомжаров марбут аст. Вай нахустин ансамбли эстрадии қирғизро таъсис дод ва раҳбари бадеии он шуд. Дар эстрадаи қирғиз чунин гурӯҳҳое буданду ҳоло мавҷуданд: «Арашан», «Наристе» «Досум Усон», «Киз бурак», «Биз», «Мээрим», «Жаштик», «Семетей», «Арман», «Гулдесте», «Аракет», «Элес», «Агим», «Аян», «Инсан», «Караван», «Энесай» ва ғайра.

Муаллим: Шумо кадом сарояндагони эстрадаро медонед?

Шогирдон: (шогирдон ҷавоб медиҳанд. Ба онҳо имконият дод, то андешаҳои худро озодона дар мавриди ин, ки киро медонанду чӣ барояшон ҷолиб аст, бигӯянд. Танҳо бо эстрадаи қирғиз маҳдуд набояд шуд. Посухҳои онҳоро қабул карда, ба онҳо иловаҳо бояд намуд).

Муаллим: оре, бачаҳо, дар рӯзҳои мо мусиқии эстрадӣ рушд мекунад, сароянддагони зиёди эстрадӣ мавҷуданд.

Шунидан: «Консертино», мусиқии Ч. Кожомжаров.

Сурудан: шогирдон дар фазои озод сурудҳои эстрадиро, ки барояш писанд ҳастанд, бо забонҳои дилхостаи худ мехонанд.

Маълумоти муаллим: мусиқии компютерӣ аз тарафи одаме, ки донишхои махсус оид ба сабти мусиқӣ дар асоси рақамӣ мебошанд, сабт мешавад. Дар ҷаҳони муосир имкониятҳои мусиқии компютерӣ бузург мебошад. Вай дар ҷаҳони муосир тавассути мусиқинавозон, дӯстдорони мусиқӣ ва шунавандагон таври васеъ истифода мешавад. Дар асоси он барномаҳои гуногун барои гӯш кардан, навиштан, аранжировка, сабти овоз, хондани китобҳо оид ба адабиёти мусиқавӣ, сабти нотаҳо барои саводи мусиқӣ ихтироъ шудаанд. Агар ин бароятон ҷолиб аст, пас Шумо онро тавассути Интернет пайдо кунед.

Омӯзгор: бачаҳо, Шумо кадом мусиқии компютериро медонед ва истифода мебаред?

Шогирдон: шунидани мусиқӣ, сабти он . . .

Шунидан: аз тариқи барномаи Windows Media Player, Win Amp интихоб намудан ва шунидани як асар (имконият бошад, барномаҳоро тавассути компютер дар тахтаи интерактивӣ нишон додан).

Мустаҳкамкунии дарс: шогирдон дар синф ба се гуруҳ тақсим шуда, кластер тартиб медиҳанд (3–7 дақиқа).

Мавзуъи гуруҳи 1: Оркестр ва навъҳои он.

Мавзуъи гуруҳи 2: Санъати хорсароӣ ва асар барои хорсароӣ.

Мавзуъи гуруҳи 3: Мусиқии эстрадӣ ва мусиқии компютерӣ.

Дар тахта мавзуъи се гуруҳ навишта шуда, ё дар варақаи тайёр ( ва ё аксҳо) овезон карда мешаванд. Шогирдон ба гуруҳҳо тақсим шуда, маълумотро менависанд. Гуруҳе ғолиб дониста мешавад, ки ҳарчӣ бештар маълумоти дақиқу дуруст навиштаанд.. Муаллим ба он бачаҳое, ки дар дарс фаъолона иштирок кардаанд, баҳо мегузорад.

Супориши хонагӣ:

1. Хондани маълумот дар бораи мусиқии эстрадӣ ва компютерӣ, ки дар китоби дарсӣ оварда шудаанд.

2. Хондани маълумоти иловагӣ дар бораи мавзуъҳои зикршуда.

3. Аз тариқи компютер дидани он барномаҳое, ки дар мусиқии компютерӣ истифода мешаванд (дар китоби дарсӣ навишта шудаанд).

4. Такрори сурудҳо ва маълумоти назариявӣ, ки дар чоряк омӯхта шудаанд.

5. Такрори сурудҳое, ки дар давоми сол омӯхта шудаанд.

6. Омодагӣ ба тест.

Хотимаи мусиқавӣ: суруди эстрадӣ такрор мешавад.

## Дарси 8
## Дарс-консерт. Ҷамъбасти натиҷаҳои чоряк

**Ҳадафи дарс:**

1. Такрори мавзуъҳое, ки дар давоми сол оиӯхта шудаанд. Баргузории дарс-консерт.

2. Таҳким ва арзаёбии он донишҳое, ки дар давоми сол гирифта шудаанд.

**Таҷҳизоти дарс:** дастурҳои умумии аёнӣ (ва ё ҷиҳозонидани синф), фортепиано, DVD-сентр, сабти видеоӣ ва аудиоӣ, адабиёти нотавӣ ва ғайра

**Маводи мусиқавӣ.** 1. Викторинаи мусиқавӣ. 2. Дарс-консерт. 3. Тестҳо оид ба саводи мусиқавӣ. 4. Тестҳо оид ба маълумоти назариявӣ.

1. Шунидан:

1) Оҳанги «Ибарат»-и К. Орозов, коркард барои оркестр аз А. Джумахматов.

2) «Фантазия дар мавзуъҳои қиргизӣ», мусиқии П. Шубин.

3) «Қомузнавоз», коркард барои фортепиано аз П. Шубин.

4) «Киз бурак», мусиқии А. Малдибаев, коркард барои хор аз С. Юсупов.

5) «Кантин бар» дар иҷрои оркестри симфонӣ.

6) «Киргиз кочу», мусиқии А. Кидирназаров, коркард барои оркестр аз Э. Жумабаев.

7) Суруди халқии «Арғунчак» дар иҷрои хор.

8) «Консертино», мусиқии Ч. Кожомжаров.

2. Тақсими тестҳо оид ба маълумоти назариявӣ ва тестҳо оид ба саводи мусиқавӣ, вақтро назорат кардан. То ба ин, баргузор намудани санҷиши викторинаи мусиқавӣ.

3. Сурудан:

1) «Беш иргай», коркард барои хор аз С. Юсупов.

2) «Киз бурак», мусиқии А. Малдибаев, коркард барои хор аз С. Юсупов.

3) «Апакеме», мусиқии К. Ортиқов, шеъри А. Дуйсембиева.

(илова бар он сурудани он сурудҳое, ки дар давоми сол омӯхта шудаанд ва он сурудҳое, ки ба шогирдон писанд аст. Сурудҳоро метавон таври якка, дуэт, трио, квартет, квинтет ва хорсароӣ иҷро кард).

**Мустаҳкамкунии дарс:** офарин, бачаҳо! Бад-ин тартиб, Шумо синфи 6-ро хатм намуда, дар рӯзҳои наздик таътили тобистонаи Шумо оғоз мегардад. Дар таътил хондан ва шунидани мусиқиро, ки марбут ба мавзуъҳои гузашта мебошанд, идома диҳед ва донишҳои худро амиқтар кунед, сурудҳоро азёд кунед. Шумо ҳама бисёр дақиқу рӯшан месароед. Бигзор дар таътил суруд ҳамсафари Шумо бошад! Ба табъи хуш истироҳат кунед!

*Хотимаи мусиқӣ: кафкӯбӣ!*







## Тестҳо барои мавзуъҳои омӯхташуда дар чоряки IV

**Тестҳо барои саводи мусиқавӣ:**

1. «Оркестр» чист?
   а) асари мусиқавӣ дар иҷрои композиторҳо;
   б) асари мусиқавӣ дар иҷрои раққосон;
   в) асари мусиқавӣ дар иҷрои гуруҳи созҳои мусиқавӣ;
   г) асари мусиқавӣ дар иҷрои сарояндагон
2. «Темп» чист?
   а) интервали темп; б) интервали танаффус;
   в) интервал байни ду нота; г) интервал байни се нота.
3. Интервал чӣ тавр тақсим мешавад?
   а) табиӣ ва лига; б) гармоникӣ ва табиӣ;
   в) мелодикӣ ва гармоникӣ; г) мелодикӣ ва хеззанӣ.
4. Тертсия кадам рақамро ифода мекунад?
   а) 5; б) 7; в) 3; г) 6.
5. Созҳои тории оркестри симфонӣ чӣ ном доранд?
   а) домбра, алт, виолончел, най, контрабас.
   б) қомуз, алт, виолончел, бас, контрабас.
   в) ғижжак (скрипка), алт, виолончел, бас, контрабас.
   г) арфа, алт, виолончел, бас, фортепиано.
6. Созҳоии мусиқии оркестри симфонӣ аз чанд гуруҳ иборатанд?
   а) 5; б) 4; в) 3; г) 6.
7. Созҳои нафасӣ ба чанд гуруҳ тақсим мешаванд?
   а) 4; б) 6; в) 2; г) 3.
8. Кадом созҳо ба созҳои мисини нафасӣ дохил мешаванд?
   а) карнай; б) най; в) фагот; г) свирел.
9. Кварта рақами чандро ифода мекунад?
   а) 1; б) 9; в) 4; г) 3.
10. Квинта кадом рақамро ифода мекунад?
   а) 5; б) 7; в) 8; г) 2.

11. Секта кадом рақамро ифода мекунад?
   а) 4; б) 6; в) 7; г) 5.
12. Септима кадом рақамро ифода мекунад?
   а) 6; б) 7; в) 9; г) 3.
13. Октава кадом рақамро ифода мекунад?
   а) 8; б) 4; в) 5; г) 1.
14. Хоре, ки бе ҳамовозии созҳо иҷро карда мешавад, чӣ ном дорад?
   а) Хори бачагона; б) хори халқӣ; в) хори академикӣ; г) хори а капелла.
15. Хормейстер кист?
   а) раҳбари хор; б) раҳбари рақс;
   в) раҳбари оркестр; г) раҳбари балет.
16. Калимаи «эстрада» чӣ маъно дорад?
   а) «фарши чӯбин»; б) «зинаи чӯбин»; в) баландӣ; г) саҳна.
17. Кадом барномаҳо барои сабти нотаҳо истифода мешаванд?
   а) VocalJam, KarMaker; б) Windows Media Player, Winamp;
   в) Final ва Увертюра; г) FL Studio, Dance eJay.

*Калид ба тестҳо доир ба саводи мусиқавӣ дар чоряки IV:*

1 - в; 2 - в; 3 - в; 4 - в; 5 - в; 6 - б; 7 - в; 8 - а; 9 - в;
10 - а; 11 - б; 12 - б; 13 - а; 14 - г; 15 - а; 16 - а; 17 - в.

**Тестҳо барои назария:**

1. Оркестри созҳои халқии қирғиз чӣ ном дорад?
   а) Асанкан Джумахматов; б) Атай Огамбаев;
   в) Карамолдо Оразов; г) Петр Шубин.
2. А. Джумахматов кӣ буд?
   а) композитор; б) раҳбари хор;
   в) дирижёри оркестр; г) раҳбари қомузнавозон.
3. Нахустин раҳбари оркестр кӣ буд?
   а) Карамолдо Орозов; б) Кенеш Алиев;
   в) Петр Шубин; г) Эсенгул Жумабаев.
4. Оркестри симфонӣ номи киро дорад?
   а) Атай Огамбаев; б) А. Джумахматов;
   в) Эсенгул Жумабаев; г) Петр Шубин.
5. Оркестр дар куҷо таъсис ёфта буд?
   а) дар театри драмавии ба номи Т. Абдимомунови Қирғизистон;
   б) дар қасри варзиши ба номи Кожомкул;
   в) дар филармонияи ба номи Т. Сатилганов;
   г) дар кинотеатри «Манас».
6. Кадом асарро С. Юсупов барои хор коркард кард?
   а) «Апакеме»; б) «Суруди фестивалӣ»;
   в) «Киз бала экен жилкичи»; г) «Тушумдо».
7. Оҳанги «Ибарат» барои кадом орккстр коркард шуда буд?
   а) барои оркестри созҳои нафасӣ; б) барои оркестри симфонӣ;
   в) барои оркестри созҳои халқӣ;    г) барои оркестри камеравӣ.
8. Асари «Арғунчак» ба кадом хор тааллуқ дорад»?
   а) омехта, бо ҳамовоза;  б) хори мардона, а капелла;
   в) хори бачагона бе ҳамовозӣ; г)хори занона, бо ҳамовозӣ.

9. П. Шубин кӣ буд?
   а) дирижёр, трубанавоз; б) композитор, дирижёр;
   в) дирижёр, оқин; г) раққос, қомузнавоз.
10. Э. Жумабаев кадом оҳангҳои қирғизиро барои оркестр коркард кардааст?
   а) «Саринжи Бокой», «Тогуз кайрик», «Музоокенин мундуу кюу».
   б) «Киз кербез», «Саринжи Бокой», «Тогуз кайрик».
   в) «Ак тамак, кок тамак», «Киз кербез», «Саринжи Бокёй».
   г) «Киргиз кочу», «Журок толкуйт», «Паровоз».
11. Чӣ тавр П. Шубин оркестрро бунёд ниҳод?
   а) раққосонро ҷамъ кард; б) қомузнавозонро ҷамъ кард;
   в) мусиқинавозонро ҷамъ кард;
   г) аз байни халқ он одамонеро интихоб кард, ки қобилияти мусиқишиносӣ доштанд.
12. Дар саргаҳи мусиқии эстрадии қирғиз кӣ истодааст?
   а) Курмангазӣ Азикбаев; б) Шамшибек Отобаев;
   в) Чоро Кожомжаров; г) Алтинбек Сапаралиев.
13. Кӣ муаллифи оҳанги суруди «Апакеме» аст?
   а) Р. Абдикадиров; б) Т. Казаков;
   в) К. Ортиқов; г) Ж. Шералиев.
14. Кӣ ба сарояндагони эстрадаи қирғизӣ дохил мешавад?
   а) Канимгул Досмамбетова; б) Кенже Кубатова;
   в) Гулнур Сатилганова; г) Саламат Садикова.

*Калид барои тестҳо доир ба маълумоти назариявии чоряки IV*

1-в; 2-в; 3-в; 4-в; 5-б; 6-г; 7-в; 8-в; 9-б;
10-в; 11-г; 12-г; 13-в; 14-в.

## Адабиёти истифодашуда


1. Абдыкадыров Р. «Ырларым менин тагдырым» (маҷмуъаи сурудҳо). Ф.: Адабият, 1989.

2. Алагушов Б. «Комузчулар өнөрү». Ф.: «Илим», 1976.

3. Алагушов Б. «Кыргыз музыкасынын тарыхынан»: Ф.: – Мектеп, 1989.

4. Алагушов Б. «Кылымдардын кылдары». – Ф.: 1983.

5. Аманбаев А., Давлесов Н. «Ырдоо, 1–4-класстар үчүн окуу китеби». Ф.: Кыргызмамбас, 1962.

6. «Маҷмуъи сурудҳои бачагона». Мураттиб. А. Укурчинов, Г. Эсенгулова. Б.: Учкун, 1998.

7. «Асарҳо барои хори бачагона». Мураттиб. Т. Чокиев. Б.: Кербез басмасы, 2009.

8. Бекбоев И. Б. «Инсанга багыттап окутуу технологиясынын теориялык жана практикалык маселери». – Б.: «Улуу тоолор», 2015. – 384 б.

9. Дүйшалиев К. Ш. «Кыргыз эл музыкасы»: Окуу китеби. – Б.: «Шам», 2007.

10. Дүйшалиев К. Ш. «Салттык музыка: теория жана усулдары». – Б. : Мега, 2012. – 188 б.

11. Дүйшембиева К. «Кыргыз элинин байыркы оозеки музыкалык чыгармачылыгынын таржымалы». – Б.: 2005. – 242 б.

12. «Кайбылда уулу Асан. Кыргыз күүлөрү»: Иликтөөлөр, ойлор, пикирлер: – Б.: 2011.

13. «Кыргызстандын тарыхы». – Ф.: 1996.

14. Мамбетакунов Э., Сияев Т. «Педагогиканын негиздери». – Б.: Айат, 2008. – 304 б.

15. «Сабыр уулу Буудайбек. Эл шайырлары: Адабий маек». –Б.: Турар, 2008. – 508 б.

16. Субаналиев С. «Кыргыз музыкалык аспаптары». – Ф.: 1986.

17. Шералиев Ж. «Тандалма ырлар жыйнагы». Ф.: Кыргызстан, 1982.

18. Эсенгулова Г., Чокиев Т. Бала кербез – 3. (музыкалык таалим жана хрестоматиялык жыйнак). – Б.: «Кербез» басма үйү. 2007. – 156 б.

# МУҲТАВО

Муқаддима . . . 3

## Чоряки I

Нақшаи тақвимии чоряки I . . . 11
Дарсҳои 1–2 . . . 13
Дарси 3 . . . 16
Дарси 4 . . . 18
Дарсҳои 5–6 . . . 20
Дарси 7 . . . 21
Дарси 8 . . . 23
Дарси 9 . . . 25

## Чоряки II

Нақшаи тақвимии чоряки II . . . 30
Дарсҳои 1–2 . . . 31
Дарси 3 . . . 34
Дарси 4 . . . 35
Дарсҳои 5–6 . . . 36
Дарси 7 . . . 38

## Чоряки III

Нақшаи тақвимии чоряки III . . . 41
Дарси 1 . . . 43
Дарсҳои 2–3 . . . 45
Дарсҳои 4–5 . . . 48
Дарси 6 . . . 51
Дарси 7 . . . 53
Дарсҳои 8–9 . . . 55
Дарси 10 . . . 57

## Чоряки IV

Нақшаи тақвимии чоряки IV . . . 62
Дарсҳои 1–2 . . . 63
Дарси 3 . . . 66
Дарси 4 . . . 68
Дарсҳои 5–6 . . . 70
Дарси 7 . . . 72
Дарси 8 . . . 74
Адабиёти истифодашуда . . . 78

Н а ш р и т а ъ л и м ӣ

**Муратова Айнура Муратовна,**
**Артиқов Қодиралӣ Ҷусупович**

**МУСИҚӢ**

Синфи 6

Дастури методӣ барои омӯзгорон

Тарҷумон: *С. Қараев*
Муҳаррир: *Қадиршои Муруват*
Мусаҳҳеҳ: *Истодаои Турсунова*
Муҳаррири техникӣ: *В. В. Крутякова*
Дизайнер: *Б. Тимуров*

Ба ҳуруфчинӣ супурда шуд 10.04.18 г. Ба чоп имзо шуд 16.08.18 г.
Формат 60x84 1/16. Коғази офсетии № 1. Гарнитура «Calibri».
Ҳаҷм 5,0 ф. п. л. Адади нашр 30. Фармойиши №

Дар нашриёти «Билим-компьютер» тайёр карда шуд.
720031, ш. Бишкек, кӯч. С. Ибраимов 24, 409.